## КАЛОМИ ПЕШВО

Сомониён ҳамчун хонадони миллатдӯсту ватанпарвар мақоми забони тоҷикиро чун забони расмӣ устувор карда, асосҳои сиёсии инкишофи онро фароҳам сохтанд.

Олимону донишмандон ва шоирону нависандагони тоҷик аз он рӯзгор то имрӯз барои рушду такомули забони модарии худ осори илмиву адабии пурғановате навишта, заминаҳои мондагории онро таъмин намуданд.

Забоне, ки дар саргаҳи рушди он устод Рӯдакӣ қарор дошт, ба ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ имкон дод, ки «Шоҳнома»-и безаволи худро таълиф намояд, Абуалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Умари Хайём ва садҳо нафар олимону донишмандони дигар шукӯҳу ҷалоли забони тоҷикиро ба аҳли олам муаррифӣ карданд, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ «Маснавии маънавӣ» ва ғазалиёти дилошӯби худро, ки имрӯз ҷаҳониён онро бо номи «Девони кабир» мешиносанд ва мехонанд, эҷод кард, Абдурраҳмони Ҷомӣ бо осори манзум ва «Баҳористон»-и бехазонаш шукӯҳи забони тоҷикиро боло бурд, Сайидову Аҳмади Дониш, устод Садриддин Айнӣ ва бузургони дигар бо асарҳои баландмазмуни худ барои пойдории забони тоҷикӣ корҳои шоистаи таърихиро анҷом доданд.

Бояд гуфт, ки ҳарчанд тайи асрҳои тулонӣ забони тоҷикӣ ҳамеша забони илму адабу фарҳанг буд, аммо баъди зиёда аз ҳазору сад сол – танҳо дар замони истиқлол – бори дигар ба ҳайси забони расмии давлатӣ соҳиби мақому манзалати аслии худ гардид.

Имрӯз забони давлатӣ ҳамчун яке аз рукнҳои муҳимтарини давлати соҳибистиқлоли тоҷикон эътироф гардидааст.

Маҳз Истиқлоли давлатӣ маҳдудиятҳои сунъиеро, ки дар роҳи рушди забони тоҷикӣ мавҷуд буданд, бартараф сохта, роҳи тараққиёти озодонаи онро таъмин намуд.

Имрӯз Ҳукумати мамлакат бо дастгирии мардуми шарифи Тоҷикистон барои пешрафти забони давлатӣ ва густариши доираи истифодаи он тамоми шароити заруриро фароҳам овардааст.

Ҳоло дар кишвар муқаррароти Қонун «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муваффақона, зина ба зина ва бомаром амалӣ шуда истодаанд.

Масъалаи истифодаи забони давлатӣ дар соҳаҳои илму маориф, фарҳанг, воситаҳои ахбори омма, марказҳои инноватсиониву технологӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, номгузории маҳалҳои аҳолинишин, номи ашхос ва самтҳои дигар дар маркази диққати Ҳукумати мамлакат қарор дорад.

Имрӯз забони тоҷикӣ дар ҳамоишҳои бонуфузи дохиливу хориҷӣ, аз ҷумла, аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид садо медиҳад.

Ин ҳолат аз манзалати забони давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар арсаи ҷаҳонӣ дарак медиҳад, ки боиси ифтихору сарфарозии ҳар як фарди миллатдӯст ва ватанпараст мебошад.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки ҳифзи асолати забони миллӣ дар замони ҷаҳонишавии босуръат, интишори бесобиқаи иттилооти гуногун, рушди техникаву технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ ва таъсири фарҳангу забонҳои бегона яке аз вазифаҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Дар ин росто, таъмин намудани рушди забони тоҷикӣ бо дарназардошти ҳамқадами навовариҳои илмӣ ва техникиву технологии ҷаҳон сохтани он низ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим мебошад.

Вазифаи олимону донишмандон дар чунин шароит аз он иборат аст, ки бо истифода аз тавоноиву имкониятҳои забона-

мон калимаву истилоҳоти нави мутобиқ ба мантиқу мазмуни соҳаҳои гуногунро сохта, ба истифода диҳанд, то дар ҳамаи қаламрави забони тоҷикӣ корбурди онҳо ҳамгуну ҳамсон бошад.

Агар аз ҳозир дар фикри ба забони давлатӣ мувофиқ кардани забони инноватсия ва технологияҳо набошем, на танҳо санъати сухан ва маданияти гуфтори мо, балки фасоҳату равонӣ, покиву зебоии забони модарӣ ва риояи меъёрҳои забони адабӣ таҳти таъсири манфӣ қарор хоҳад гирифт.

**Ҳамватанони азиз!**

Дар баробари омӯхтан ва арҷу эҳтиром гузоштан ба забони давлатӣ зарур аст, ки ба масъалаи донистани забонҳои хориҷӣ эътибори ҷиддӣ дода шавад.

Зеро ба аҳли олам беҳтар муаррифӣ кардани таъриху тамаддуни миллати бостонии тоҷик ва дастовардҳои давлати соҳибистиқлоли тоҷикон тавассути забонҳои хориҷӣ муяссар мегардад.

Зарур аст, ки махсусан, ба омӯхтани забонҳои русӣ ва англисӣ эътибори аввалиндараҷа дода шавад.

Чунки забонҳои зикршуда аз ҷумлаи забонҳои ҷаҳонӣ мебошанд.

Агар мо хоҳем, ки рушди ояндаи илмӣ ва техникиву технологии кишварамонро таъмин намоем, бояд шароит муҳайё созем, ки фарзандонамон забонҳои хориҷиро хуб омӯзанд ва ҳамчун кадрҳои ба талаботи замонаи пешрафт ҷавобгӯй ба камол расанд.

Дар баробари ин, таъкид менамоям, ки омӯхтани забонҳои хориҷӣ тавассути забони давлатӣ ва ба дараҷаи аъло донистани он ба роҳ монда шавад.

Ҳамчунин, мо бояд ба китобхонӣ таваҷҷуҳи доимӣ диҳем, зеро хондани китоб, дар навбати аввал, боиси болоравии сатҳи забондонӣ, маърифатнокӣ ва васеъ гардидани ҷаҳонбинии инсон мегардад.

Итминон дорам, ки ҳар як фарди огоҳ ва бонангу номуси миллати тоҷик дар оянда низ ба хотири ҳифзи забони давлатӣ, поку беолоиш нигоҳ доштани он ва вусъати доираи истифодаи забони ширину шоиронаи тоҷикӣ саъю талош мекунад.

Ҳамчунин, аҳли илм, адибону ҳунармандони тоҷик бояд таҷриба ва анъанаҳои неки ниёгони хешро дар самти нигаҳдорӣ ва мондагории забони модарии худ идома дода, дар таҳкиму такмили он саҳми боз ҳам бештар гузоранд.

Ҳамеша дар хотир бояд дошт, ки забони мо мисли миллати мо яке аз куҳантарин забонҳои дунё буда, таърих ва мероси фарҳангии мардуми бостониамон, аз ҷумла, Наврӯзро бо гузаштаи беш аз шашҳазорсолаи он дар худ инъикос кардааст ва то замони мо расонидааст.

Наврӯз, дигар расму оинҳо ва суннату анъанаҳои миллии мо мисли муҳаббат ба Ватан ва модар дар мағзи ҷони мо ҷой гирифтаанд ва мо бояд онҳоро эҳтиёт кунем ва рушд диҳем.

Бори дигар хотирнишон менамоям, ки забон, миллат ва давлат ҷузъҳои ҷудоинопазири якдигар ба ҳисоб рафта, устувории давлат, бақои умри миллат ва ҳувияти миллӣ ба василаи забон таъмин мегардад.

Забон гавҳари бебаҳо, мояи ифтихор ва олитарин муқаддасоти миллии мост, ки аз гузаштагон мерос мондааст ва мо бояд онро барои наслҳои оянда дар шакли суфтаву такмилёфта ва поку бегазанд ба мерос гузорем.

Бори дигар кулли мардуми шарифи Тоҷикистонро ба ифтихори Рӯзи забони давлатӣ самимона табрик гуфта, ба ҳар хонадони кишвар саодату оромӣ ва осоиши рӯзгор орзу менамоям.

**Рӯзи забони давлатӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

# ТАРБИЯТГАРИ НАСЛИ СОЗАНДАВУ БУНЁДКОР АСТ, ОМӮЗГОР

*Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи омӯзгорон*




**Устодон ва омӯзгорони муҳтарам!**

Ҳамаи шумо ва кулли кормандони соҳаи маорифро ба ифтихори Рӯзи омӯзгорон самимона табрик мегӯям.

Омӯзгорон дар ҳама давру замонҳо ҳамчун неруи тавоно ва қувваи пешбарандаи ҷомеа эътироф мешаванд.

Таҷлили Рӯзи омӯзгорон далели равшани эҳтироми давлату Ҳукумат ва мардуми кишвар ба аҳли таълиму тарбия ва равшангарони роҳи фардои ҷомеа мебошад. Ҳукумати мамлакат ба ҳалли масъалаҳои илму маориф ва кормандони ин соҳаи муҳим, пеш аз ҳама, омӯзгорон таваҷҷуҳи ҳамешагӣ зоҳир менамояд. Зеро мо хуб дарк мекунем, ки пешрафти ҳамаи соҳаҳои давлати соҳибистиқлоламон ва фардои дурахшони халқамон аз соҳаи маориф вобастагии бевосита дорад.

Ман зимни мулоқоту суханрониҳоям борҳо эътиқоду эҳтиромамро нисбат ба омӯзгорон ва аҳли маориф изҳор доштаам. Гуфтаам ва боз мегӯям, ки омӯзгорон ақл, шарафу виҷдони ҷомеа ва симои асосии он мебошанд. Онҳо донишу заковат ва гармии қалби худро бедареғ ба шогирдон мебахшанд ва хешро аз ин хушбахт мешуморанд. Дар робита ба ин, таъкид менамоям, ки тарбия ва ташаккули хислатҳои ҳамидаи инсонӣ дар ниҳоди насли наврас - насле, ки пояи илму фарҳанги миллатро дар оянда бояд ба сатҳи ҷаҳонӣ бардорад, маҳз ба омӯзгорон вобаста мебошад.

Барои расидан ба ин поя устодону омӯзгорони мо бояд масъулиятшиносу сахтгир бошанд ва ба масъалаи баланд бардоштани сатҳу сифати таълим эътибори аввалиндараҷа ва доимӣ диҳанд.

Бовар дорам, ки устодону омӯзгорони мо минбаъд низ барои тарбияи шоистаи наслҳои наврас ва пешрафти боз ҳам бештари Ватани азизамон ҷидду ҷаҳд менамоянд.

Бори дигар шумо - омӯзгорони шарафманди кишвари соҳибистиқлоламонро ба ифтихори ҷашни касбиатон самимона табрик мегӯям.

Орзу дорам, ки ҳамеша саодати рӯзгор насибатон бошад ва дар ҷодаи тарбияи насли созандаву бунёдкор ва ватандӯсту ватанпараст комёбу муваффақ бошед.

**Рӯзи омӯзгорон муборак бод!**

# ОМӮЗГОР – АФРӮЗАНДАИ ЧАРОҒИ ИЛМУ ДОНИШ

***Паёми табрикии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Раҳим Ҳамро ба ифтихори Рӯзи омӯзгорон***



**Ҳамватанони азиз!**
**Устодон ва шогирдони арҷманд!**

Таҷлили Рӯзи омӯзгорон, ки ҳар сол рӯзи якшанбеи ҳафтаи аввали моҳи октябр баргузор мешавад, пеш аз ҳама, далели эҳтирому эътиқод ба омӯзгорон ва аҳли маориф мебошад. Мо хуб медонем ва ифтихормандем, ки тоҷикон табиатан ба омӯзгорон эҳтироми самимӣ доранд, онҳоро чароғи роҳнамои ҷомеа медонанд ва дар ҳар ҳолат рӯйи ниёз ба маслиҳати ин хирадсолорон меоваранд.

Ҳамагон равшании ҷодаҳои имрӯзу фардои миллатро иртиботманд ба ақлу дониш ва фазилату маърифати омӯзгорон медонанд ва ба онҳо бо камоли эътиқод, самимона бо вожаи меҳрбори "устод" муроҷиат мекунанд. Қудрату тавонмандӣ ва саховату муҳаббати омӯзгорро ниёгони суханварамон ҳатто ба хуршеди оламтоб шабеҳ донистаанд:

**Муаллим офтобе дон, ки метобад**
**ба баҳру бар,**
**Зи нури илм равшан менамояд**
**даҳрро яксар.**

Дар солҳои соҳибистиқлолии ҷумҳуриамон ба шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳ ба соҳаи маориф рӯзафзун гашт ва мақому мартабаи чеҳраи меҳварии ин соҳаи афзалиятноку тақдирсоз – омӯзгор боз ҳам боло рафт. Сарвари кишвар ба омӯзгорон эҳтирому эътиқоди самимӣ дошта, онҳоро "бузургтарин сарвати маънавии миллат", "роҳнамои соҳибхиради насли наврас", "неруи тавонои пешбари ҷомеа" ва "афрӯзандаи чароғи дурахшони илму дониш" меноманду бар он назаранд, ки "пояҳои истиқлоли давлатамон маҳз дар заминаи фаъолияти бавусъату фидокоронаи аҳли маориф марҳала ба марҳала устувору пояндатар мешавад". Дар суханронии таърихию пурмуҳтавои худ ба ифтихори Рӯзи дониш (01.09.2024) Пешвои миллат омӯзгоронро ситоиш карда, чунин иброз доштанд: "Омӯзгор шахсест, ки бо нури саводу маърифат, илму дониш ҳаёти ҷомеаро равшан месозад, хурофоту ҷаҳолатро аз ҳаёти ҷомеа берун мекунад ва созандагону ободгарони ояндаи Ватанро ба камол мерасонад". Дар ҳамин суханрониашон Президенти мамлакат ба ниҳодҳои дахлдор супориш доданд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақоми омӯзгор" таҳия карда шавад ва имрӯз қонуни мазкур пурра таҳияву таҳрир шудааст дар арафаи ба имзо расидан қарор дорад. Албатта, қабули чунин санади муҳимми давлатӣ ба минбаъд боз ҳам бештар гардидани обрӯю эҳтиром ва мақому манзалати омӯзгорон ва тақвияти фаъолияти

онҳо мусоидат хоҳад кард ва давраи тозаеро дар ҳаёти аҳли маорифи кишвар ифтитоҳ хоҳад бахшид.

Дар оғози соли таҳсили равон низ Пешвои миллат зимни суханрониашон ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ ба омӯзгорон ва мақому эътибори онҳо дар ҷомеа таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, бо камоли эҳтирому эътиқод иброз доштанд: “Омӯзгор шаъну шарафи миллат аст ва имрӯзу фардои ҳар як кишвар ва ҷомеа аз сатҳи маърифат ва фаъолияти ӯ вобастагии калон дорад... Эҳтироми омӯзгор аз тарафи ҳар як фард эҳтироми худ, эҳтироми миллат ва эҳтироми ҷомеа аст”.

Имрӯзҳо Ҳукумати ҷумҳурӣ барои фаъолияти пурсамару бавусъати омӯзгорон тамоми шароити заруриро фароҳам овардааст. Ҷавобан ба ин, омӯзгорони моро зарур аст, ки дар татбиқи барномаҳои давлатии соҳа, такмилу таҳрири асноди таълимию тарбиявӣ, боло бурдани сатҳи саводнокии шогирдон, корбасти воситаҳои техникии таълим ва методҳои самаровар бо камоли масъулияту кордонӣ ва бо ҷидду ҷаҳд машғул шаванд. Далели барҷастаи фаъолияти шоистаи омӯзгорон аст, ки сол то сол сафи иштирокдорон ва ғолибони озмунҳои дохилию хориҷӣ барои мактабиён меафзояд ва хонандагону донишҷӯёни таълимгоҳҳои кишвари мо дар бонуфузтарин сабқатҳои илмию маърифатӣ парчамафрози Ватани маҳбубамон мешаванд.

Аҳли маорифи ҷумҳурӣ пайравону татбиқгарони садоқатманду фаъоли сиёсати оқилонаи Пешвои миллатанд ва дар таҳкими истиқлол, ҳифзи сулҳу ваҳдат, маҳкумсозии ифротгароёну нотавонбинони миллат фаъолияти файзбор доранд. Фаъолияти омӯзгорони шарафманди мо дар ин самтҳо минбаъд боз ҳам вусъат пайдо хоҳад карду фарогиртар хоҳад шуд.

Ба муносибати фарорасии ҷашни фархунда – Рӯзи омӯзгорон кулли устодону омӯзгорони муҳтарам, тамоми алоқамандони соҳаи маориф ва мардуми сарбаланди кишвари азизамонро табрик мегӯям. Ба аҳли таълиму тарбия сиҳатмандии устувору пирӯзиҳои бардавом ва рӯзгорони пурнишот таманно дорам.

**Рӯзи омӯзгорон муборак бод!**

## ОМӮЗГОР

**Боғбони насли инсонӣ бувад,
Равшанибахши рахи тори башар,
Ӯ биомӯзад ману моро адаб,
То шавем огоҳ аз ҳар хайру шар.**

**Офарин бар ҳимматат, омӯзгор,
Доимо бошад ба комат рӯзгор!**

**Эй накукирдор пири раҳнамо,
Дасти мо бигрифта, ҳарф омӯхтӣ,
Сӯхтӣ дар роҳи тадрису адаб,
Дар дили мо шавқи илм афрӯхтӣ.**

**Машъалафрӯзӣ ту, эй омӯзгор.
Доимо бошад ба комат рӯзгор!**

**То ҷаҳон боқист, монад ҷовидон
Номи ту дар сархати лавҳи башар.
Эй муаллим, устод, омӯзгор,
Ҷаври ту болост аз меҳри падар.**

**Ин таманно бахри туст, омӯзгор,
Доимо бошад ба комат рӯзгор!**

**Ҷаҳони АНДЕША**

**Санавбар ШАРИФОВА,**
**ходими калони илмии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ**



# ПЕШВОИ МИЛЛАТ - ИФТИХОРИ МИЛЛАТ

Таърихи инсоният гувоҳ аст, ки дар ҳар давру замон бузургоне зода шудаанд, ки барои ҳифзи таъриху маданият, фарҳангу санъат, пойдории давлату бақои миллати хеш ҷони худро кафи даст гирифта, хидматҳои шоён намуда, номи неки худро дар саҳфаи таърихи миллат бо ҳарфҳои заррин сабт намудаанд.

Хушбахтона, барои халқу миллати тоҷик ҳам дар як вазъияти басо мушкил, дар рӯзҳое, ки ҳастию бақои давлати тозаистиқлол бо дасисаю фитнаҳои душмани хориҷӣ зери хатари нобудшавӣ қарор дошт, абармарде, сиёсатмадори пурталоше дар симои Пешвои миллати тоҷик, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯйи майдони сиёсат омада, завраќи шикаста ва дар тӯфони пурталотум ғарқшавандаро ба соҳили оромишу осоиш, якдилию бародарӣ ва умеду орзуҳои деринаи ин халқи куҳанбунёд расониданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъд аз ҳалли низои тоҷикон ва истиқрори сулҳу ваҳдат дар кишвар ба таҳқиқи бевоситаи таърихи халқи тоҷик пардохтанд. Асарҳои арзандаву мондагорашон - «Тоҷикон дар оинаи таърих», «Назаре ба таърих ва фарҳанги ориёӣ», «Аз Ориён то Сомониён», «Уфуқҳои Истиқлол», «Чеҳраҳои мондагор», «Муҳити зиндагӣ ва оламни андешаҳои Имоми Аъзам» ва ғайра, дар байни аҳли илми дохил ва хориҷи кишвар мавриди алоқамандӣ ва пазирой қарор гирифтаанд.

Имрӯз Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ, дунявӣ, ҳуқуқбунёд ва ягона дар фазои сулҳу осоиштагӣ ва дар роҳи ташаккули давлатдории миллӣ ва бунёди ҷомеаи мутамаддин собитқадамона ба пеш ҳаракат мекунад. Мо ифтихор аз он дорем, ки бо ҷонибдорӣ аз сиёсатҳои бунёдкоронаи Президенти маҳбубамон дар даврони Истиқлоли давлатӣ пойдевори давлатдории миллиро қавӣ намуда, ба сӯйи фардои боз ҳам осудаву обод устуворона қадам мегузорем.

Бояд зикр намуд, ки таблиғи арзишҳои маънавии халқи тоҷик дар байни ҷавонон ҷиҳати ташаккули худшиносиву худогоҳии миллӣ дар меҳвари таваҷҷуҳи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Сарвари давлат ба ин маънӣ чунин гуфтаанд: «Мо бояд аз умқи таърих шуъла бардорем, на ин ки хокистар».

Таърихи ниёгони мо пур аз саҳифаҳои қаҳрамонӣ буда, дар натиҷаи мутолиаи онҳо ҷавонон нисбат ба Ватан-Модар нигоҳи дигар пайдо карда, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки номбардори гузаштагони хеш бошанд. Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар суханрониҳои худ таъкид кардаанд: «Ҷавонон бояд номбардори ниёгони хирадманд, сулҳпарвар, эҷодкор ва баору номуси хеш бошанд». Моҳияти ин гуфтаи Пешвои миллат дар руҳияи худшиносиву худогоҳӣ, эҳтиром ба Ватан ва ба арзишҳои милливу умумибашарӣ таълим додану тарбия кардани фарзандон, ҳамчунин, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳо мебошад, ки барои ба ҳаёти мустақилона омода кардани онҳо мусоидат менамояд.

Имрӯз Тоҷикистони азизи мо ба муваффақиятҳои назарраси сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ноил шудааст, ки мисоли барҷастаи он пазироии пешниҳоду ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат оид ба ҳалли мушкилоти глобалии сайёра дар сатҳи байналмилалӣ мебошад.

Пӯшида нест, ки халқи тоҷик таърихи қадимаи давлатдорӣ ва фарҳанги ҷаҳоншумул дошта, бо муборизаҳои амиқу иродатмандона давлатҳои мустақили Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, Ғуриён ва амсоли инҳоро дар ҳудуди собиқ давлати Сосониён ба вуҷуд оварда, анъанаҳои қаблии давлатдорӣ ва дигар расму русуми

мардумии худро эҳё карда, хеле инкишоф доданд. Аз миёни мардуми тоҷик шахсони шуҷоъ то ба маснади сарлашкарии хилофати араб расида буданд, ки мақсади асосиашон истиқлоли Хуросону Мовароуннаҳр буд. Ҳайдари Афшин яке аз стратегҳои низомии он даврон буд. Ин фарзанди барӯманди тоҷик аз Истаравшан буда, дар умури идории хилофати араб то ба сарлашкарӣ расид, дар ҷангҳо пирӯзиҳои бузург ба даст овард, вале бар асари хиёнати дарбориён қурбон шуд.

Пешрафти устувори ҷомеа ва таҳкими асосҳои соҳибистиқлолӣ, аз як тараф тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва дарки амиқи худшиносии миллии мардумро тақозо намояд, аз тарафи дигар ба кордонӣ, масъулиятшиносӣ ва поквиҷдон будани кормандони масъули давлатӣ вобаста аст. Дар ҳамин масъала робитаи диалектикаи ҷомеа - давлат бештар зоҳир шуда, барои ташаккули дурусти худшиносӣ ва дарки манфиатҳои миллӣ имкони бештар ва вуҷуд хоҳад омад. Аз ин рӯ, мову шумо бояд барои тақдири миллат, таъмини ваҳдати миллӣ, пойдории субот ва оромии ҷомеа бетафовут набошем.

Солҳои 1992-1997 давраи мушкилтарини таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол буд, ки бегуфтугӯ хатари аз байн рафтани кишварамон вуҷуд дошт. Гирифтани пеши роҳи чунин фоҷеаи мудҳиш ва ба даст овардани ваҳдати деринтизори миллӣ яке аз армонҳои аслии халқи тоҷик маҳсуб меёфт. Ҳамаи ин армонҳоро мардум дар симои роҳбари аз миёни халқ баромадаву халқпарвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон диданд. Аз ин сабаб буд, ки Пешвои миллат аз рӯзҳои аввали ба кор оғоз карданашон ҳамчун роҳбари ҷавону корозмуда ба неруи халқу миллати хеш такя кардaнд ва дар ҳамбастагӣ роҳи наҷоти миллатро ҷӯё шуданд. Хушбахтона, рӯзи 27-уми июни соли 1997 «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ» имзо гардид ва дар давлати ҷангзадаи Тоҷикистон сулҳу ваҳдати миллӣ таъмин шуд.

Минбаъд, бо талошҳо ва ташаббуси ин марди хирад Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ ба сифати кишвари мустақил ва соҳибихтиёру ташаббускор муаррифӣ гардид. Ҳамин буд, ки зиёда аз 192 кишвари рӯйи дунё Тоҷикистони азизи моро ба расмият шинохтанд. Сафоратхонаҳои Тоҷикистон дар гӯшаҳои олам дарҳои худро боз карданд. Аз минбарҳои бонуфузи ҷаҳон бо лаҳни тоҷикӣ Пешвои миллати мо оид ба мушкилоти аср баромадҳо карда, ба манфиати мардуми рӯйи олам пешниҳодҳои арзишманде ироа карданд, ки мақому манзалати мардуми бо илму фарҳанги тоҷикро боз ҳам баландтар бардошт.

Бузургтарин дастоварди Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бешубҳа, барқарор кардани сулҳи комил ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон мебошад. Пешвои миллат ба ивази саҳми хеле арзишманд дар таъмини сулҳи Тоҷикистон ва таҳкими амнияти минтақа ва дигар хидматҳои шарофатмандонаашон дар вусъати муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории байни мардум бо унвону нишонҳои олии давлатҳо ва созмонҳои гуногуни ҷаҳон сарфароз гардидаанд.

Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин ба таҷрибаи сулҳоварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳо дода, чунин гуфтааст: “Эмомалӣ Раҳмон дар байни сиёсатмадорони ИДМ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Ҳар он чӣ ки дар Тоҷикистон ба амал меояд, барои бисёр халқҳо ва кишварҳо намунаи ибрат аст”.

“Тоҷикони сарбаланду меҳнатдӯст, боистеъдод ва меҳмоннавоз, воқеан, бо ҳамватани худ – Эмомалӣ Раҳмон ифтихор мекунанд. Сиёсати оқилона ва созандаеро, ки ин марди хирад, сиёсатмадори тавоно пеш мебарад, кишварашро аз маҳвшавӣ ҳифз кард ва ба ин сарзамин сулҳу осоиш овард”, - мегӯяд Президенти Ҷумҳурии Белорус Александр Лукашенко.

Мо ба Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун наҷотбахш, сарҷамъкунандаи миллат, кафили сулҳу ваҳдат, эҳёгари фарҳанги миллӣ, бунёдгузори мактаби давлатдории навини миллӣ менигарем. Ҳамфикрию тарафдорӣ аз Пешвои миллат ин хушбинӣ ба ояндаи устувори давлатдории миллӣ, истиқлоли сиёсӣ ва фикрии миллат мебошад. Зеро сиришти мардумӣ, эҳсоси худшиносӣ, иродаи қавӣ ва таҷрибаи бузурги Пешвои миллат қалби ҳар шаҳрвандро саршор аз ҳисси боварию эътимод ба фардо, баояндаи фарзандони худ ва ба дурнамои рушди давлату миллат менамояд.

**Суҳбаторо Ҷ. САЙФУДДИН,**
**«Маърифати омӯзгор»**

# ҲУСЕЙН АЛИЗОДА: МЕҲРУ МУҲАББАТ БА КАСБ СУТУНИ АСОСИИ МУВАФФАҚИЯТ АСТ




Омӯзгор роҳнамои олами маърифат ва равшангари шуури башарият аст. Ӯ бо садоқату иродаи инсонпарварона наврасонро ба саъю талош дар масири донишомӯзӣ ва зиндагии шоиста ҳидоят мекунад. Кору зиндагии омӯзгорон ҳамеша дар меҳвари таваҷҷуҳу дастгириҳои ҳамешагии Роҳбарияти Олии мамлакат қарор дошта, сол то сол мақому мартабаи омӯзгор дар ҷомеа волову аъло мегардад.

Танзими қонунгузории соҳа ҷиҳати таъмини шароити иҷтимоии омӯзгорон, баланд гардидани маоши вазифавӣ, ҳавасмандии онҳо дар самти илму маърифат далели ин гуфтаҳост. Ҳамасола бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати кашфи истеъдодҳо ва қадршиносӣ аз заҳматҳои омӯзгорони мамлакат озмунҳои илмӣ - маърифатӣ баргузор мешавад.

Имсол дар Озмуни ҷумҳуриявии «Омӯзгори соли Тоҷикистон - 2025», ки бо омодагии ҷиддии илмӣ - тахассусӣ баргузор шуд, Ҳусейн Ализода, омӯзгори фанни биологияи Литсейи ба номи Умари Хайёми ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соҳиби ин унвони пуршараф гардид. Як суҳбати самимӣ оростем бо муаллими навовару номвар, ки фишурдаи онро пешкашатон мекунем.

**- Дар оғози суҳбат шуморо бо ин дастоварди бузург табрик мегӯем. Лаҳзае, ки эълон карданд, “Омӯзгори соли Тоҷикистон” шудед, чӣ эҳсос доштед?**

- Ташаккур. Эҳсоси тасвирнашаванда аст. Маросими қадрдонии ғолибони озмунҳои ҷумҳуриявӣ дар ҳамоиши бошукӯҳ ба муносибати Рӯзи омӯзгорон дар толори барҳавои Кохи «Суруш» баргузор шуда, аҳли маорифу маънавиятро гирди ҳам оварда буд. Он лаҳза як толори пур аз шахсиятҳои арзанда ва фидоиёни пешаи омӯзгорӣ ба ифтихори ин пирӯзӣ бароям каф мекӯбиданд. Замоне, ки мукофот ва ҷоми ғолибиятро аз дасти муовини Сарвазири кишвар Дилрабо Мансурӣ ва вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода гирифтам, фаромӯшнашаванда буд. Тамоми он заҳмату шабзиндадориҳо ва солҳои талош дар ин лаҳза ба ҳисси аҷиби хушҳолию ифтихор мубаддал гардиданд. Собит шуд, ки кӯшишҳои пайвастаам самар овард - қадршиносӣ шуданд ва он дам пеши назарам чеҳраҳои гарми волидонам, устодон, шогирдон ва ҳамаи онҳое, ки бо боvариву эътимод дар паҳлуям буданд, падид омад. Эҳсоси фараҳу шодӣ ва ҳисси масъулияти бузург дар пеши миллат ва фарзандони ин сарзамин дар ниҳодам ҷӯш мезад.

**- Тавре медонем, шумо қаблан ҳам дар ин озмун иштирок карда будед. Чӣ чиз шуморо ҳар дафъа пеш мебурд ва водор мекард, ки батакрор дар он ширкат намоед?**

- Дуруст аст. Ҳангоми қадамҳои аввалини худро гузоштан дар озмунҳои бузург барои донишамро санҷидан ширкат мекардам. Ман бо ҳар иштирок таҷрибаи тоза мегирифтам. Баъдан

ин ба як ҳадафи бузург мубаддал гардид. Иродаву талош ҳамеша инсонро муваффақ мегардонад ва боварии падару модар, дӯстону устодон инсонро руҳияи нав ато месозад. Биноан, инсон ҳамеша бояд дар талошу кӯшиш бошад.

**- Одатан, ҳар омӯзгор як ҳикояи ҷолиб доир ба омӯзгор шудан дорад. Чӣ сабаб шуд, ки ба ин касб дил бастед ва чаро махз фанни биологияро интихоб кардед?**

- Аз кӯдакӣ табиат ва олами зинда барои ман як асрори бепоён буд. Бо шавқ ба растаниҳо менигаристам, фарқи онҳоро меомӯхтам ва аз ҳар як баргу гул маъно меҷустам. Дар мактаб омӯзгори фанни биологияи мо шахсияти фарҳехта, донишманд ва меҳрубон буд. Рӯзе аз ман тақозо кард, ки мавзуеро барои ҳамдарсонам шарҳ диҳам. Он лаҳза гӯё заминаи интихоби касби ман гузошта шуд. Он рӯз фаҳмидам, ки мехоҳам ин роҳи пуршарафро пеш гирам. Устодам буданд, ки дар дили ман муҳаббат ба илм ва эҳсоси эҳтиром ба зиндагиро тақвият бахшиданд. Ин боис шуд, ки пешаи омӯзгориро интихоб кунам ва ҳоло аз ин касби муқаддас ном ёфтааму нон мехӯрам.

**- Саломат бошед. Тавре гуфтед, ҳар омӯзгор дар пешрафти кори худ боз роҳнамое дорад. Аз онҳо бигӯед.**

- Бале, дуруст аст. Ҳеч инсоне наметавонад бе ҳузуру таъсири устодон ба ҷое бирасад. Банда низ дар кору зиндагӣ устодони бузург дошта, аз ҳар яки онҳо сабақи муҳим гирифтаам. Эҳсоси масъулиятро аз яке, низоми идораи синфро аз яке, дарсҳои тахассусиро аз дигарон ва услуби кориро аз яке. Аз ин рӯ, ҳар як устод ба ман мактаби бузурги омӯзгориро мерос додаанд. Ин гуфтаи устодон ҳамсафари доимии кору зиндагиям мебошад: **“Омӯзгор бояд, пеш аз ҳама, инсони нек бошад”** ва ман мекӯшам ҳар рӯз ба ин андеша содиқ бимонам.

**- Шогирдонатон мегӯянд, ки дарсҳои шумо ҷолиб мегузаранд. Чӣ тавр тавонистед дарси биологияро ба як машғулияти шавқовар табдил диҳед?**

- Биология фаннест, ки худаш пур аз зебоиҳои ҳаёт аст. Ман кӯшиш мекунам, ки хонанда ин зебоиро эҳсос кунад. Барои ҳамин дар дарсҳо аз усулҳои таҷрибавӣ, лоиҳаҳо ва бозиҳои шавқовар истифода мебарам. Ман мекӯшам, ҳар мавзуъро ба ҳаёти воқеӣ пайванд диҳам, то дониш дар зеҳни хонандагон табдил ба таҷриба шавад. Донишҳо ва мушоҳидаҳои худи хонандагонро таҳрик додан лозим аст, то хонанда худро ҷузъи аслии дарс тасаввур кунад. Аз ин рӯ, дар дарс гузаронидани таҷрибаҳо, бозӣ, таҳқиқ ва лоиҳаҳои муосир ниҳоят заруранд. Ман бовар дорам, ки ҳар дарс бояд ба як сафари шавқовар табдил ёбад, ки дар он ҳам омӯзгор ва ҳам шогирд ҳамроҳ ҳастанд.

**- Тавре мебинем, Пешвои миллат соҳаи маорифро пайваста дастгирӣ намуда, нақши созандаи омӯзгоронро дар ҷомеа эътироф ва таъкид мекунанд. Шумо ҳамчун омӯзгор ин ғамхориҳоро чӣ гуна тафсир мекунед?**

- Бешубҳа, дастгириҳои Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҳар як омӯзгор манбаи илҳоми бузург мебошанд. Имрӯз мо мебинем, ки маориф ҳамчун пояи асосии давлатдории миллӣ эътироф шуда, мавриди таваҷҷуҳи доимӣ қарор дорад. Омӯзгор эҳсос мекунад, ки меҳнаташ қадр мегардад, суханаш шунида мешавад ва талошаш беподош намемонад. Бо шарофати сиёсати маорифсолори Сарвари давлат имконоти васеъ барои омӯзгорон фароҳам шудааст. Курсҳои такмили ихтисос, озмунҳои ҷумҳуриявӣ, дастгирии моддӣ, молӣ ва маънавӣ намунаи равшани ин ибтикорот мебошад. Озмуни ҷумҳуриявии «Омӯзгори соли Тоҷикистон» низ яке аз ҳамин иқдомҳои наҷиб аст. Илова бар ин, омӯзгори ҳар хонандае, ки дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муваффақ мегардад, низ қадршиносӣ мегардад, ки ҳамаи ин мо - омӯзгоронро руҳия дода, масъулияти бузургеро бар дӯшамон мегузорад.

**- Ба назари шумо омӯзгори муосир бояд чӣ гуна бошад?**

- Омӯзгори имрӯза бояд, пеш аз ҳама, инсони намунавӣ ва соҳиби дониши амиқ буда, ҳар рӯз донистаҳои худро нав кунад ва ҳамзамон, решаҳои ахлоқию инсондӯстиро тақвият бахшад. Инчунин, доимо аз пайи такмили малакаҳои касбӣ бошад, падидаҳои илмиро таҳлил намуда, ҳамқадами замон гардад ва технологияҳои навинро босамар истифода барад. Бояд чунин эҳсос дошта бошад: “Имрӯз ман наслеро парвариш медиҳам, ки ояндаи давлату миллати тоҷик аз онҳо вобаста аст.”

**- Дар баробари иҷрои рисолати бузурги омӯзгорӣ шумо мақолаҳо низ менависед. Чӣ шуморо ба навиштан водор мекунад ва чаро барои як омӯзгор муҳим аст, ки фақат ба дарс иктифо накунад?**

- Барои ман навиштан як ниёзи руҳист. Вақте таҷрибаҳои кориро навишта, дар матбуот нашр мекунӣ, яъне, онро бо дигарон тақсим менамоӣ. Ҳар як мақола метавонад барои омӯзгори дигар роҳнамое шавад. Банда низ аз таҷрибаҳои омӯзгорони собиқадори кишвар омӯхта, онҳоро дар раванди таълим истифода мебарам. Дар ин баробар, мақола менависам, то таҷрибаҳои худро дар бораи усулҳои нави таълиму ва тарбия ба ҳамкасбон расонам. Навиштани мақола омӯзгорро водор мекунад, ки бештар андешад ва таҷрибаҳоро таҳлил намояд.

**- Сарфароз бошед, муаллим. Мехоҳам боз андаке доир ба ғолибияти шумо ҳарф занем. Шогирдонатон чӣ гуна аз пирӯзиятон истиқбол карданд?**

- Эҳсоси онҳо беҳтарин ҷоизаи ман буд. Пеш аз натиҷа ҳамаашон пур аз ҳаяҷон буданд. Пас аз эълон шудани ғолибият табассуму ашки шодӣ дар чеҳраҳояшон якҷо буд. Онҳо маро бо гулдаставу табрикномаҳо ва суханони самимӣ пешвоз гирифтанд. Аммо муҳимтар аз ҳама, ман дар чашмонашон ифтихорро дидам: ифтихор аз он ки омӯзгорашон тавонист ному обрӯи мактабро баланд бардорад. Бовар кунед, ҳамин эҳсос тамоми заҳматҳоро арзишманд мекунад. Ҳар омӯзгор вақте мебинад, ки шогирдонаш аз комёбиаш ифтихор доранд, дучанд ба ин касб дил мебандад.

**- Ба омӯзгорони ҷавоне, ки нав ба ин пеша қадам мениҳанд, чӣ мегӯед?**

- Ба онҳо мегӯям: пеш аз ҳама, ин касбро бо дил интихоб кунед. Ҳеҷ гоҳ аз мушкил наҳаросед, ҳар душворӣ қадаме ба сӯйи камолот аст. Ин роҳ осон нест, вале пуршараф аст, муқаддас аст ва вежагии ахуроӣ дорад. Омӯзгор бояд сабур бошад, чун дарахти талошаш баъди солҳо мева медиҳад. Бояд муҳаббат дошта бошад, зеро бе муҳаббат таълим сухани хушк аст. Дар маҷмуъ, сабр, меҳру муҳаббат ва талош - се сутуни асосии муваффақияти ҳар як омӯзгор аст, ки ҷавонон ин ҳамаро дарк намуда, интихоби худро бовар кунанд. Зеро дар дунё ҳеҷ чиз зеботар аз парвариши инсон нест.

**- Дар муваффақиятҳои шумо нақши оила чӣ гуна буд?**

- Оила боз як мактаби бузурги дигар аст, ки бе дастгирии он комёб шудан имкон надорад. Вақте хонавода боварат доранд, ту дигар аз ҳеҷ чиз наметарсӣ. Пайвандонам барои ман сарчашмаи оромӣ, тавозун ва такягоҳи аслист. Бе муҳаббат ва дастгирии онҳо шояд ман ба ин ҷо намерасидам. Муҳити гарми оила мисли паноҳгоҳи маънавиест, ки омӯзгорро аз хастагӣ раҳо мекунад. Вақте аз кор бармегардам, бо ҳам суҳбат мекунем ва то андозае сабукии равонӣ мегирам. Падару модарам аз кӯдакӣ ба ман меҳнатдӯстӣ, ростқавлӣ ва эҳтиром ба одамонро омӯзонданд. Ман як умр аз дастгириҳояшон сипосгузорам.

**- Пас аз ғолибият чӣ ҳадафҳои нав доред?**

- Бароям ин ҷоиза оғози як марҳилаи нави корист. Ният дорам таҳсили худро идома дода, дар соҳаи биология корҳои илмӣ анҷом диҳам ва вориди муҳити илмӣ шавам. Азми аслиям ин аст, ки таҷрибаи таълимиро бо таҳқиқоти илмӣ пайванд созам. Зеро омӯзгоре, ки худ меомӯзад, метавонад дигаронро низ беҳтар омӯзонад. Инчунин, ният дорам дар рушди маориф ва илми Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳм гузорам.

**- Ва ниҳоят, паёми шумо ба омӯзгорони Тоҷикистон.**

- Ҳамкасбони азиз, тавре Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфтаанд: **“Омӯзгор шаъну шарафи миллат аст”**. Ин сухан барои мо бояд шиори зиндагӣ бошад. Зеро мо - омӯзгорон дар баробари иҷрои рисолати касбӣ барои садсолаҳо таҳкурсии давлатдории миллиро мегузорем ва дар ҳифзи асолат, худшиносӣ ва бедории зеҳнҳои ҷомеа саҳм мегузорем. Аз ин рӯ, аз пешаи муқаддаси худ ифтихор кунед, ба касби худ муҳаббат варзед, зеро муҳаббат неруи муъҷизавиест, ки ҳар дарсро ба дарси зиндагӣ табдил медиҳад.

**- Муаллими арҷманд, барои як суҳбати самимӣ аз шумо сипосгузорем ва дар иҷрои ин рисолати бузург иродаи қавӣ ва саломатии ҳамешагӣ таманно дорем.**

***PS. Хонандаи арҷманд, хулосаи суҳбат бо Ҳусейн Ализода - ғолиби Озмуни ҷумҳуриявии «Омӯзгори соли Тоҷикистон - 2025» нишон медиҳад, ки муваффақият натиҷаи талош, омӯзиш, меҳру муҳаббат ва сабру садоқат ба пешаи омӯзгорӣ аст. Барои ҳамин дар амалӣ кардани ҳадафҳо ба худ бовар дошта бошем ва пайи ҳадафҳои маънавӣ боварӣ ва талошро раҳо насозем.***

**Дилноза АҲМАДЗОДА,**
**вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои сиёсӣ**



# РУШДИ ЗЕҲНИИ НАСЛИ НАВРАСУ ҶАВОН ДАР СИЁСАТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Рушди зеҳнии насли наврас яке аз омилҳои калидии ташаккули ҷомеаи муосир ба шумор меравад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, рушди технологияҳои иттилоотӣ ва афзоиши рақобати байналмилалӣ сатҳи тафаккури насли наврасу ҷавон на танҳо ба ояндаи шахсии онҳо, балки ба пойдории иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ низ таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, таҳқиқи омилҳо, роҳҳо ва механизмҳои дастгирии рушди зеҳнии наврасон барои аксари давлатҳои ҷаҳон аҳаммияти стратегӣ дорад [7].

Таваҷҷуҳи доимии давлат тавассути сохторҳои дахлдор ба масъалаи рушди зеҳнии кӯдакон ва наврасон ҳамчун як системаи стратегӣ ва ҳамоҳангшуда равона гардида, таъмини таълими босифат, тарбияи истеъдодҳои ҷавон ва дастгирии хонандагони лаёқатманд ва фароҳам овардани муҳити созандаву илҳомбахш, ки ба рушди ҳамаҷонибаи шахсияти онҳо равона шудааст, самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб рафта, дар меҳвари фаъолияти давлат қарор дода шудааст. Ин равиш танҳо ба интиқоли донишҳои анъанавӣ маҳдуд намешавад, балки ба ташаккули тафаккури интиқодӣ ва эҷодкорона, тавоноии таҳлили мустақилонаи иттилоот, малакаи қабули қарорҳои дуруст ва қобилияти мутобиқшавӣ ба ҷаҳони босуръат тағйирёбанда мусоидат менамояд. Дар чунин замина, тамоми талошҳо бар он равона карда мешавад, ки кӯдак як шахсияти соҳибистеъдод, худшинос ва дорои ҷаҳонбинии фарогир ташаккул ёбад. Ҳадаф аз ин раванд на танҳо баланд бардоштани сатҳи маърифат, балки омода сохтани насли нав барои зиндагӣ дар ҷомеаи муосир аст, ки дар он донишу эҷодкорӣ арзиши олӣ доранд. Ин равиши фарогир ба кӯдакон ва наврасон имкон медиҳад, ки тавоноиҳои зеҳниву эҷодии худро пурра истифода баранд, дар худ ҳисси масъулият, иродаи мустақил ва қудрати навовариро рушд диҳанд.

Татбиқи самараноки ин сиёсати давлатӣ ба ташаккули насли аз лиҳози зеҳнӣ пуриқтидор, ки метавонад арзишҳои миллӣ ва умумибашариро дар ҳамбастагӣ ҳифз карда, дар арсаи ҷаҳонӣ рақобатпазир гардад, заминаи устувор мегузорад. Ҳамин тариқ, сармоягузории давлат ба рушди зеҳнии кӯдакон ва наврасон ин сармоягузорӣ ба ояндаи миллат мебошад. Насли аз лиҳози зеҳнӣ ташаккулёфта рушди устувори ҷомеаро таъмин мекунанд, иқтидори иқтисодӣ ва фарҳангии онро тақвият мебахшанд ва насле ба камол мерасад, ки на танҳо барои муваффақияти касбӣ омода аст, балки барои фаҳмиши амиқи мушкилоти замони муосир дар ҳалли эҷодкорона ва маърифатии вазифаҳои мураккаб низ қобилият дорад.

Воқеан ҳам, рушди зеҳнии насли наврас на танҳо масъалаи шахсӣ, балки омили муҳимми рушди устувори миллӣ ва ҷаҳонӣ мебошад. Давлатҳое, ки ба рушди зеҳнӣ таваҷҷуҳ мекунанд, дар оянда метавонанд иқтисоди ба дониш ва навоварӣ асосёфта, ҷомеаи таҳаммулгаро ва сиёсати устуворро таъмин намоянд. Ҳамин тавр, сармоягузорӣ ба зеҳни насли наврас сармоягузорӣ ба ояндаи инсоният аст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 декабри соли 2017, баён доштанд, ки «барои давлат миллати солим, мардуми солим зарур

аст. Кӯдакон ояндаи ҷомеа мебошанд, таъмини ҳуқуқҳои онҳо, ҳифзи саломатӣ, рушди солимию ҷисмонӣ ва равонии онҳо вазифаи аввалиндараҷаи ҳар давлату ҷомеа ба ҳисоб меравад» [1].

Дар робита ба ин, тадбирҳо ва татбиқи самараноки ҳуқуқҳои кӯдак, инчунин, таваҷҷуҳи асосӣ, пеш аз ҳама, ба баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи насли наврас дар мамлакат, фароҳам овардани шароити созгору мусоид барои хонандагон, бахусус, кӯдакони лаёқатманд буда, ба ин васила, истеъдодҳои наврасу ҷавон кашф ва тарбия карда мешаванд.

Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон барои рушди соҳаи маориф ҳамчун неруи пешбарандаи ҷомеа аҳаммияти хосса медиҳад [2].

Махсусан, дар даврони истиқлоли кишвар, маҳз дар заминаи сиёсати маорифпарваронаи Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои такмил додани соҳаи маориф ислоҳоти соҳа ба роҳ монда шуд, ки сиёсати бонизом ва босуботи таҳсилотро дар ҷомеа фароҳам овард. Аз ҷумла, бунёд, таъмиру тармими мактабҳо, таҷҳизонидани онҳо бо маводи зарурии хониш, нашри китобҳои дарсӣ, таъсиси таълимгоҳҳои типи нав, ҷорӣ намудани усулҳои муосир ва пешрафтаи таълим татбиқ шуданд. Зеро ташкили раванди бонизом ва босифати таҳсилот ба инкишофу тараққиёти босубот ва устувори ҳаёти ҷомеа мусоидат менамояд ва нақши илму маориф барои таълиму тарбияи насли солим, шахси фаъолу созанда ва эҷодкор бисёр бузург мебошад.

Таҳкими санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар дар даврони соҳибистиқлолӣ ва ислоҳоти меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф боис гардид, ки тамоми ҷанбаҳои соҳаи маорифи кишвар дар доираи татбиқи амалӣ ва босифати қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ», «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», «Дар бораи таҳсилоти калонсолон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат», «Дар бораи Парки технологӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зериқонунӣ ба низом дароварда шуданд.

Таҳкурсии ҳуқуқии таҳкими санадҳои меъёрӣ оид ба тарбияи насли созандаю бунёдкор, иттилоотикунонии ҷомеа ва самтҳои идоракунии таъсири он бахри тарбияи солими насли наврасу ҷавон ва тарбияи ғоявӣ, миллӣ, ахлоқию маънавӣ, хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ, ватанпарастӣ, гуманистӣ, зебоипарастӣ, иқтисодӣ, инчунин, асосҳои иқтисодии тайёр намудани сармояи инсонӣ дар низоми тарбияи насли наврас равона карда шуда, бахри рушди фарҳангу маданияти миллӣ, таърих, забон, дунёи пурғановати маънавӣ, фикру ҷисми солим, эҳсоси баланди ватандӯстӣ, ҳушёриву зиракии сиёсӣ, ҳимояи сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, таъмини амнияти давлат ва ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ мусоидат менамояд [4].

Хидматрасонӣ ва тадбирандешӣ дар самти рушди ҳамаҷонибаи кӯдак яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд таъсиси марказҳои инкишофи кӯдакон, таъмини босифати таҳсилоти томактабӣ ва дигар зинаҳои таҳсилот, таъсиси марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди зеҳнии наслиояндасози кишвар қадами устувор гузошт.

Бахусус, бо таъсиси марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити мусоиди таълимӣ ба вуҷуд оварда шуд [6]. Ин марказҳо ба муайян кардани кӯдакони боистеъдод ва ба олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ тайёр кардани онҳо мусоидат намуда, дар шаҳру деҳот бо синфхонаҳои компютерӣ, озмоишгоҳҳои таълимӣ ва таҳқиқотӣ таҷҳизонида шудаанд.

Дар тули фаъолияти марказҳо 650 маҳфил (шуъба)-и омӯзишии мавзуӣ ва фарҳангӣ аз рӯйи 24 намуди фаъолият таъсис дода шуданд, ки онҳо 9610 хонандаро дар бар гирифтанд. Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо» ба дарёфт ва рушди истеъдодҳо, мустаҳкам кардани ҳаракати олимпӣ, ба вуҷуд овардани заминаҳо барои рушди тафаккури мантиқии хонандагон мусоидат намуда, бо фаъол гардонидани мусобиқаҳои миллӣ

ва байналмилалӣ, инчунин, олимпиадаҳои нави техникӣ дар тамоми кишвар ба ҳаракати олимпӣ тавсеа мебахшад.

Дар заминаи фаъолияти марказ хонандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар олимпиадаҳои байналмилалӣ фаъолона иштирок намуда, дар кишварҳои Қазоқистон, Беларус, Таиланд, Россия, Малайзия, Румyния, Италия, Ҳиндустон, Латвия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Исроил, Венгрия, Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ, Узбекистон, Фаронса, Африқои Ҷанубӣ бо хонандагони дигар давлатҳо қувваозмоӣ карда, ба пирӯзиҳои назаррас соҳиб гаштанд. Дастовардҳои чашмгири сол ба соли хонандагон натиҷаи татбиқи босамари ин ислоҳот дар соҳаи маориф мебошад, ки ба таври доимӣ зери таваҷҷуҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Дар ташаккули зеҳнии насли наврас дар баробари амалӣ намудани сиёсати созандаву дурбинона дар соҳаи маориф, инчунин, бо амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳандозӣ гардидани озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон - Ватани азизи ман», «Илм - фурӯғи маърифат», «"Тоҷикон" - оинаи таърихи миллат» ва «Шоҳномахонӣ» ва сарпарастии озмунҳои мазкур аз ҷониби Пешвои миллат барои таҳкими неруи институтсионалии кишвар ва рушди сармояи инсонӣ ҳамчун ҳадафи дурнигарона заминаи устувор гузошта истодааст.

Озмунҳои ташаккулдиҳандаи қобилияти зеҳнии насли ояндасози кишвар бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, такмили захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо), омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон, намояндагони касбу кори гуногун ва дигар табақаҳои аҳолӣ, бо мақсади арҷгузорӣ ба хидматҳои шоири классики тоҷик Абулқосим Фирдавсӣ ва омӯзиши осору таърихи пурғановату пурифтихори миллати тоҷик, омӯзиши амиқу ҳамаҷонибаи корномаҳои шоистаи ниёгони миллат дар тули таърих, тақвияти ҳисси худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ, таҳкими ҳофизаи аҳолӣ ва ба ин васила, шинохти нақши халқи куҳанбунёду фарҳангсолори тоҷик дар рушди тамаддуни инсоният, ки бо далелҳои раднопазир ва бо такя ба сарчашмаҳои илмию таърихӣ дар китоби «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ ва бо мақсади муаррифии фарҳанги волои миллати тоҷик, эҳёи санъати миллӣ ва тарғиби он, арҷгузорӣ ба санъату ҳунари аҷдодӣ, баланд бардоштани сатҳи касбии санъати мусиқӣ, навозандагӣ, сарояндагӣ, маҳорати касбии ҳунари мусаввирӣ, ҳайкалтарошӣ, ороишгарӣ ва либосдӯзӣ, интихоби намунаҳои беҳтарини оҳангу суруд ва асарҳои рассомӣ баргузор мешавад.

Дар ҷараёни баргузории озмунҳои мазкур ба мавзуъҳои ватану ватандӯстӣ, ваҳдату якпорчагии Тоҷикистон, тавсифи ғояҳои истиқлол, тараннуми дӯстию рафоқат, озодию осоиштагӣ, сулху субот, инъикоси саҳми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими давлатдории миллӣ, мавзуи об ҳамчун сарчашмаи ҳаёт, инсондӯстӣ, хайру саховат, накукорӣ, васфи ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон, Сада, Тиргон, ишқи поки инсонӣ, эҳсонкорӣ ва тасвири табиати зебои кишвар бартарӣ дода мешавад [5].

Инчунин, таваҷҷуҳи Ҳукумати кишвар ба масъалаи маърифатнокии насли наврасу ҷавон ва рушди эҷодиёти техникии онҳо равона карда шуда, баргузории ҳамасолаи Озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» ҷиҳати дарёфти наврасону ҷавонони лаёқатманду соҳибистеъдод дар риштаи илмҳои бунёдӣ, риёзӣ ва дақиқ ва татбиқи босамари Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мусоидат намуда истодааст [3].

Таҳлили вазъи ташкил ва баргузории озмунҳои ҷумҳуриявӣ таҳти сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тули ҳафт соли охир баръало нишон дода истодааст, ки дар заминаи иштироки

фаъолона дар ин озмунҳои зеҳнӣ насли воқеан лаёқатманду соҳибистеъдод, ворисони арзандаву шоистаи шахсиятҳои фарзонаву донишманди халқи тоҷик, дорандагони донишҳои гуногуни муосир, донандагони техника ва технологияи замонавӣ ва забонҳои хориҷӣ ва аз ҳама муҳим, насли дар руҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ комилан ташаккулёфта ба камол расида истодаанд, ки бо мурури давру замон нафъи онҳо барои ободии давлату пешрафти ҷомеа гузошта мешавад.

Маҳз ин тадбири дурбинона ҳамчун дурнамои рушди давлат то соли 2030 муайян карда шуда, таҳкими неруи институтсионалии кишвар ва рушди сармояи инсонӣ самти афзалиятнок барои таҳкими низоми давлатдории миллӣ ва ҳифзи дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ муқаррар карда шудааст.

Ин тадбири дурандешонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ташаккули артиши бузурги дорои иқтидори зеҳнӣ дар ҷомеа заминаи устувор гузошт, зеро ояндаи ҳар як кишвар аз сатҳи дониш, ҷаҳонбинӣ ва неруи эҷодии насли наврас вобастагӣ дорад.

Талошҳои давлат ва Ҳукумати кишвар бо амалӣ намудани ислоҳот дар соҳаи маориф, тадбирҳо дар самти тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии шаҳрвандон, истифодаи босамари технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ва тадбирҳои амалӣ оид ба рушди неруи зеҳнии кишвар собит менамоянд, ки дастгирии кӯдакону наврасони лаёқатманду соҳибистеъдод дар сиёсати Пешвои миллат ҷойгоҳи махсус дошта, эътимоду боварии Пешвои муаззами миллат нисбат ба ин қишри донишманду закии ҷомеа бузург мебошад.

Дар марҳилаи таҳкими Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми ҷанбаҳои фаъолияти насли наврасу ҷавони кишвар, аз ҳама муҳим тарбияи онҳо дар руҳияи меҳандӯстӣ, омодасозии ҷавонон дар ҳифзи марзу буми кишвар, роҳнамоӣ ва ҳидояти ин насли ояндасоз бо мақсади муҳофизати сулҳу ваҳдати миллӣ, оромӣ, арзишҳо ва манфиатҳои миллӣ вазифаи муҳимтарин мебошад.

Дар баробари шинохти бартарияту афзалиятҳо ва хавфу хатарҳои навин ба амният, хусусан, дар замони пойдории соҳибистиқлолӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ омӯхтани тамоми ҷанбаҳои сиёсати давлатӣ дар бораи таҳкими рушди зеҳнии насли наврасу ҷавон бо дарназардошти суръати баланди ҷаҳонишавӣ ва ба таври доимӣ таҳлили ҳамаи равандҳои мусбат ва манфии таъсиррасон ба он, тазодҳои мавҷудаи ҷомеаи ҷаҳонӣ, ислоҳоти сариваҚтӣ ва таҳияву амалӣ намудани санадҳои дахлдори сиёсӣ ва меъёрии ҳуқуқии муайянкунандаи самтҳои афзалиятнок ва механизмҳои татбиқи босамари онҳо ҷиҳати рушди зеҳнии насли ояндасози кишвар ҳадафҳои калидӣ мебошанд, ки ба таври доимӣ зери таваҷҷуҳи сиёсати ояндабинонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд.

**Адабиёт:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри 2017. www.president.tj.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, №7, мод. 532; соли 2014, №3, мод. 156; №7 қ.2, мод. 422; соли 2016, №3, мод. 148; №7, мод. 624; соли 2017, №7-9, мод. 581; соли 2018, №5, мод. 278; соли 2020, №12, мод. 912; соли 2021, №12, қ.2, мод. 706; соли 2022, №7, мод. 447 соли 2023, №11, мод468; соли 2024, №1-2, мод.20, мод.21; №3-4, мод.156; №5-6, мод.263, мод.264.

3. Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июни соли 2021, №210 тасдиқ шудааст.

4. Консепсияи миллии тарбия – асоси тарбияи насли созандаю бунёдкор. /Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-методӣ. Хуҷанд: “Дабир”, 2021. – 492 с.

5. Низомномаи Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», замимаи 1 ба Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2025, №АП-709.

6. Сомонаи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон www.maorif.tj, E-mail: mort@maorif.tj. Ҳисоботи солона оид ба фаъолияти Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо.

7. ЮНЕСКО. (2021). Education for Sustainable Development Goals. Paris.

**Абдуфаттоҳ ШАРИФЗОДА,**
**узви вобастаи**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои таърих, профессор**



# РУШДИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ ДАР ПАРТАВИ СИЁСАТИ МАОРИФПАРВАРОНАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Дар даврони Истиқлоли давлатӣ дар чаҳорчӯби сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маблағгузорӣ ба соҳаи маориф беш аз пеш меафзояд. Масалан, агар соли 2000-ум ба соҳа ҳамагӣ 42 миллион сомонӣ ҷудо шуда бошад, ин нишондиҳанда соли 2010 ба зиёда аз 1 миллиард, соли 2020 ба 5,5 миллиард ва соли ҷорӣ ба 8 миллиарду 231 миллион сомонӣ расид, ки ин 18,9 дарсади хароҷоти умумии буҷети давлатиро ташкил медиҳад [6].

Агар ба омори расмӣ роҷеъ ба вазъи умумии соҳа нигарем, тайи солҳои соҳибистиқлолӣ дар кишвар 3670 муассисаи нави таҳсилоти миёнаи умумӣ, 262 муассисаи томактабӣ ва 35 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ сохта ба истифода дода шуд. Ба ҳолати моҳи июни соли 2025 бо мақсади таъмини шароити ҳарчи беҳтар барои таълиму тарбияи наврасону ҷавонон дар соҳаи маорифи кишвар 11 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 4,6 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст [13]. Дар ин радиф, танҳо дар соли 2021 аз буҷети давлатӣ барои таҳсилоти томактабӣ 396 миллиону 300 ҳазор сомонӣ пешбинӣ шуда буд [2].

Гузаронидани муассисаҳои давлатии таҳсилоти томактабии ҷумҳурӣ ба маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ) дар замони Истиқлоли давлатӣ дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2015 низ яке аз тадбирҳои муассири Ҳукумати кишвар дар самти беҳтар намудани сифати таълим дар ин зинаи таҳсилот мебошад [4].

Дар солҳои Истиқлоли давлатӣ бо мақсади беҳтар намудани сатҳи фарогирии кӯдакону наврасон ба тарбияи томактабӣ бо амалинамоии нақшаву барномаҳои мукаммали давлатию сармоягузорӣ шумораи кӯдакистонҳои типи нав дар мамлакат рӯ ба афзоиш овард. Дар ин замина, метавон аз чанд кӯдакистон, ки бо иштироки бевоситаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат мавриди истифода қарор гирифтаанд, ёдрас шуд.

17 сентябри соли 2013 дар шаҳри Хуҷанд Сарвари давлат нахустин кӯдакистони Президентӣ дар миқёси ҷумҳуриро, ки дар майдони 3 гектар бунёд ёфта, ба як шаҳраки афсонавии кӯдакон мубаддал гардидааст, барои 1000 тарбиятгиранда мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд [8]. Ин иншоот бо харҷи 25 миллион сомонӣ бунёд ёфта, аз ду бинои бузурги сеошёна ва дигар иншооти ёрирасон иборат аст.

Бо дарки аҳаммияти зиёду созандаи нақши кӯдакистон ҳамчун зинаи ибтидоии низоми таълиму тарбия барои тақвияти зеҳни кӯдакон дар солҳои баъдӣ низ раванди бунёду муҷаҳҳазсозии муассисаҳои томактабии замонавӣ дар мамлакат вусъат дода шуд. 21 июни соли 2014 дар шаҳри Душанбе боғчаи намунавии кӯдакон барои 130 кӯдак, 6 сентябри соли 2015 кӯдакистони хусусӣ дар деҳоти Гулистони шаҳри Ваҳдат барои 100 кӯдак, 24 августи соли 2016 муассисаи томактабӣ барои 150 таълимгиранда дар шаҳри Сарбанд (Леваканд), 26 июни соли 2018 боғчаи бачагонаи рақами 28 дар шаҳри Хуҷанд барои 320 кӯдак, 8 августи соли 2019 муассисаи таҳсилоти томактабии хусусии “Файзбахш” дар ноҳияи Ҷаббор Расулов барои 300 кӯдак, 12 июни соли 2021 кӯдакистони хусусии «Хуршеди Истиқлол» дар шаҳри Хуҷанд барои 240 кӯдак, 9 феврали соли 2022 кӯдакистони “Бобуна” дар шаҳри Гулистон

бо фарогирии 180 кӯдак, 16 августи соли 2023 кӯдакистони рақами 1 дар ноҳияи Ванҷ барои 200 кӯдак, 20 октябри соли 2023 Муассисаи хусусии томактабии "Офтобак" дар ноҳияи Восеъ барои 320 таълимгиранда, 10 апрели соли 2024 Муассисаи таҳсилоти томактабии ширхоргоҳ-кӯдакистони №8 ба номи "Табассум" дар шаҳри Истаравшан барои 140 кӯдак, 19 сентябри соли 2024 Муассисаи таҳсилоти томактабии №8 дар ноҳияи Данғара барои 100 таълимгиранда ва кӯдакистони "Баҳор" дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бо шумули 200 кӯдак бо иштироки бевоситаи Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди истифода қарор гирифтанд [1].

Ифтитоҳи кӯдакистонҳои наву замонавӣ дар доираи татбиқи барномаҳои давлатӣ ва саҳми соҳибкорони ватанӣ барои ҷалби ҳарчи бештари насли наврас ба таълиму тарбия такони тоза бахшида, имконоти васеъро дар роҳи расидан ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 фароҳам овարданд.

Татбиқи ҳадафҳои созанда дар самти фароҳамсозии шароити мусоиди таълиму тарбия барои кӯдакону наврасон дар пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе бо пайгирии ҳамаҷониба аз иқдомҳои роҳбарияти олии мамлакат тайи солҳои соҳибистиқлолӣ, махсусан, тайи солҳои 2017-2025 ҳамчун маркази асосии илму маърифати кишвар бо татбиқи тадбирҳои созанда рушди устуворро касб намуда, дастоварду навгониҳои тозаро рӯйи кор овардааст.

Пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе дар ин давра дар заминаи андешидани чораҳои зарурӣ аз ҷониби шаҳрдорӣ ба макони беҳтарини таълиму тарбия, инкишофи зеҳнӣ ва дастрасии кӯдакон ба истироҳату фароғат табдил ёфт. Танҳо соли 2024 дар шаҳри Душанбе 7 муассисаи таълимӣ бо 13 ҳазору 620 ҷойи нишаст ва 3 муассисаи томактабӣ барои беш аз 500 тарбиятгиранда сохта ба истифода дода шуд. Дар 8 соли охир, дар пойтахти кишвар беш аз 25 муассисаи таҳсилоти томактабӣ барои 4 ҳазору 800 тарбиятгиранда бунёд гардид. Ҳоло дар шаҳр сохтмони боз 60 муассисаи таҳсилоти томактабӣ барои беш аз 12 ҳазор тарбиятгиранда бомаром идома дорад. Соли ҷорӣ дар пойтахт боз 9 кӯдакистон барои 2280 тарбиятгиранда бунёд карда мешавад, ки аз ҷараёни рушди таҳсилоти томактабӣ ва таъмини сокинони шаҳр бо шароити мусоиду дастраси инкишофу тарбияи кӯдакон зери назари некбинонаи Пешвои муаззами миллат ва Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ дарак медиҳад [12].

Дар ин қарина, ба қавли Президенти кишвар, «ин рақамҳо барои роҳбарони вилоятҳо ва дигар шаҳру ноҳияҳо бояд намунаи ибрат бошанд, омӯзанд, дар ин самт корро мисли пойтахти мамлакат ҷиддӣ ташкил кунанд». Тавре зикр гардид, ба ҳолати сентябри соли 2024 дар 720 муассисаи томактабӣ дар саросари кишвар зиёда аз 105 ҳазор кӯдак ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Аз ин шумора 169 муассиса ва 33 ҳазор кӯдак танҳо ба шаҳри Душанбе рост меоянд. Вале ба таъкиди Сарвари давлат, ин ҳанӯз ҳам хеле кам мебошад... [9].

1 сентябри соли 2020 Пешвои миллат бо Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Шоҳмансур бинои хуштарҳу замонавии кӯдакистони Муассисаи давлатии таълимии "Мактаби байналмилалӣ дар шаҳри Душанбе"-ро мавриди истифода қарор доданд [7]. Муассисаи нави томактабӣ дар шаҳри Душанбе ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта шуда, аз 2 бинои 3-ошёна бо таххона барои 120 тарбиятгиранда иборат буда, дорои 6 синфхона ва як қатор ҳуҷраҳои дигари ёрирасон аст. Ҳамаи шаш синфхонаи кӯдакистон аз ҳуҷраи либосивазкунӣ, синфхона, хобгоҳ, ҷойи дастурӯйшӯӣ ва ҳуҷраи мураббӣ иборат буда, ҳар яки он дорои шароити мукаммали таълиму тарбия мебошад.

Мавриди истифода қарор гирифтани муассисаи боҳашамати таҳсилоти томактабии "Хуршеди Тоҷикистон" 29 сентябри соли 2020 бо иштироки Сарвари давлат дар ноҳияи Шоҳмансури пойтахт аз рӯйдодҳои муҳимми дигар дар даврони Истиқлоли давлатӣ дар самти таҳсилоти томактабӣ дониста мешавад. Муассисаи томактабии ҷорошёна бо 24 толор, аз ҷумла, толорҳо барои бозӣ ва дарсҳои мусиқию рассомӣ, ошхона барои 275 нафар, ду ҳавзи шиноварӣ барои 48 нафар, маҷлисгоҳ бо 224 ҷойи нишаст, китобхонаи маъмулӣ ва электронӣ, утоқҳои роҳбарият ва идоракунӣ, маркази тиббӣ, майдончаҳои варзишӣ, фаввораву соябон ва гулгашт барои 600

кӯдак сохта шудааст [10].

Бино, ба андешаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шинохти дирӯзу имрӯзу фардо, ифтихор аз ваҳдату давлатдории миллӣ ва шукргузорӣ аз соҳибистиқлоливу соҳибдавлатӣ, ғамхорӣ кардан дар ҳаққи кӯдакону наврасон ва ҳамчун насли солиму созанда тарбия кардани онҳо мардуми кишварро ба соҳили мурод мерасонад.

Ҳамчунин, 30 марти соли 2023 Пешвои миллат, дар доираи сафари корӣ дар шаҳри Истиқлол кӯдакистони "Дӯстӣ"-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд. Бинои хуштарҳу замонавии муассисаи томактабӣ аз 2 ошёна иборат буда, барои 300 кӯдак пешбинӣ гардидааст. Бояд қайд намуд, ки бинои муосири муассисаи нави томактабӣ дар шаҳри Истиқлол дар партави сиёсати созандаи Ҳукумати Тоҷикистон бар пояи фазои мусоиди сармоягузорӣ аз ҷониби Ширкати кӯҳӣ-саноатии Тоҷикистону Чин бунёд гардидааст ва масоҳати умумии замини он 3 гектарро дар бар мегирад [11].

1 сентябри соли 2021 дар асоси дастуру роҳнамоиҳои Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар кӯчаи Варзоби ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе дар алоҳидагӣ кӯдакистон ва Литсейи хусусии "Адолат"-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд. Муассисаи томактабии мазкур аз се ошёна иборат буда, барои ба таълиму тарбия фаро гирифтани 360 кӯдак пешбинӣ шудааст.

Баланд бардоштани сатҳу сифати донишомӯзӣ, фаро гирифтани насли ояндасози кишвар ва инчунин, беҳтар намудани омодагии томактабии кӯдакону наврасон бо дарназардошти нишондодҳои паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат аз масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳ дар тамоми шаҳру ноҳияҳои мамлакат қарор дорад ва сол аз сол бо бунёди муассисаҳои нави томактабӣ дар ин самт пешравиҳо ба назар мерасанд. Шумораи муассисаҳои томактабӣ дар ҷумҳурӣ аз натиҷаи нишондодҳои соли 2024 ба 744 адад расид, ки дар муқоиса ба соли 2023-юм 27 муассиса зиёд мебошад [12].

Дар асоси Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бояд аз 15,3 фоиз то ба 40 дарсад расонда шавад ва барои расидан ба ин ҳадаф Ҳукумати мамлакат аз тамоми имконоту захираҳо пурсамар истифода мекунад [3].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки амалишавии бахшҳои ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дахлдоштаи «Барномаи рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» дар чор соли татбиқи ин санад боиси нигаронӣ мебошад. Тибқи ин барнома бояд ҳар сол дар кишвар аз ҳисоби маблағҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва бахши хусусӣ беш аз 100 муассисаи томактабӣ сохта ба истифода дода шавад. Вале то моҳи сентябри соли 2024 аз 68 шаҳру ноҳия ҳамагӣ дар 34 шаҳру ноҳия 82 муассисаи томактабӣ сохта шудааст [9].

Ҳамзамон бо ин, афзоиши аҳолӣ низ масъулинро водор месозад, ки сохтмони муассисаҳои томактабӣ ва таъсиси шаклҳои алтернативии фарогирӣ ба зинаи таҳсилоти томактабиро вусъат бахшида, талаботи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030-ро дар мавриди то ин давра ба 50 фоиз расонидани фарогирӣ ба таҳсилоти томактабӣ иҷро намоянд.

Бо мақсади фарогирии бештари кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабӣ, дастрасӣ ба таҳсилоти босифат, таъмини шарикии давлат ва бахши хусусӣ «Барномаи рушди муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумии хусусӣ барои солҳои 2022-2027» тасдиқ гардидааст. Тибқи ин барнома дар кишвар бунёди 264 муассисаи томактабии хусусӣ дар назар аст.

Яке аз шартҳои такмили сифати таълиму тарбия ин таъмини муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бо кадрҳои соҳибихтисоси педагогӣ ба ҳисоб меравад. Масъалаи афзоиши захираҳои кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии кишвар бо мурури замон ҳалли худро ёфт. Дар баробари дастоварди мазкур дар «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» тазаккур дода шудааст, ки ҳарчанд муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бо кадрҳои педагогӣ таъмин бошанд ҳам, вале сатҳи омодагии касбии мутахассисон ба талабот ҷавобгӯ нест ва

минбаъд такмили ихтисосро тақозо мекунад [5].

Дар мамлакат вобаста ба татбиқи санадҳои дахлдори меъёрӣ-ҳуқуқии соҳа дар самти таъсиси Маркази инкишофи кӯдак ва фарогирии бештари кӯдакон ба зинаи таҳсилоти томактабӣ иқдомҳои муассире амалӣ гардидааст. Агар шумораи чунин марказҳо дар соли таҳсили 2015 дар мамлакат 1588 ададро ташкил дода бошад, ба ҳолати соли 2024 барои дастрасии бештари кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 2884 маркази инкишофи барвақтии кӯдак бо фарогирии 131 ҳазору 317 кӯдак таъсис дода шуд. Дар маҷмуъ, фарогирӣ ба зинаи таҳсилоти томактабӣ 245 ҳазору 287 нафар ё 23,2 фоизро ташкил медиҳад [15].

Боиси хушнудист, ки имрӯзҳо лоиҳаи нави «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ барои солҳои 2026-2030» бо дарназардошти таҷрибаи амалии солҳои қаблӣ ва зарурати иҷрои ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030 таҳия гардида, мавриди муҳокима қарор дорад. Дар он чораҷӯиҳои марбут ба густариши фарогирии кӯдакон, бахусус, дар минтақаҳои дурдаст ва байни табақаҳои ниёзманд, таҳкими ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ, рушди инфрасохтор ва таъсиси шаклҳои гуногунсохтори муассисаҳои томактабӣ, татбиқи низоми миллии самараноки баҳодиҳии сифати таҳсилоти томактабӣ, густариши барномаҳои кӯтоҳмуддати омодагӣ ба мактаб барои кӯдакони 5-6-сола, баланд бардоштани сатҳу сифати тайёрии кадрҳои соҳавӣ ва фароҳамсозии шароити баробар барои таҳсилоти кӯдакони дорои эҳтиёҷоти махсус пешбинӣ шудааст [14].

Умед аст, ки қабул ва амалисозии комили барномаи мазкур ва дигар санадҳои раҳнамунсозу танзимкунандаи соҳа бо ҷалби фаъоли сохторҳои давлатӣ, бахши хусусӣ, ҷомеа ва шарикони рушд боис ба пешрафти бесобиқаи таҳсилоти томактабӣ ва тақвияти пойдевори низоми маорифи кишвар мегардад.

**Адабиёт:**


1. Солномаҳои Президенти Тоҷикистон солҳои 2014-2024.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021 // Маркази миллии қонунгузории назди ПҶТ [Манбаи электронӣ]
3. Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030. - Душанбе, 2016.
4. Маорифи Тоҷикистон (Маҷалла). – № 11. – ноябри соли 2020. – С. 19.
5. Холинова М. Таҳсилоти томактабӣ таҳкурсии бинои шахсият ва рушди ҷомеа [Манбаи электронӣ] // https://amit.tj/tj/takhsiloti-tomaktabi-takhkursii-binoi-shakhsiyat-va-rushdi-chomea?page=10
6. Абдулло М. Таҳсилоти томактабӣ. Таваҷҷуҳи Ҳукумат ба ояндаи кӯдакон тақвият меёбад. / Ҷумҳурият. – 2024. – 21 ноябр. – №233.
7. Боздиди Пешвои миллат аз иншоотҳои навсохти пойтахт // Ҷумҳурият. 1.09.2020. - №166.
8. Оғози фаъолияти кӯдакистони Президентӣ дар шаҳри Хуҷанд // Садои мардум. 19.09.2013. -№116.
9. Пешвои миллат: "Дар талоши донишомӯзӣ бошед!" // Ҷумҳурият. – 2024. – 2 сентябр. - №168.
10. Роҳандозии муассисаи таҳсилоти томактабии "Хуршеди Тоҷикистон" // Ҷумҳурият. 29. 09. 2020. - №190.
11. Ифтитоҳи кӯдакистони «Дӯстӣ» дар шаҳри Истиқлол [Манбаи электронӣ] // https://www.president.tj/event/domestic_trips/34533 (Санаи нашр: 30.03.2023)
12. Маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] // https://www.president.tj/event/news/49508 (Санаи нашр: 17.01.2025)
13. Паёми шодбошӣ ба муносибати Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] // https://www.president.tj/event/news/50863 (Санаи нашр: 22.05.2025)
14. «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар ҶТ барои солҳои 2026–2030» муҳокима гардид [Манбаи электронӣ] // https://khovar.tj/2025/06/barnomai-davlatii-rushdi-tasiloti-tomaktab-dar-um-urii-to-ikiston-baroi-sol-oi-2026-2030-mu-okima-gardid/ (Санаи нашр: 19.06.2025)
15. Дар Тоҷикистон 500 маркази инкишофи кӯдак бунёд ва таъмир карда мешавад [Манбаи электронӣ] // https://maorif.tj/news/education/dar-toikiston-500-markazi-inkisofi-kdak-buned-va-taiemir-karda-mesavad (Санаи нашр: 25.02.2025)

**Муҳаммад САФАРОВ,**
**мутахассиси Маркази тоҷикшиносии Китобхонаи миллии Тоҷикистон**



# ЗАБОН - ПОЙГОҲИ ЭҲСОСИ ВАТАНДӮСТӢ ВА ҲИФЗИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ

Рӯзи забони давлатӣ, ки ҳамасола 5 октябр ҷашн гирифта мешавад, яке аз воқеаҳои муҳим дар ҳаёти маънавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Он танҳо як расмият набуда, балки рамзи ягонагии миллӣ, эҳёи фарҳанг ва василае барои бознамоии арзишҳои миллии халқи тоҷик мебошад. Забони тоҷикӣ тули асрҳо василаи асосии ифодаи андеша, эҳсос ва фарҳанги халқи тоҷик будааст. Ин забон ворисн шеъру адабиёти бузурге мебошад, ки аз замони Рӯдакиву Фирдавсӣ то имрӯз ба мо расидааст. Ҳар калима ва ибораи он оинаи таърихи миллати тоҷик аст. Ин рӯз фурсате барои ба ёд овардани ҳамин мероси бузурги фарҳангӣ ва таъкиди нақши он дар ҳифзи ҳодисаҳои таърихӣ ва шахсиятҳои бонуфузи миллӣ маҳсуб меёбад.

Дар ҳақиқат, забони тоҷикӣ танҳо василаи муколама нест, балки он аз ҷониби мардум ҳамчун ҳолати фардӣ ва хислати миллӣ ҳис карда мешавад. Истифода, тақвият ва муҳофизати забон, монанди ҳифзи Истиқлоли давлатӣ муҳим ба шумор меравад. Он барои ташвиқи ҳиссиёти баланди миллӣ ва тақвияти ватандӯстӣ дар байни аҳолӣ, хусусан, ҷавонон, ки дар замони ҷаҳонишавӣ зиндагӣ мекунанд, зарур аст. Омӯзиши босифати забони тоҷикӣ дар донишгоҳҳои олӣ пояи асосии ташаккули шахсияти миллӣ аст. Ин фақат омӯзиши қоидаҳо набуда, балки шинохти фарҳанг ва таърихи ниёкон мебошад ва он ба эҳсоси ватандӯстӣ ва ҳифзи ҳувияти миллӣ мусоидат менамояд. Пас, эҳтиром гузоштан ба забони модарӣ маънои эҳтиром гузоштан ба таърих ва фарҳанги худро дорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша риояи забони давлатӣ, таълифи китобҳо ва рушди забонро таъкид намуда, пешниҳод менамоянд, ки ҷавонон бештар ба забон ва забономӯзӣ таваҷҷуҳ кунанд, зеро он дар ҳаёти рӯзмарраашон нақши хеле муҳимро мебозад. Сарвари давлатамон мудом аз аҳли ҷомеа даъват менамоянд, ки ба забон эҳтиром гузоранд. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба аҳаммияту арзишмандии забони тоҷикӣ чунин таъкид кардаанд: **«Забони тоҷикӣ дар раванди ташаккул ва таҳаввули худ роҳи ниҳоят душвору пурпечутобро тай карда, аз санҷишу имтиҳонҳои сахту сангини таърих гузаштааст ва имрӯз, яъне, дар даврони соҳибистиқлолӣ ва бунёди давлати миллӣ низ рисолати худро ба сифати яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ ва омили ҷомеасозу ваҳдатофарин идома дода истодааст».**

Дар асри ҷаҳонишавӣ ва дар ростои таъсири забонҳои хориҷӣ забони миллӣ чун пушту паноҳи фарҳанги миллӣ маҳсуб ёфта, арзиши бебаҳо дорад. Таҷлили Рӯзи забони давлатӣ рӯйдоди муҳиммест, ки дар рафти он тавассути баргузории семинар, конфронсу фестивалҳо ва дигар чорабиниҳои фарҳангию адабӣ барои ташвиқи истифодаи забони тоҷикӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, аз ҷумла, дар муассисаҳои илмӣ, донишгоҳҳо, расонаҳо ва муассисаҳои давлатӣ заминаи мусоид гузошта мешавад. Таъкиди истифодаи забони меъёр дар корҳои расмӣ, таҳияи луғатҳо ва дастурҳои имлоӣ, инчунин, тарғиби хондани

китоб бо забони тоҷикӣ аз вазифаҳои асосӣ ба шумор меравaнд. Баргузории озмунҳои ҷумҳуриявӣ, озмунҳои хаттотӣ, шеърхонӣ ва маҳорати нутқ дар байни наврасон ва ҷавонон низ ба рушди саводнокии забон ва эҳёи унсурҳои анъанавии фарҳанг мусоидат менамояд, ки яке аз онҳо Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ба шумор меравад.

Бо дарназардошти таъсири раванди ҷаҳонишавӣ дар соҳаи илм, технология ва фарҳанг, забон на танҳо воситаи муошират, балки омили калидӣ барои рушди ҳамгироии илмӣ ва фарҳангӣ гардидааст. Гуногунзабонӣ дар ҷомеа на танҳо ҳамчун арзиши фарҳангӣ, балки ҳамчун захираи стратегӣ дар низоми илму маориф ва равобити байналмилалӣ арзёбӣ мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки узви фаъоли ҷомеаи ҷаҳонӣ ва дорои таъриху фарҳанги ғанӣ мебошад, омӯзиш ва таҳқиқи забонҳо ҳамеша мавқеи хосси худро дорад. Забони тоҷикӣ ҳамчун пояи асосии ҳувияти миллӣ дар маркази таваҷҷуҳи давлат ва ниҳодҳои илмӣ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, бо дарназардошти ниёзҳои рӯзафзуни ҷомеаи муосир, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, хусусан, русӣ, англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, чинӣ ва ғайраҳо, як унсури муҳимми сиёсати илмии соҳаи маориф ва дигар соҳаҳои кишвар ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқоти лингвистикӣ, таҳияи луғатҳо, грамматикаҳо, барномарезиҳои таълимӣ ва омӯзиши фарҳангҳои марбут ба забонҳо яке аз самтҳои муҳим дар муассисаҳои илмӣ ба шумор меравад. Ин раванд ба таҳкими робитаҳои илмӣ бо кишварҳои хориҷӣ ва саҳми бештар гузоштани олимони тоҷик дар муҳокимаҳои илмии байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Муассисаҳои илмии кишвар бо такя ба дастовардҳои илмии пажуҳишгоҳҳои забоншиносӣ ва марказҳои омӯзиши забонҳо, метавонанд дар таҳияи стратегияи омӯзиши забонҳо дар кишвар нақши муассир дошта бошанд. Бо истифода аз таҷрибаи байналмилалӣ ва ҳамкориҳои илмӣ, метавон ба рушди муҳити бисёрзабонаи илмӣ ва таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат кард.

Бо таваҷҷуҳ ба он ки дар қаламрави Аврупо беш аз 200 забони миллӣ ва минтақавӣ истифода мегардад, дар кишварҳои ин минтақа низ рӯзи забонро ҷашн мегиранд, ки ин имкони муаррифии боигарии забон ва фарҳангии кишварҳоро фароҳам меорад. Ин сана ҷомеаҳоро даъват мекунад, ки ба таълим ва ҳифзи забонҳои ақаллиятҳо аҳаммият дода, таҳаммулпазириро тақвият бахшанд ва ҳамзистии осоиштаи фарҳангҳоро тарғиб намоянд. Ҳадафи асосии таҷлили ин рӯз ба гуногунзабонӣ, омӯзиши пайвастаи забонҳои хориҷӣ ва таҳкими муколамаи байнифарҳангӣ аҳаммияти сазовор додан аст.

Ҳамин тавр, баргузорӣ ва ҷашн гирифтани ин рӯзи муборак дар Тоҷикистон низ як зарурати стратегӣ барои ҳифз ва инкишофи минбаъдаи фарҳанги миллӣ мебошад. Ин ҷашн нафақат ба хотираи гузаштагони бузург, балки барои тарбияи насли оянда, ки ба арзиши забони модарии худ эҳтиром қоил буда, андеша намуда, эҷод менамоянд, бахшида шудааст. Муҳофизат ва тарғиби забони тоҷикӣ вазифаи ҳар як шаҳрванди ватандӯст мебошад. Бояд ба арзиши бузурги ин хазинаи маънавӣ диққат дода, барои густариш ва ривоҷи он саъй карда шавад. Ин фурсати муҳиммест, барои тақвияти ухдадории миллии мо ва гузориши кори анҷомдода дар ин роҳ, то ки забони тоҷикӣ ҳамчун забони зинда, инкишофёбанда ва фарҳангсоз дар оинаи ҷаҳон дурахшон боқӣ монад.

Ҷашн гирифтани Рӯзи забони давлатӣ ба ҷомеаи кишвар хотиррасон мекунад, ки забон ҳамеша омили асосии пешрафт, ҳамкории байналмилалӣ ва рушди тафаккури илмӣ боқӣ мемонад. Ин рӯз ҳамчун як рӯзи махсуси фарҳанги миллӣ эҳтиром мешавад ва барои такмили забону фарҳанг заминаи мусоид фароҳам меорад. Ҳамкории муассир миёни ниҳодҳои илмӣ, муассисаҳои таълимӣ ва сохторҳои давлатӣ метавонад, ба таҳкими мавқеи забони тоҷикӣ ва густариши омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар кишвар мусоидат намояд.

# МАШЪАЛАФРӮЗОНИ РОҲИ МАЪРИФАТ

Роҳу масири донишу маърифат, илму ирфон ва хираду ҷаҳонбинии ҳар як шахс аз машъали афрӯхтаи омӯзгор-муаллим равшан мегардад. Омӯзгорон роҳнамову роҳкушои роҳи саодату каромат ва мудаббиру мубашшири насли башар мебошанд. Чуноне ки устоди бузургвор Садриддин Айнӣ гуфтааст: «Муаллим чароғест, ки бо сӯхтани худ роҳи дигаронро равшан мекунад».

Ҳамасола дар сатҳи баланд таҷлил гардидани Рӯзи омӯзгорон дар кишвари азизамон гувоҳи таваҷҷуҳи доимӣ ва хоссаи Ҳукумати ҷумҳурӣ, хусусан, Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин қишри маърифатпарвари ҷомеа мебошад.

Ба муносибати ин санаи фархунда андеша ва таманниёти муаллифону ҳаводорони мо-устодону омӯзгорон, кормандону бахшу соҳаҳои гуногунро, ки ба унвонии маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» ирсол шудаанд, пешниҳоди хонандаи гиромӣ мекунем.



**Муҳаммадиқбол АТОЗОДА,**
**муовини директори Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

- Касби омӯзгорӣ яке аз пешаҳои муҳимму муқаддас ва ояндасози ҷомеа буда, дар меҳвари асосии кори ӯ инсон, шуури инсон ва ояндаи башарият қарор мегирад.

Омӯзгор дар ҳар марҳила як рисолат дар назди худ дорад: тарбияи насли наврас, боандеша, донишманд, хушахлоқ, қонунписанд, машваратпазир, бунёдкор ва умуман, инсони комил. Яъне, ҳадафи аслии омӯзгор на як фард ё шахс, балки инсон ва ояндаи ҷомеаи инсонӣ мебошад. Маҳз бо ин вежагӣ ҳаққи устодро аз падар беш тавсиф намудаанд.

Имрӯзҳо дар ҷомеаи Тоҷикистон мақоми омӯзгор шоиставу арзишманд буда, устодони асил ҳамеша нури басари миллат ва тоҷи сари ҷомеа ҳастанд. Ҳукумати мамлакат ҳам ҳамеша таваҷҷуҳро ба ин қишри тарбиятгари аҳли ҷомеа равона намуда, дар симои омӯзгорон рӯшангарони роҳи ояндаро мебинад.

Таҷлили Рӯзи омӯзгорон низ давоми сиёсати созандаи Роҳбарияти олии кишвар буда, моро ба ин васила барои расидан ба қадри устод, азамату бузургии омӯзгор раҳнамун месозад. Аммо аз лиҳози мантиқ моро зарур аст, ки на танҳо эҳтирому эътибори омӯзгорро ба як рӯз маҳдуд намоем, балки ҳар лаҳзаву ҳар соату ҳар рӯз доир ба гиромидошт, бузургӣ ва шарофату шаҳомати устод андеша дошта бошему омӯзгорро муҳимтарин шахсият дар ҷомеаи худ қарор диҳем.

Биноан, имрӯз ва ҳар рӯзро барои устодон, омӯзгорон ва мураббиён хуҷаставу ҳумоюн мегӯям.



**Сайёра РАҲМОНЗОДА,**
**омӯзгори МТУА №22, ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе**

- Омӯзгорӣ яке аз муқаддастарин ва қадимтарин касбҳо дар таърихи инсоният мебошад. Аз оғози пайдоиши дониш ва

фарҳанг то замони муосир, омӯзгорон дар таълиму тарбияи насли наврас нақши калидӣ ва сарнавиштсозро иҷро кардаанд. Хушбахттарин инсон ҳастам, ки имрӯз дар тарбияи насли наврас саҳм гузошта истодаам.

Бояд гуфт, ки омӯзгорӣ танҳо дар додани маълумоти фаннӣ маҳдуд намешавад. Ӯ вазифаи муқаддаси дигаре низ бар дӯш дорад, ки аз тарбия кардани инсони комил ибтидо мегирад. Ба ибораи дигар, омӯзгор на танҳо таълим медиҳад, балки инсон месозад.

Маҳз омӯзгор аввалин шахсест, ки ба кӯдак меомӯзонад, ки чӣ гуна андеша кунад, суол диҳад, посух ҷӯяд ва дар ҳаёт фаъол бошад. Ҳар табиб, муҳандис, сиёсатмадор ё олимро маҳз омӯзгор тарбия кардааст. Аз ин рӯ, омӯзгорро бо ҳақиқати том метавон асосгузори тамаддуни инсонӣ номид.

Мо вазифадорем, ки омӯзгоронро дастгирӣ кунем, ба кори онҳо арҷ гузорем ва ҳар рӯзу дар ҳар лаҳза ба қадри меҳнаташон бирасем.

Бо самимияти беандоза тамоми омӯзгорони кишвари азизамонро бо фарорасии Рӯзи омӯзгорон табрик намуда, ба онҳо тандурустӣ ва дастовардҳои нави илмӣ таманно дорам.



**Наҷибулло РАБИЗОДА,**
**директори Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе**

- Рӯзи омӯзгорон ҷашнест, ки дар миёни дигар иду ҷашнҳои соҳавӣ мақому манзалати баланд дорад. Ин рӯз ба онҳое бахшида шудааст, ки бо қалби гарм ва сухани нарм машъали маърифатро фурӯзон медоранд ва бо заҳмати шабонарӯзӣ барои тарбияи насли донишманду ватандӯст талош мекунанд.

Дар замони Истиқлоли давлатӣ бо сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маориф дар маркази таваҷҷуҳи давлат қарор гирифта, мақоми омӯзгор низ баланд бардошта шуд. Бунёди мактабҳо, афзоиши маош, воридсозии технологияҳои муосир ва баланд бардоштани сифати таълим - ҳама самараи дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурӣ нисбат ба омӯзгорон мебошанд.

Дар шароити муосир, ки ҷомеаи башарӣ ба раванди ҷаҳонишавӣ рӯ овардааст, омӯзгорон масъулияти бузургеро бар дӯши хеш гирифтаанд, то ки насли навро на танҳо бо дониш, балки бо ҳисси баланди ифтихори миллӣ, худшиносӣ ва ватандӯстӣ тарбия намоянд.

Рӯзи омӯзгорон рамзи эҳтиром ба инсонест, ки нури донишу маърифатро дар дилҳо меафканад. Омӯзгоронояндаро месозанд, миллатро муаррифӣ ва бо садоқати беинтиҳо ҷомеаро ба сӯйи рушду тараққӣ раҳнамоӣ мекунанд. Аз ин рӯ, бояд бо эҳтирому арҷгузорӣ ба устодон муносибат намоем ва саҳми онҳоро дар ҳама самтҳо қадр кунем.

Зинда бод, омӯзгори тоҷик - машъали маърифат ва тарбиятгари фарзандони бонангу номуси миллат!



**Мунира МӮСОЕВА,**
**мушовири фанни забон ва адабиёти тоҷики шуъбаи маорифи шаҳри Кӯлоб**

- Рӯзи омӯзгорон на танҳо як санаи тақвимӣ, балки падидаест, ки аҳаммияти он басо бузургу мондагор аст. Ин рӯз рамзи қадршиносии ҷомеа аз заҳмати тулонӣ, пурмашаққат ва ҳамзамон, пурифтихори омӯзгорон аст. Омӯзгор шахсест, ки дар зеҳни кӯдак аввалин шуълаи маърифатро меафрӯзад, ба ӯ роҳу равиши зиндагӣ меомӯзонад ва ӯро ба камолоти ахлоқию зеҳнӣ мерасонад.

Маҳз омӯзгор аст, ки шогирдонро ба роҳи илму дониш ҳидоят намуда, қалбашонро аз муҳаббат ба Ватан ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ саршор месозад.

Дар ҷаҳони муосир нақши омӯзгор ҳамчун раҳнамо ва устоди маънавии насли ҷавон боз ҳам муҳимтар мегардад, зеро омӯзгор на танҳо дониши фаннӣ меомӯзонад, балки ҷаҳонбинӣ, тафаккури интиқодӣ ва арзишҳои инсониро дар зеҳни хонанда ташаккул медиҳад. Маҳз дар фаъолияти ӯ пояҳои маърифат, фарҳанг ва пешрафти ҷомеа гузоштаву устувор мегарданд.

Бо ифтихор ва самимият, ҳамаи омӯзгоронни кишварро ба идашон табрик мегӯям. Орзу дорам, ки ҳамеша солим, саодатманд ва сарбаланд бошанд. Нури маърифати онҳо роҳи ояндаи наслҳои наврасро равшан гардонад ва мақоми омӯзгор дар ҷомеа ҳамеша поянда монад.



**Мирсаид ХОЛБОЕВ,**
**омӯзгори МТМУ №8, шаҳри Бохтар, Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

- Воқеан, дар баланд бардоштани донишу ҷаҳонбинии аҳли ҷомеа нақши омӯзгор бузургу мондагор мебошад. Дар ҳар ҷое, ки омӯзгор ҳузур дошта бошад, дар он макон гули маънӣ мешукуфад. Зеро рафтору кирдор ва симои омӯзгор тимсоли нури хуршед ҷомеаро равшанӣ мебахшад. Сарчашмаи тамоми пешрафти ҷомеа аз манзалати омӯзгор вобаста аст. Касби омӯзгорӣ, чунон ки аз номаш бармеояд, пурашараф буда, вазифаи аз ҳама муҳимро фаро гирифта, инсониятро тарбия менамояд ва илм меомӯзонад. Шоир беҳуда нагуфтааст:

**Ҳаққи устод аз падар беш аст**
**В-аз падар устод дар пеш аст.**

Имрӯз аз баракати сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба омӯзгорон таваҷҷуҳи махсус равона гардида, барои кору фаъолияти судманду мондагори онҳо дар ҷомеа шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст. Пешвои миллат бар он назаранд, ки «миллате, ки омӯзгори асил надорад, ҳеҷ гоҳ ба ягон мартаба намерасад». Аз ин ҷост, ки Пешвои миллат доимо ва дар ҳама ҷо рӯ ба аҳли таълиму тарбия меоранд, бо онҳо суҳбатҳои озоду самимӣ мерояд, арзу ниёзашонро мешунаванд ва таъкид мекунанд, ки ба дастгирии омӯзгорон ҳамеша омодаанд.

Аз минбари маҷаллаи «Маърифати омӯзгор», ки маърифатгоҳи аҳли илму маориф аст, иди касбии омӯзгоронро ба тамоми ҳамкасбон самимона шодбош мегӯям ва дар фаъолияташон комёбиҳо таманно дорам!

**Мусфира НАСРУЛЛОЕВА,**
**омӯзгори фанни забон ва адабиёти руси Коллеҷи тиббии шаҳри Панҷакент**

- Аз қадим бузургони илму адаб ба устод, муаллим, омӯзгор эҳтироми хосса доштанд ва онҳо дар симои муаллим шахси донишманду фозил ва равшанзамиру барнодилро медиданд. Мусаллам аст, ки мақоми омӯзгор ҳар қадар дар ҷомеа баланд бошад, ҳамон андоза ӯ дар таълиму тарбияи насли наврас ва хидмати содиқона ба Ватан бештар муваффақу комёб мешавад. Ҳавасмандкунии омӯзгорон ба фаъолияти босифати онҳо таъсир расонда, ба болоравии сифати таълим мусоидат менамояд. Хурсандиовар аст, ки баҳри баланд бардоштани сатҳи зиндагии кормандони соҳаи маориф, аз 1 сентябри соли 2025 музди меҳнати омӯзгорон ба андозаи 30 % боз зиёд шуд.

Саҳми омӯзгор, муаллим, мураббӣ ва таълимдиҳандаи насли наврас дар тарбияи мутахассисони ояндасози миллат, пешбурду пешрафти соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва

дар умум, ба рушди устувори кишвар ва боло рафтани эътибори Тоҷикистони азиз дар арсаи байналмилалӣ басо бузург аст.

**Муаллим устоди беҳтарин аст,**
**Сафобахшанда дар рӯйи замин аст.**
**Диҳад илму адаб бар насли наврас,**
**Бузургии муаллим дар ҳамин аст.**

Бо ибрози ин мисраъҳои саршор аз меҳр Рӯзи омӯзгоронро ба тамоми ҳамкасбон муборакбод мегӯям. Бигзор, чароғи илму ирфон дар замири ҳар як фарди ин миллат аз фурӯғи меҳри муаллим фурӯзон бошад.



**Беҳрӯз РАҶАБЗОДА,**
**мудири шуъбаи таълими Коллеҷи муҳандисии техникии ноҳияи Нуробод**

- Дар ҳар давру замон омӯзгорон дар ташаккули маънавӣ, фарҳангӣ ва зеҳнии инсон нақши ҳалкунанда доштанд. Дар замони муосир низ нақши омӯзгор танҳо ба расонидани дониш маҳдуд намешавад. Ӯ ҳамчун шахси масъул барои ташаккули ахлоқ, худшиносии миллӣ ва ватандӯстии насли наврас амал мекунад. Омӯзгорон арзишҳои фарҳанги миллӣ, забони давлатӣ, анъанаҳои давлатдорӣ ва ҷаҳонбинии пешрафтаро ба насли оянда меомӯзонанд. Бинобар ин, омӯзгор бояд дар ҷомеа соҳиби ҷойгоҳи хос ва иззат бошад. Пешвои миллат борҳо таъкид намудаанд, ки "ҳеҷ кас бе омӯзгор на табиб мешавад, на муҳандис, на олим ва на роҳбар". Ин андешаи амиқ нишон медиҳад, ки омӯзгор сарчашмаи пешрафти ҳамаи соҳаҳо аст.

Дар маҷмуъ, омӯзгор имрӯз бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат дар маркази таҳаввулоти иҷтимоиву фарҳангии кишвар қарор гирифтааст. Арзишу эътибори ӯ дар байни мардум боло рафта, бо эҳтиром ва эътимоди хос пазируфта мешавад. Ҷомеаи мо ба ин табақаи муҳтарам ниёз дорад ва рисолати омӯзгорро ҳамчун калиди пешрафт ва инкишоф эътироф мекунад. Барои таъмини рушди устувориояндаи кишвар, ниёз ба омӯзгорони соҳибтаҷриба ва ватандӯст ҳамеша боқӣ мемонад. Ҷашн гирифтани Рӯзи омӯзгорон иқдоми некест, ки қадру манзалат ва мақому эътибори ин қишри ҷомеаро баланд мебардорад.

Аз фурсати муносиб истифода бурда, Рӯзи омӯзгоронро ба тамоми аҳли маорифи кишвар табрик мегӯям. Бовар дорам, ки минбаъд низ омӯзгорони кишвар чун ворисони арзандаи фарзандони фарзонаи миллат дар ташаккули зеҳниву маънавии насли нав саҳми арзишманди хешро мегузоранд.



**Идигул НУСРАТУЛЛОЗОДА,**
**сардори шуъбаи депозитарии Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

- Омӯзгор шахсияти муқаддасест, ки бо меҳри беинтиҳояш қалбҳоро равшан мекунад. Ӯ мисли шамъ месӯзад, то роҳи дигаронро равшан созад. Дар ҳар як суханаш илҳом аст, дар ҳар як нигоҳаш умед ва дар ҳар як қадамаш пайки фидокорӣ.

Ҳастанд касоне, ки сарват меҷӯянд, вале омӯзгор он касест, ки сарвати маънавиро ба ҷомеа мебахшад. Омӯзгорон бо сабру таҳаммул, меҳру муҳаббат ва дониши густурда ояндаи миллатро месозанд.

Рӯзи омӯзгорон муборак, чароғи илму маърифат ҳаргиз хомӯш нагардад.

**Одинаҳмад ОДИНАЕВ,**
**омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик,**
**шаҳри Бохтар**



# ОМӮЗГОРИ ВАРЗИДА ВА МУАЛЛИМАИ ПУРТАҶРИБА



Мақому манзалати омӯзгор барои миллати фарҳангдӯсти тоҷик дар ҳама давру замон волову муқаддас будааст. Дар ҷомеаи имрӯз низ, ки илм, адаб ва маърифат нақши меҳварӣ доранд, шахсияти омӯзгор беш аз пеш арзишманд гаштааст. Ба шинохти банда омӯзгор танҳо як муаллим нест – ӯ тарбиятгар, раҳнамо ва рӯшангарест, ки бо донишу таҷриба, рафтору гуфтор ва ахлоқи намунавӣ ба шогирдон дарси илму зиндагӣ меомӯзонад.

Маҳз ҳамин рисолати муқаддас аст, ки омӯзгорро ба чеҳраи дурахшони олами маърифат табдил медиҳад. Ӯ бо меҳрубонӣ ва сабру таҳаммул дар дили насли наврас ҳисси омӯзишро афзун намуда, онҳоро дар руҳияи ватандӯстӣ, худшиносӣ ва ахлоқи ҳамида парвариш менамояд, дар рушду камоли шахсияти наврасону ҷавонон саҳми бузург мегузорад.

Дар ҷомеа омӯзгорони зиёд ҳастанд, ки умри худро сарфи таълиму тарбияи наврасону ҷавонон намуда, дар зинаҳои гуногуни омӯзиш фарзандони миллатро ба роҳи маънавият раҳнамун кардаанд, ки яке аз чунин шахсиятҳои содиқ ба пешаи омӯзгорӣ Ҷамила Барфакова мебошад. Заҳмати ӯ намунаи олии муҳаббат ба пешаи омӯзгорӣ ва хидмат ба наслҳои ояндаи ин кишвари адабпарвар мебошад.

**Таҳсил ва оғози фаъолияти омӯзгорӣ**

Муаллима Ҷамила Барфакова шахсияте мебошад, ки роҳи илму маърифатро бо эҳсоси баланди масъулият ва муҳаббати беандоза ба пешаи омӯзгорӣ паймудааст. Таҳсилоти олиро дар яке аз муассисаҳои маъруфи кишвар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (2001–2005) ба анҷом расонида, бо ихтисоси омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик ба арсаи таълиму тарбия ворид гардидааст. Номбурда ба зодгоҳаш – ноҳияи Кӯшониёни имрӯза, бозгашта, бо дили пурмеҳру нияти наку хидмати содиқонаашро ба мактабу маориф оғоз мекунад. Ӯ на танҳо омӯзгор, балки равшангарест, ки бо меҳру муҳаббат ва масъулияти том шогирдонро тарбия мекунад. Ҳар дарсе, ки бо садояш оғоз меёбад, на танҳо дарс, балки як лаҳзаи рӯшангарӣ ва омӯзиши зиндагист. Ӯ бо заҳмати пайваста, дониши амиқ ва рафтори намунавӣ байни ҳамкорон эҳтиром ва миёни шогирдон ҷойгоҳи вежае пайдо кардааст. Омӯзгорест, ки ҳамеша бо эҳтиром, самимият ва табассуми гарму руҳбахш ба шогирдон рӯ меорад, таваҷҷуҳи онҳоро ба хеш ҷалб мекунад ва дар ниҳоди онҳо муҳаббат ба илму донишро бедор месозад. Яъне, аз дарсҳои муаллима эҳсос мегардад, ки мавсуф барои пешаи омӯзгорӣ офарида шудааст.

**Услуб ва муносибати касбӣ**

Таҳлили касбӣ доир ба кори муаллима нишон медиҳад, ки яке аз сабабҳои аслии муваффақ шуданашон дар ҷодаи илму маърифат, дар баробари дониш, таҷрибаи зиёд ва маҳорати баланди педагогӣ ва истифодаи усулҳои фаъоли таълим мебошад. Маҳз истифода аз равишҳои фаъоли низоми таълим барояш имкон додааст, ки садҳо шогирдро ба роҳи неки зиндагӣ роҳнамоӣ намояд. Вай дорои услуби хоси таълим аст, ки бо муҳаббат, фаҳмиш ва сабр омехтааст. Ҳар як дарсаш барои хонандагон ҷолиб, равшан ва ҳадафманд мебошад. Қаҳрамони қиссаи мо бо истифода аз технологияи муосири таълимӣ ва

усулҳои фаъол хонандагонро ба омӯзиш ҷалб мекунад. Ҳамчунин, ҷиҳати тарбияи ахлоқии хонандагон ва ташаккули хислатҳои неки инсонӣ, аз қабили ростгӯӣ, инсондӯстӣ, меҳанпарастӣ ва масъулиятшиносӣ пайваста меҳнат мекунад.

**Нақши ҷамъиятӣ ва тарбиявӣ**

Ҷамила Барфакова на танҳо омӯзгор, балки шахсияти фаъол ва ташаббускор дар ҳаёти ҷамъиятӣ низ ба шумор меравад. Ӯ бо ҳисси масъулиятшиносӣ ва муҳаббат ба касб дар ҳама гуна чорабиниҳои тарбиявӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ саҳми намоёни худро мегузорад. Дар доираи маҳфилҳои фаннӣ, озмунҳо ва рӯзҳои фарҳангии мактаб ҳамеша нақши созанда дорад ва омӯзандагони зиёдро барои иштирок дар чорабиниҳои равшаннамой раҳнамой мекунад.

Ҳамчун мураббии синф дар тули фаъолияташ худро шахси меҳрубон ва пуштибони ҳамешагии шогирдон нишон додааст. Мекӯшад муҳити солим, дӯстона ва эҳтиромомез миёни хонандагон ҳукмфармо бошад. Омӯзгор ба масоили ахлоқии шогирдон аҳаммияти ҷиддӣ медиҳад ва бо ҳассосияти касбӣ ба таҳкими рафтори нек ва тарбияи ватандӯстона машғул мешавад.

Муносибати самимӣ ва ҳамкории зич бо волидон низ яке аз бахшҳои муҳимми кораш мебошад. Омӯзгори ботаҷриба бо падару модари шогирдон пайваста дар тамос буда, барои беҳтар шудани сатҳи таҳсил, ахлоқ ва интизоми фарзандонашон маслиҳатҳои судманд медиҳад. Ҳамзамон, ӯ бо диди некбинона ва масъулият дар ҳалли мушкилоти иҷтимоии хонандагон иштирок мекунад, ки ҷойгоҳашро дар миёни ҳамкорон ва ҷомеа арзишманд мегардонад.

**Эътироф ва қадрдонӣ**

Заҳматҳои пурсамар ва кори содиқонаи Ҷамила Барфакова дар самти таълиму тарбия аз ҷониби ҷомеа ва сохторҳои давлатӣ ба таври шоиста қадрдонӣ шудаанд. Ӯ тарбиятгари ҳақиқӣ ва роҳнамои роҳи насли наврас маҳсуб меёбад ва ҳар лаҳзаи заҳматаш бо масъулият омехта буда, самараи онро дар муваффақияти шогирдонаш дидан мумкин аст.

Дар ин ҳама соли фаъолияти омӯзгорӣ борҳо бо ифтихорномаҳо ва сипосномаҳои ниҳодҳои гуногун - маориф, мақомоти маҳаллӣ ва роҳбарияти ноҳия сарфароз гардида, дар миёни аҳли маориф ҳамчун мутахассиси кордону муваффақ шинохта шудааст. Шогирдонаш низ, ки имрӯз дар самтҳои гуногуни илму адабу фарҳангу тиб фаъолият мекунанд, пайваста бо меҳру эҳтиром аз омӯзгори худ ёд мекунанд ва ӯро бо ифтихор “устоди зиндагӣ” меноманд.

Таҳти раҳнамоии бевоситаи мавсуф шогирдони зиёд дар озмуну чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ ва ноҳиявӣ ширкат варзида, соҳиби ифтихорномаҳо, сипосномаҳо ва дипломҳои фахрӣ гардидаанд. Ин ҳама нишонаи равшани он аст, ки ӯ на танҳо дониш, балки ахлоқу адаб ва эҳсоси ватандӯстию меҳнатпазириро дар қалби шогирдон ҷой мекунад.

Қуллаи баландтарини заҳматҳои ӯро метавон дар оғози соли таҳсили 2025-2026 қайд кард, ки маҳз дар ин айём бо унвони “Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон” сарфароз гардид. Ин унвон танҳо ба ашхоси арзанда ва дорои собиқаи пурмаҳсул дода мешавад. Ҷамила Барфакова намунаи омӯзгори идеалӣ ва муосир аст – шахсе, ки бо садоқат ба касб, меҳру муҳаббат ба насли ҷавон ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ дар дили мардум мақоми хосса дорад.

**Хулоса**

Дар ҳақиқат, омӯзгорӣ на танҳо шуғл, балки як рисолати муқаддас ва меҳвари таҳаввули маънавии ҷомеа аст. Омӯзгори ҳақиқӣ метавонад бо илму хирад, меҳру муҳаббат ва ахлоқи ҳамида наслҳоро парварида, ба онҳо роҳи дурусти зиндагиро нишон диҳад.

Ҷамила Барфакова омӯзгорест, ки бо камоли масъулият, садоқат ба пеша ва эҳсоси гарми инсонӣ дар зинаи баланди касбӣ қарор дорад. Ӯ намунаи омӯзгори пешқадаму муваффақ буда, бо табассуму меҳрубонӣ дили шогирдонро тасхир мекунад, бо донишу ҷаҳонбинии васеъ роҳи фардои онҳоро равшан месозад ва бо таҷрибаи ғанӣ дарси ҳаёт меомӯзонад. Ӯ шахсияти арзандаест, ки ҳамкорон эҳтиромаш мекунанд, шогирдон дӯсташ медоранд ва падару модарон ба ӯ бовар доранд.

Дар маҷмуъ, қаҳрамони навиштаи мо мақоми омӯзгорро пос медорад ва дар қалби шогирдон ҳамеша нақши равшани меҳр, ҳидоят ва илҳом мегузорад. Барфакова Ҷамила омӯзгорест, ки бо меҳнати 20-солаи хеш дар рушди маънавии ҷомеа саҳми беандоза мегузорад.

**Абубакр МАНОНЗОДА,**
**сардори Медиатекаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон,**
**номзади илми филология**



# ФИДОКОР, БОНАНГУ ОР БУД, ОМӮЗГОР КАРИМОВ



Дар ҳаёти ҳар яки мо нақши омӯзгор ҳамчун роҳнамо ва тарбиягар ниҳоят бузург аст. Омӯзгор падари маънавии ҳар яки мост, зеро доимо заҳмат кашида, бедорхобиҳоро паси сар мекунад, то мо аз олами илму маърифат баҳраманд гардем. Яке аз чунин муаллимони фидокору заҳматкаш, ки тамоми ҳастии худро сарфи таълиму тарбияи насли наврас намудааст, Табаралӣ Каримов мебошад. Ӯ омӯзгоре буд, ки умри пурбаракати худро ба омӯзишу парвариши ҳазорон шогирд бахшид.

Фаъолияти меҳнатӣ ва омӯзгории Табаралӣ Каримов хеле фароху доманадор аст. Зодгоҳи устод деҳаи зебоманзари Чорбоғи ноҳияи Варзоб мебошад. Падараш деҳқони одӣ буда, ҳангоми 2-сола будани муаллим аз дунё мегузарад. Модараш низ ҳангоми 4-сола будани Табаралӣ дунёро падруд гуфт. Ин тифлаки хурдсол оғӯши гарми падару модари мушфиқу меҳрубони худро дида натавонист. Ҳамин тавр, Табаралӣ ва апаю додари ӯ дар хурдсолӣ бепарастор монданд. Азбаски апааш он замон 14-сола ва додараш нав 2-сола шуда буд, тағояш Исмоил Рафиев онҳоро муддате ба тарбияи худ гирифт. Пас аз чанд сол апааш ба шавҳар баромада, додаронашро ба парастории худ мегирад. Бахти Табаралии ҷавон боз омад накард. Ҷанги Бузурги Ватанӣ оғоз ёфт. Ҷавонон пайи ҳам барои ҳифзи Ватан даъват мешуданд. Соли 1943 язнааш Усмон Ризмоновро низ ба ҷанг даъват карданд. Язнааш ҳангоми муҳорибаҳо дар яке аз муборизаҳои бошиддат қаҳрамонона ҳалок мегардад. Ҳамин тавр, тарбияи фарзандони апааш - Идимоҳ ва Саид низ бар ӯҳдаи вай монд. Солҳои мудҳиши ҷанг буд. Аз соли 1940 то соли 1946 Табаралӣ дар мактаби ҳафтсолаи деҳааш таҳсили илм карда, дар баробари ин, ҷиянҳои ноболиғашро низ парасторӣ мекард.

Ҳангоми таътили тобистона ҳамроҳи апааш дар майдонҳои колхози Роҳи Ленини ноҳияи Варзоб ба дарави ғалла мерафт. Барои давом додани таҳсил соли 1946 ба интернати ноҳияи Ҳисор рафта, соли 1951 маълумоти миёнаро дар мактаби ба номи Н. Крупская гирифт.

Пас аз хатми мактаби миёна мехост, ки таҳсилашро дар мактаби олӣ давом диҳад. Мутаассифона, шароити зиндагӣ ба ӯ имкон намедод, ки ҳамон вақт орзуяшро амалӣ кунад. Вазъияти замон ӯро водор сохт, ки аз фикри таҳсил дар мактаби олӣ даст кашида, меҳнат намояд. Барои ҷустуҷӯи кор ба идораи маорифи ноҳияи Варзоб меравад ва мудири маориф Отахонов ӯро дида, мешиносад. Отахонов ҳангоми таҳсили ӯ дар мактаб-интернат вазифаи нозири Вазорати маорифи ҷумҳуриро бар ӯҳда дошт ва барои санҷидани дониши хонандагон дар дарсҳои физикаю математика иштирок намуда, ҳамон замон дониши хуб ва лаёқатмандии ӯро ҳис намуда буд. Ҳамин тариқ, бо тавсияи мудири маорифи ноҳия ӯро дар

мактаби 7-солаи ба номи Кагановичи деҳаи Чинор муаллими фанни физикаю математика таъйин намуданд. Солҳои 1951-1952 дар мактаби мазкур ба хонандагони синфҳои 5-7 аз фанни физика ва математика таълим медод.

Меҳри касби омӯзгорӣ дар қалби Каримов хеле амиқ ҷой гирифта буд. Ҷанг ҳам ба охир расида, шароити зиндагӣ рӯ ба беҳбудӣ овард. Он донише, ки аз мактаби миёна гирифта буд, ӯро қонеъ нагардонид. Соли 1952 барои васеъ намудани малакаву савияи дониши омӯзгории худ ба факултаи математика ва физикаи Институти омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т. Шевченко дохил шуда, онро соли 1956 бомуваффақият хатм намуда, соҳиби маълумоти олӣ мегардад.

Табаралӣ Каримов пас аз хатми институт дар мактаби миёнаи ба номи Горкийи Ҷамоати ба номи С. Айнии ноҳияи Варзоб аз соли 1956 то соли 1958 ба шогирдон аз рӯйи ихтисос таълим медиҳад. Соли 1958 дар деҳаи Лучоб мактаби миёна барои хонандагон дарҳои худро боз кард. Мудири маорифи ноҳия Абдулҳамид Ҳабибов ҳамчун муаллими ботаҷриба ӯро ба мактаби навтаъсис ба кор мефиристад.

Ҳамин тариқ, фаъолияти омӯзгории минбаъдааш солҳои 1958-1959 дар мактаби миёнаи ба номи Т. Шевченкои Ҷамоати Лучоб идома ёфт. Табаралӣ Каримовро соли 1959 маъмурияти мактаби миёнаи №116-и ба номи Улянови деҳаи Чорбоғ барои таълими фанни физикаю математика даъват карданд. Аз ҳамон сол то соли 1993, яъне, то ба нафақа баромадан Табаралӣ Каримов дар ҳамин мактаб давоми 34 сол ба шогирдон асосҳои илму донишро таълим медиҳад. Ӯ ҳар як дарс ва машғулиятро бо истифодаи аёният ва адабиёти иловагӣ пурмазмун мегузаронд. Мавзуъҳоро бо усулҳои гуногун чунон осонфаҳм мегузаронд, ки шогирдон дарсро зуд аз худ мекарданд.

Бояд гуфт, ки Табаралӣ Каримов барои хидматҳои шоёнаш дар таълиму тарбияи насли наврас бо Ифтихорномаи Президиуми Шурои Олии РСС Тоҷикистон, нишонҳои Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ветерани меҳнат ва якчанд ифтихорномаи маориф қадр карда шудааст. Шогирдони ин омӯзгори пурталошу заҳматпеша зиёданд ва онҳо номбардори номи баланди устодашон буда, дар самтҳои гуногун дар кишвар ва берун аз он кору зиндагӣ мекунанд. Имрӯз шогирдон аз устод хотираҳои даврони мактабхониро ба ёд оварда, номи неки ӯро пос медоранд.

## МУАЛЛИМ

**Баҳори гулфишон астӣ, муаллим,**
**Ба тан гӯё чу ҷон астӣ, муаллим.**
**Ба мисли рӯди Сайҳун, рӯди Ҷайҳун**
**Пайи дониш равон астӣ, муаллим.**

**Натанҳо рӯди Сайҳун, рӯди Ҷайҳун,**
**Ба шуҳрат рӯди Вахшӣ, рӯди Панҷӣ.**
**Ҳалолат бод нону обу сарват,**
**Ҳамеша нуктафаҳмӣ, нуктасанҷӣ.**

**Будам ман ҳам муаллим як замоне,**
**Ба тифлони дабистон дарс додам.**
**Ба тифлон дарс доданҳоям асло**
**Бурун қадре намегардад зи ёдам.**

**Набошад гар муаллим, рӯзи равшан**
**Ба чашми ҷумла инсон шоми тор аст.**
**Бародарҳо, рафиқон, ошноҳо,**
**Муаллим офтоби рӯзгор аст.**

**Нуруллоҳи ОРИФ**

**Бибиҷон ҶАББОРОВА,**
**омӯзгори калони Коллеҷи тиббии шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд**



# БОЛО БУРДАНИ ШАВҚУ РАҒБАТИ ДОНИШҶӮЁН БА ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ




**«Шахсе, ки ақаллан як забони хориҷиро намедонад, ӯ дар бораи забони модарии худ ҳеҷ чизро намедонад».**

**И. Гёте**

Имрӯзҳо забонҳои англисӣ ва русӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаи муҳимми муоширату ҳамкорӣ ва иртибот бо кишварҳои хориҷа мебошанд. Донистани забони англисӣ имкон медиҳад, ки бо пешрафтҳои фарҳангӣ, иқтисодию сиёсии кишварҳои англисзабон ва тамаддуни ҷаҳонӣ шинос шавем. Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии хеш барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, омода кардани кадрҳои баландихтисос, омӯхтани забони давлатӣ, бедор кардани шавқу рағбати хонандагон ба омӯзиши фанҳои риёзию дақиқ махсус қайд карданд, ки боиси ифтихору сарфарозист. Илова бар ин, Сарвари давлат ба зарурати донистани забонҳои хориҷӣ, махсусан, забони русӣ ва англисӣ барои ҷавонон ва мутахассисони соҳаҳои гуногун таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуданд. Ногуфта намонад, ки чанд сол аст, Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ барои давраи то соли 2030 қабул гардидаву мавриди татбиқ қарор гирифтааст. Аз ин лиҳоз, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат “Луғати вожаҳои серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ”-ро таҳия намуда, пешкаши тамоми омӯзгорону хонандагон ва донишҷӯёни

муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ, кормандони соҳаҳои маориф ва илм гардонд.

Таълимии фанни забони англисӣ, аз ҷумла, дар коллеҷҳо, пеш аз ҳама, барои донишҷӯён дар фаъолияти ояндаи онҳо аҳаммияти муҳим дорад. Мақсади асосии дарси забонҳои хориҷӣ боло бурдани шавқу рағбати забономӯзии донишҷӯён мебошад. Аз ин рӯ, ҳар як мутахассис ӯҳдадор аст, ки барои аз худ намудани забонҳои хориҷӣ, бахусус, забонҳои русӣ ва англисӣ кӯшиш намояд. Чунки таълиму омӯзиши забонҳои хориҷӣ ҷаҳонбинии инсонро вусъат мебахшад.

Муаммои ҷустуҷӯи роҳҳо ва методҳои самараноки баланд бардоштани шавқи донишҷӯён ба омӯзиши забони англисӣ яке аз масъалаҳои актуалӣ мебошад. Ҳавасманд намудани донишҷӯён ба омӯзиши забони англисӣ қадамҳои аввалини ҷараёни таълим мебошад. Донишҷӯён бояд дарк намоянд, ки омӯзиши забони англисӣ ба онҳо хеле зарур мебошад. Идомаи таҳсил дар хориҷи мамлакат ва ё кор кардан дар хориҷа, инчунин, дар ягон ташкилоти бонуфузи кишвар фаъолият намудан аз ҳар як донишҷӯ, дар баробари донистани тахассуси худ, инчунин, донистани забонҳои хориҷиро талаб мекунад. Муоширати касбӣ бо забони модарӣ ва хориҷӣ дар сатҳи баланд аз ҷаҳонбинии васеъ, дарки баланди масъалаи ба миён омада ва дигар маҳорату малакаҳои касбие, ки мафҳумҳои асосии ҳар як тахассус мебошанд ва барои ҳар як мутахассиси оянда калиди муваффақият дар фаъолияти касбиашон хоҳад шуд. Мутахассисе, ки бо нутқи равон ва забони фасеҳу гӯё сухан мекунад, ҳамзамон, фикри ҳамсуҳбати худро фаҳмида ба он ҷавоби оқилона мегардонад, дар кори худ муваффақу комёб хоҳад шуд. Чӣ хеле, ки дар урфият мегӯянд: «Забон донӣ - ҷаҳон донӣ». Барои ҳамин, донишҷӯ бояд кӯшиш кунад, ки ба мафҳумҳо, вожаҳо ва принсипҳои ин забон сарфаҳм равад, онҳоро дар ҳаёти хеш тавонад мустақилона истифода намояд.

Омӯзиш ва ба даст овардани донишҳо аз фанни забони англисӣ дар он вақт имконпазир мешавад, ки агар аз тарафи омӯзгор омилҳои муҳимми таълимӣ ба назар гирифта шаванд. Бо муваффақият оғоз шудани таълими забони хориҷӣ ва бо ҳам баргузор намудани машғулиятҳои факултативӣ ба баланд шудани сатҳи шавқмандии донишҷӯён ба забономӯзӣ мусоидат мекунад.

Муваффақият ва муносибати донишҷӯён ба фан пурра аз омӯзгор вобастагӣ дорад, яъне, то чӣ андоза таълим шавқовар ва хотирмон гузарад, то ҳамон андоза дар хонандагон ҳавасмандӣ нисбат ба фан пайдо мешавад.

Дар умум, ду шакли ҳавасмандкунӣ мавҷуд аст: дохилӣ ва берунӣ. Дар навбати худ, ҳавасмандкунии васеъ ва маҳдуди иҷтимоиро ҷудо мекунанд. Дар омӯзиши забони хориҷӣ, одатан, ҳавасмандкунии васеи иҷтимоӣ истифода бурда мешавад, ки дар он хонанда ё таълимгиранда кӯшиши худро дар омӯзиши забон нишон медиҳад, ҳаракат мекунад, ки фарҳанги онро аз худ намуда, худро дар байни донандагони забон муваффақ нишон диҳад. Дар байни шаклҳои ҳавасмандкунии дохилӣ ду намуд: коммуникативӣ ва забоншиносиро ҷудо мекунанд.

Ҳавасмандкунии коммуникативӣ яке аз қисмҳои асосии ҳавасмандкунии дохилӣ ба ҳисоб меравад, яъне, аз худ кардани салоҳиятнокии коммуникативӣ – ин талаботи аввалиндараҷаи донишҷӯ мебошад. Ҳавасмандкунии забоншиносӣ ё забономӯзӣ ин муносибати мусбат доштан нисбат ба забони омӯхташаванда, сохтор ва хусусиятҳои он мебошад.

Барои бедор намудани шавқу ҳавас ба омӯзиши забони англисӣ омӯзгор метавонад усулҳои зеринро истифода барад:

**1. Таълими ҳамгиро.**

**2. Дарсҳои ғайрианъанавӣ.**

**3. Шаклҳои ғайристандартӣ ба дарс.**

**4. Истифодаи тахтаи интерактивӣ ба дарс, барномаи мултимедиявӣ.**

**5. Ташкили бозиҳои дидактикӣ дар дарс.**

**6. Ташкили кори эҷодӣ ба дарси забони англисӣ.**

Ҳамин тавр, яке аз роҳҳои баланд бардоштани ҳавасмандкунии наврасону ҷавонон ба забономӯзӣ таркиби мундариҷавии маводди омӯзишӣ буда, шавқи донишҷӯёнро ба дарс бедор мекунад.

**Азизбек ЗУМРАТОВ,**
**омӯзгори фанни химияи Литсейи №3**
**барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе**



# МАВҚЕИ КАБИНЕТИ ФАННӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ХИМИЯ

Дар ҳошияи татбиқи Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025

Таълими муосири фанҳои табиӣ, аз ҷумла, химия, наметавонад бо василаи шарҳи назариявӣ маҳдуд бошад. Зеро барои ташаккули маърифати илмӣ, салоҳиятҳои таҳқиқотӣ ва зеҳни таҳлилгаронаи хонандагон муҳити таълимӣ таҷрибавӣ ва фаъол бояд бошад. Аз ҳамин ҷиҳат, кабинети фаннӣ ҳамчун муҳити махсуси омӯзиш нақши калидӣ дорад. Он на танҳо шароити баргузор кардани дарсҳои амалӣ ва намоиширо муҳайё мекунад, балки заминаи ташаккули тафаккури илмӣ ва малакаҳои муҳандисию таҳқиқотии хонандагонро фароҳам месозад.

Бо дарки ин зарурат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қарори №114, аз 3 апрели соли 2021, Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025-ро ба тасвиб расонид. Барномаи мазкур ҳамчун як қадами муҳимми стратегӣ ба рушди таълими амалии фаннӣ ва баландбардории сифати омӯзиш дар саросари кишвар нигаронида шудааст.

Химия фаннест, ки на танҳо ба дониши назариявӣ, балки ба таҷриба ва мушоҳида асос меёбад. Агар хонанда танҳо қоидаҳо ва баробариҳоро аз китоб хонад, аммо имкони дидан, андеша ва таҷриба карданро надошта бошад, омӯхтани фан маънои амиқи амалиро гум мекунад. Кабинети фаннӣ ба хонанда имкон медиҳад:

**- раванди химиявиро дидаю таҷриба кунад;**

**- робитаи назария бо амалияро эҳсос намояд;**

**- салоҳияти ҳаётӣ ва илмӣ (таҳлил, мушоҳида, хулосабарорӣ, бехатарӣ) инкишоф ёбанд.**

Баъзе мисолҳои таҷрибаҳои одии кабинетӣ метавонанд, чунин бошанд:

**- Ҳосил кардани газҳо ва муайян кардани хосияти онҳо ($O_2$, $CO_2$, $H_2$);**

**- Тафриқаи моддаҳо бо усулҳои хроматография ва дистилятсия;**

**- Гузаронидани реаксияҳои индикаторӣ ва муайянсозии муҳити моддаҳо (pH);**

**- Тайёр кардани маҳлулҳо бо консентратсияҳои гуногун ва чен кардани онҳо.**

Барои он ки дар кабинети фаннӣ босамар кор кунем, зарур аст, ки он ба як қатор талаботи муайяни таълимӣ ва техникӣ ҷавобгӯ бошад:

**1. Таҷҳизоти техникӣ ва лабораторӣ:** низоми таълимии фаннӣ бояд бо таҷҳизоти замонавӣ, асбобҳои ченкунӣ, реактивҳо ва лавозими омӯзишӣ таъмин бошад.

**2. Амнияти техникии кабинет:** ҳузури воситаҳои хомӯшкунии оташ, системаи хуби вентилятсия, қоидаҳои истифодаи таҷҳизот ва дастрас будан ба лавозими муҳофизатӣ барои ҳар як хонанда ва омӯзгор.

**3. Муҳити мусоиди таълимӣ:** кабинет дорои равшании кофӣ, ҳарорати мувофиқ ва ҷойи нишаст бо тарҳи эргономикӣ (тарҳест, ки бо дарназардошти эҳтиёҷоти ҷисмонӣ ва зеҳнии инсон) бошад, ки шароити хуб барои дарсгузаронӣ фароҳам меорад.

**4. Дастрасии иттилоотӣ:** муҷаҳҳаз будани кабинет бо воситаҳои рақамӣ, компютер, проектор, шабакаи интернет ва лавҳаҳои электронӣ.

**5. Маводди таълимии визуалӣ ва методӣ:** ҳузури плакатҳо, схемаҳо, дастурамалҳо ва кортҳои таълимӣ барои дарки хуби мавзуъ аз ҷониби хонандагон.

**6. Низоми муназзами нигоҳдорӣ ва барӯйхатгирии таҷҳизот:** ҳар як таҷҳизот бояд

дар ҷойи муайян нигоҳдорӣ шуда, бо воситаи дафтари баруйхатгирӣ назорат шавад.

Муҳим он аст, ки кабинет на танҳо бо таҷҳизоти зарурӣ ва муосир таъмин шавад, балки он бояд самаранок ва мақсаднок идора гардад.

Барномаи давлатии мазкур, ҳамчун як иқдоми муҳим дар самти рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, илмӣ, таълимӣ ва иқтисодӣ роҳандозӣ шуда, ҳадафҳои зеринро фаро мегирад:

**- Муассисаи таълимиро бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳо таъмин намудан;**

**- Баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон дар истифодаи таҷҳизоти муосир;**

**- Фаъолгардонии таҳқиқоти илмӣ ва лоиҳавии хонандагон дар муҳити лабораторӣ.**

Баҳри иҷрои барнома дар бисёр мактабҳо кабинетҳои фаннӣ бо таҷҳизоти нав - тахтаҳои электронӣ, дастгоҳҳои озмоишӣ ва проекторҳо муҷаҳҳаз гардонида шуданд.

Барномаи таълимии нави фанни химия, ки дар заминаи салоҳият асос ёфтааст, на танҳо ба омӯзиши донишҳои назариявӣ таваҷҷуҳ мекунад, балки ба рушди малака ва қобилиятҳои амалӣ ва иҷтимоии хонанда низ аҳаммияти ҷиддӣ медиҳад. Дар асоси ин барнома, аз хонандагон талаб карда мешавад:

• Малакаи гузаронидани таҳқиқот ва мушоҳидаи илмӣ дошта бошанд, яъне, тавонанд мушкилотро муайян намуда, фарзия пешниҳод кунанд, таҷриба гузаронанд ва натиҷаҳоро таҳлил намоянд;

• Бо воситаҳои ченкунӣ ва таҷҳизоти лабораторӣ дуруст ва бехатар кор карданро омӯзанд, ки ин ба онҳо имкон медиҳад, донишҳои назариявиро ба таҷриба татбиқ кунанд ва ба равандҳои илмӣ наздик шаванд;

• Дар муҳити гурӯҳӣ фаъолона ширкат варзида, фикри худро иброз намоянд ва дар муҳокимаву баҳсҳо иштирок кунанд;

• Қоидаҳои бехатарӣ ва масъулиятшиносиро дар ҳама гуна фаъолиятҳои амалӣ риоя намоянд, зеро ин ҷузъи муҳимми таълими фанни химия буда, амнияти шахсӣ ва ҷамъиятиро таъмин мекунад.

Кабинети фаннӣ ҳамчун муҳити махсуси таълимӣ на танҳо ҷойи баргузории дарсҳои назариявӣ мебошад, балки фазое фароҳам меорад, ки дар он ҳамаи малакаҳои зикршуда - аз таҳқиқот ва мушоҳида то кори амалӣ бо таҷҳизот, ибрози андеша дар муҳити гурӯҳӣ ва риояи қоидаҳои бехатарӣ - дар ҳамгироӣ ва ҳамбастагӣ инкишоф меёбанд. Ин гуна муҳит имкон медиҳад, ки омӯзиш бо таҷриба пайваст гардад ва салоҳиятҳои асосии фаннӣ дар амал ташаккул ёбанд.

Нақши омӯзгор дар истифодаи самараноки кабинети фаннӣ хеле муҳим ва сарнавиштсоз мебошад. Ӯ на танҳо роҳбари равандҳои таълимӣ, балки кафили амният ва рушди салоҳиятҳои хонандагон ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, аз омӯзгор иҷрои як қатор вазифаҳои калидӣ талаб карда мешавад:

- ба роҳ мондани раванди таҷрибаомӯзӣ ба таври ҳадафманд ва системавӣ, ки дар он ҳар як амал бо мақсад, мазмун ва натиҷа ҳамоҳанг карда шуда, ба рушди тафаккури таҳқиқотии хонандагон мусоидат менамояд;

- таъмини амнияти ҷисмонӣ ва равонии хонандагон ҳангоми фаъолият дар кабинет, ки тавассути риояи қатъии қоидаҳои бехатарӣ ва назорати доимии муҳити таҷрибавӣ амалӣ мегардад;

- бо истифода ва нигоҳдории дурусти таҷҳизот ва лавозими таълимӣ, ки ҳам ба самаранокии дарс ва ҳам ба дарозумрии захираҳои техникӣ таъсир мерасонад;

- ҷалби хонандагон ба лоиҳаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва озмунҳои фаннӣ, бо мақсади ташаккули малакаҳои эҷодӣ, озодандешӣ ва муҳаққиқона;

- ворид намудани усулҳои муосири таълим, аз қабили усули таҳқиқотӣ, кори гурӯҳӣ ва таълими ҳамкорӣ ба ҷараёни дарс, ки муҳити фаъоли таълимиро фароҳам меорад ва ҳисси масъулиятшиносӣ, мубодилаи афкор ва ҳамбастагиро дар байни хонандагон тақвият мебахшад.

Бо вуҷуди тадбирҳои ҷиддӣ ва дастгирии сатҳи давлатӣ ҷиҳати рушди кабинетҳои фаннӣ ва таъмини онҳо бо таҷҳизоти муосир, ҳанӯз ҳам бархе мушкилот ба назар мерасанд, ки метавонанд, ба сифати таълим таъсир расонанд:

- норасоии мутахассисони фаннӣ ва омӯзгорони дорои малакаи кор бо таҷҳизоти лабораторӣ ва рақамӣ дар баъзе муассисаҳои таълимӣ, ки боиси истифодаи маҳдуди имконияти техникии кабинети фаннӣ мегардад ва самаранокии дарсҳоро коҳиш медиҳад;

- маҳдуд будани дастрасӣ ба моддаҳои химиявии зарурӣ барои гузаронидани таҷрибаҳо дар баъзе аз муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки дар навбати худ татбиқи пурраи барномаи таълимии амалиро мушкил месозад;

- кофӣ набудани дастурҳои методӣ ва роҳнамоҳои омӯзишӣ барои омӯзгорон вобаста ба истифодаи таҷҳизоти нави фаннӣ, ки боиси душвориҳо дар омодасозии дарсҳои таҷрибавӣ ва таълими таҳқиқотӣ мегардад.

Роҳҳои ҳалли эҳтимолӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии дарсҳои амалии фаннӣ ва беҳтарсозии фаъолияти кабинетҳои таҷрибавӣ метавонанд, чунин бошанд:

1. Ташкили курсҳои такмили ихтисос барои омӯзгорон дар кабинетҳои таҷрибавӣ, ки дар он омӯзгорон метавонанд, донишҳои амалӣ ва методии худро тавассути омӯзиши усулҳои муосири тадрис, истифодаи таҷҳизоти лабораторӣ ва технологияи нав афзоиш диҳанд. Ин курсҳо бояд бо дарназардошти ниёзҳои амалии омӯзгорон ва бо иштироки мутахассисони варзида ташкил карда шаванд.

2. Таҳия ва интишори маҷмуаҳои методӣ ва дастурҳои амалӣ, ки барои дарсҳои амалии фаннӣ дар кабинетҳои таҷрибавӣ роҳнамо бошанд. Ин маҷмуаҳо бояд фарогири таҷрибаҳои беҳтарин, роҳҳои ташкили озмоишҳо, тарзи истифодаи воситаҳои техникӣ ва тавсияҳо барои арзёбии фаъолияти хонандагон бошанд.

3. Ҷалби шарикони ҷамъиятӣ ва бахши хусусӣ барои дастгирии молиявӣ ва таҷҳизонидани кабинетҳои фаннӣ, аз ҷумла, таъмини онҳо бо лавозими озмоишӣ, реактивҳо, асбобҳои аёнӣ ва технологияҳои муосир.

4. Мубодилаи таҷриба миёни омӯзгорон тавассути баргузор намудани семинарҳои илмӣ-амалӣ, вебинарҳо, форумҳои касбӣ ва таъсиси марказҳои омӯзишии фаннӣ. Ин чорабиниҳо имкон медиҳанд, ки омӯзгорон таҷриба ва навовариҳои худро муаррифӣ кунанд, аз таҷрибаи дигарон баҳра баранд ва шабакаи мутақобилаи касбиро тақвият бахшанд.

Дар Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе ҳамасола дар охири соли таҳсил озмуни дохилимуассисавии “Беҳтарин кабинети фаннӣ” гузаронида мешавад. Ин озмун дар ибтидо дар сатҳи шаҳрӣ низ аз тарафи Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе баргузор мешуд, вале мутаассифона, аз соли 2011 ба ин тараф баргузор намегардад. Ман ифтихор дорам, ки соли 2010 дар ин озмун иштирок карда, ҷойи аввалро соҳиб шудам.

Таҷрибаи озмун нишон медиҳад, ки он як ангораи амалии татбиқи барномаи давлатӣ мебошад. Озмунҳо ба рушди завқи эҷодӣ ва таҳқиқотии омӯзгорон, таҷрибаандӯзии хонандагон, ҷорӣ намудани навовариҳо дар таълими химия, нигоҳдорӣ ва самаранокии истифодаи таҷҳизот ёрӣ мерасонанд. Аз ин рӯ, барқарор намудани Озмуни шаҳрии “Беҳтарин кабинети фаннӣ” метавонад як омили муҳим барои афзоиши сифат ва татбиқи пурсамари барномаи давлатӣ гардад. Бо такя ба таҷрибаи шахсӣ ва муассисаи таълимии мо, чунин пешниҳодҳо метавонанд татбиқи барномаро боз ҳам беҳтар намоянд:

- Тамдиди муҳлати Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои панҷ соли оянда (2026–2030).

- Барқарор кардани Озмуни шаҳрии “Беҳтарин кабинети фаннӣ”.

- Ҷорӣ намудани рейтинги миллӣ барои кабинетҳои фаннӣ бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

- Омодасозии дастурҳои методии муосир барои истифодаи таҷҳизоти кабинетӣ.

- Ҷалби шарикони иҷтимоӣ ва донорҳои таълимӣ ба барномаҳои муҷаҳҳазсозӣ.

Бовар дорам, ки тамдиди ин барнома барои панҷ соли дигар имкон медиҳад, ки муассисаҳои таълимии кишвар пурра ба талаботи асри XXI мутобиқ гарданд ва таълими фаннӣ ба сатҳи сифатан нав бароварда шавад.

Хулоса, кабинети фаннӣ барои таълими фанни химия на танҳо як муҳити физикӣ бо таҷҳизоту лавозими зарурӣ, балки як фазои тарбиявӣ ва эҷодӣ мебошад, ки имконияти васеъро барои рушди тафаккури илмӣ, малакаҳои таҳқиқотӣ ва ҷаҳонбинии хонанда фароҳам месозад. Бо татбиқи Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025 таҳкурсии мусоиди омӯзиши фанҳои бунёдӣ фароҳам шудааст.

Дар ин замина, вазифаи ҳар як омӯзгори фанни химия он аст, ки бо истифодаи созандаи ин имконот ба таҳкими раванди таълимӣ мусоидат намуда, хонандаро на танҳо ҳамчун гирандаи дониш, балки ҳамчун муҳаққиқи ҷавон, эҷодкор ва иштирокдори фаъоли ҷараёни омӯзиш тарбия намояд. Танҳо дар ин сурат метавон ба мақсади асосии таълим - ташаккули салоҳиятҳои илмӣ, таҳқиқотӣ ва амалии насли наврас ноил гашт.

**Резагул БУРҲОНОВА,**
**омӯзгори фанни математикаи Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе, унвонҷӯйи ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ**



# ЛАЁҚАТҲОИ ЭҶОДКОРӢ, НАВОВАРИВУ ИХТИРОЪКОРИИ ШОГИРДОНРО ЧӢ ГУНА ТАШАККУЛ ДИҲЕМ?

Дар ҷаҳони муосир илму маориф ҳамчун сарчашмаи пешрафти иқтисодию иҷтимоии ҷомеа арзёбӣ карда мешаванд. Бинобар ин, мо - аҳли маорифро лозим аст, ки шогирдони худро дар руҳияи ҳифзи асолату ҳувияти миллӣ тарбия намоему насли наврасро, ки созандаи ҷомеаи навинанд, ҳамқадами замон парвариш диҳем, то ки мақому мартабаи кишварамонро дар арсаи ҷаҳонӣ баланд бардоранд.

Рушд ва пешравии ҷаҳони муосир ба ду ҷанбаи асосӣ, ки яке ба илму техника ва технология, дигаре маънавиёт, ахлоқ ва пос доштани анъанаҳои ниёгон мебошанд, сахт марбут аст. Рушди техника ва технология бе маънавиёт амалӣ нахоҳад шуд. Бинобар ин, мо бояд дар баробари ташаккули тафаккури техникӣ маънавиёти насли наврасро баланд бардошта, аз анъанаҳои неки миллии ниёгони худ онҳоро бархӯрдор намуда, ба арзишҳои волои инсонӣ арҷ гузорем. Ин падида моро водор менамояд, ки вобаста ба талаботи замон аз имкониятҳои мавҷуда истифода намуда, роҳҳои самарабахши истифода аз дастовардҳои илму техникаро ҷустуҷӯ намоем.

Ташаккули тафаккури фарҳанги техникии насли наврас ба эҷодкорӣ, навовариву ихтироъкорӣ аз айёми кӯдакӣ ва наврасӣ, яъне, аз кӯдакистон ва мактаби миёна оғоз гардида, дар таълимгоҳҳои олӣ рушд меёбад. Ин амал тақозо менамояд, ки шогирдон бояд дар мактаб аз фанҳои дақиқ ва табиатшиносӣ дониши хуб гиранд, ки он барои ихтироъкорӣ ҳамчун таҳкурсӣ хидмат мекунад. Шароити мусоиди кор ва мавҷуд будани кабинетҳои фаннӣ, устохонаҳои таълимӣ дар мактабҳои миёна ба раванди касбомӯзӣ тақвият мебахшад. Зеро онҳо омили муҳимми интихоби бошууронаи касбу ҳунар ва равияҳои касбӣ ба шумор мераванд. Аз ин лиҳоз, ба мо - омӯзгорон лозим аст, ки шогирдонамонро бо донишҳои нав ба нав мусаллаҳ намуда, онҳоро ба интихоби бошууронаи касб ҷалб намоем.

Яке аз корҳои самарабахши таълимию методӣ ин бо технологияи ҳозиразамон, яъне, компютерҳо, воситаҳои сабти овоз, аудио – видео, телевизион ва дастгоҳҳои аккосию барномасозӣ муҷаҳҳаз гардонидани раванди таълим мебошад. Ин роҳ имкон медиҳад, ки хонандагон аз тамоми нозукиҳои технологияҳои навин огоҳ гашта, ҳамчун сарчашмаи таълим аз он ғизои маънавӣ гиранд ва фарҳанги истифодаи технологияи муосирро дуруст дарк намоянд.

Дарс ва равиши дарсҳоро ҳама вақт бо роҳу усулҳои замонавӣ, технологӣ, шавқовар, мантиқӣ ва рангин гузаронидан мувофиқ ба мақсад буда, аз ҳама намудҳои тест мунтазам истифода бурдан лозим аст. Тахтаи синфро мақсаднок истифода бурда, ҳама дарсҳоро бо ҷадвалҳои лозимаи фаннӣ, асбобҳои аёнӣ гузаронидан бартарӣ дорад, зеро дар ин сурат хонанда рангорангии дарсҳоро эҳсос менамояд. Ҳалли мисолу масъалаҳоро бештар бо хонандагон гузаронида, вақтро барои навишти хосиятҳо, теоремаҳо, аксиомаҳо, қонунҳо, қоида ва таърифҳо ҷудо кардан лозим нест, зеро хонандагон метавонанд мустақилона онҳоро дар хонаашон аз китоби дарсӣ, ки ҳамаи хонандагон доранд, хонанду нависанд. Аз варақаҳои индивидуалӣ барои корҳои мустақилона бамаврид истифода бояд бурд, зеро танҳо тавассути ин усулҳо

метавон қариб 50%-и хонандагонро дар дарс баҳогузорӣ намуд.

Яке аз мақсадҳои асосии омӯзгорон бояд дар раванди дарсҳо истифода бурдан аз технологияҳои муосир ба шумор равад. Ҳамаи мисолу масъалаҳоро тариқи тахтаи электронӣ бо усулҳои дарс-бозӣ, дарс-мубоҳиса, дарсҳо - ҷиҳати дарки мантиқии мавзуи ҷорӣ, дарс-таҳлил ва ғайра, гузаронидан низ яке аз усулҳои дигари фаъоли таълим ба шумор меравад.

Фанни геометрия дорои хосияти абстрактӣ ва фазоӣ буда, махсусан, ниёз ба шаклҳои визуалӣ ва интерактивии таълим дорад. Истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ - ТИК дар омӯзиши геометрия имкониятҳои васеъ барои таҳкими фаҳм ва тасаввуроти хонандагон, инкишофи қобилиятҳои мантиқию таҳлилӣ ва ташаккули малакаҳои амалӣ фароҳам меорад.

Мақсади таҳқиқ: таҳияи асосҳои методикии таълими фанни геометрия бо истифода аз ТИК дар доираи пайвастагиҳои педагогӣ бо таълиму тарбия ва муҳити воқеии зисти хонанда.

Дар замони муосир ТИК воситаи муҳимми рушди таълим ба ҳисоб меравад. Асоси назариявии истифодаи ТИК бар меъёрҳои равоншиносӣ, дидактикӣ ва педагогӣ такя мекунад. Мақсад аз ворид намудани технологияҳои рақамӣ ба дарс – ин баланд бардоштани самаранокии таълим, фаҳмонидани беҳтари мавод, ташаккули малакаҳои мустақилона ва таҳлилии хонандагон мебошад.

Фанни геометрия хусусияти визуалӣ дорад ва ТИК барои фаҳмонидани мафҳумҳои фазоӣ, масоҳат, периметр, шаклҳо, табдили онҳо ва дигар амалҳо имконияти васеъ фароҳам меорад.

Мавзуъҳои “периметр” ва “масоҳат” дар таълими геометрия дорои хусусияти баланди амалӣ мебошанд. Онҳо имкон медиҳанд, ки хонандагон донишҳои гирифтаашонро дар ҳаёти воқеӣ татбиқ намоянд.

Истифодаи ТИК дар заминаи платформаҳои GeoGebra, PowerPoint ва видеоҳо бо истифода аз компютерҳои нав, телефонҳои мобилию планшетҳо дар омӯзиши ин мавзуъҳо имкон медиҳад, ки тамошои интерактивии сохт ва тағйирёбии шаклҳо, чен кардани тарафҳо ва амсиласозии фазоҳои воқеӣ амалӣ карда шаванд.

**Мисоли 1.** Дар деҳа қитъаи замини чоркунҷа бо паҳнии 20 метр ва дарозии 35 метр дода шудааст. Масоҳати он ҳисоб карда шавад.




**Ҳал.** Ёфтани масоҳати росткунҷа барои хонандагон мафҳуми нав нест, зеро онҳо оғоз аз синфи 3 ин ҳисобкуниро медонанд, аммо дар рафти гузариш ба воҳидҳои ягона бештар ба хато роҳ медиҳанд.

$$S = 20 \text{ м} \cdot 35 \text{ м} = 700 \text{ м}^2.$$

**Ҷавоб: масоҳати қитъа 700 м².**

Лозим ба ёдоварист, ки ёфтани масоҳат, гузаштан аз як бузургии дарозӣ ба дигараш (аз бузургии хурд ба калон ва баръакс) ба мақсади воҳидҳои ягонаи дарозиро ба даст овардан барои ҳама фаҳмо набуда, на ҳама аз уҳдаи ин амали содаи арифметикӣ баромада метавонад.

**Мисоли 2.** Майдони росткунҷа дорои тарафҳои 15 метр ва 25 метр мебошад. Гирди ин майдонро маҳкам карда, онро сабзазор кардан лозим шуд. Агар барои 1 метри квадратӣ 150 грамм тухми сабза лозим бошад, ҳамагӣ чӣ қадар тухми сабза лозим аст ва барои як қатори маҳкамкунии он чанд метр сим сарф мешавад?




**Ҳал.** Ҳисоб кардани масоҳат ва периметри росткунҷа аз мисоли гузашта ба мо маълум аст, ки тибқи формулаҳои муайян иҷро карда мешаванд.

$$P = 2 \cdot (a + в) = 2 \cdot (15 \text{ м} + 25 \text{ м}) = 2 \cdot 40 \text{ м} = 80 \text{ м}$$

$S = a \cdot в = 15\ м \cdot 25\ м = 375\ м^2$.

Агар барои 1 $м^2$ майдонча 150 г (ё ба килограмм 0,15 кг) тухмӣ лозим бошад, пас барои тамоми майдон 375 : 150 = 2,5 кг тухмӣ лозим аст.

**Ҷавоб: 80 метр сим ва 2,5 кг тухми сабза.**

**Мисоли 3.** Бобо ба наберааш гуфт: - Ҳавлии мо дорои дарозии тарафҳои 22 метр, 23 метр, 25 метр, 19 метр аст. Дарозии ҳамаи тарафҳои он чанд метр бошанд? Ҳисоб карда ба ман гӯй!




**Ҳал.** Ёфтани периметри қитъаи замин барои хонандагон осон аст, агар он тавассути формулаи муайян ҳисоб карда шавад. Аммо қитъаи замини додашуда трапетсияи ғайрибарҷаста мебошад ва ба ин хотир, аз усули ҳисоби анъанавии периметр (суммаи дарозии тарафҳо) истифода мебарем.

$$P = 23\ м + 25\ м + 22\ м + 19\ м = 89\ м$$

**Ҷавоб: Суммаи дарозии тарафҳои ҳавлӣ 89 метр аст.**

**Мисоли 4**. Масоҳати боғи мактаб ба 78,5 $м^2$ баробар буд. Баъди он ки дар маркази он майдончаи ҷойи нишаст дар ҳавои тоза сохтанд, он каме хурдтар шуд. Масоҳати ҳозираи майдони боғро ёбед, агар радиуси майдончаи ҷойи нишаст дар ҳавои тоза 3 метр бошад.

**Ҳал.** Тартиби ёфтан масоҳати доира аз курси математикаи синфи 5 ба хонандагон маълум аст. Он масоҳатро меёбем, аз масоҳати умумӣ 78,5 $м^2$ тарҳ карда, масоҳати ҳозираи майдончаи назди мактабро муайян мекунем.

$$S = \pi \cdot r^2 = 3{,}14 \cdot 3^2 = 3{,}14 \cdot 9 = 28{,}26\ м^2$$

Чун масоҳати пештараи боғи мактаб ба мо маълум аст, ки он ҳам 78,5 $м^2$ мебошад, пас аз он масоҳати майдончаи ҷойи нишаст дар ҳавои тоза 28,26 $м^2$ -ро тарҳ карда, масоҳати ҳозираи боғро меёбем.

$$S = 78{,}5\ м^2 - 28{,}26\ м^2 = 50{,}24\ м^2$$

**Ҷавоб: Масоҳати майдончаи ҷойи нишаст - 28,26 $м^2$, масоҳати ҳозираи боғи мактаб - 50,24 $м^2$.**

Истифодаи воситаҳои интерактивӣ чун таълим дар заминаи платформаҳои электронии GeoGebra, PowerPoint, Kahoot ва Google Forms ба дарсҳо шавқу ҳавас ва самаранокии бештар мебахшад. Ҳамзамон, омӯзиши фанни математика (алгебра ва геометрия)-ро ба замона ҳамоҳанг мекунад.

Таҳлили таҷриба ва натиҷаҳои татбиқи ТИК дар таълими геометрия, ки онро дар мисоли 3 масъала дида баромадем, нишон доданд, ки тадқиқот дар мактаб гузаронида шуда, барои хонандагони синфҳои 7-8 дар таҷрибаи омӯзиши мавзуъҳои периметр ва масоҳат чоркунҷа, давраю доира ва чоркунҷаҳои ғайрибарҷаста ҷалб шуданд.

Мушоҳидаҳо нишон доданд:

- **85% хонандагон мавзуъро беҳтар фаҳмиданд;**
- **78% фаъолона иштирок карданд;**
- **шавқу ҳаваси онҳо ба фан бештар гардид.**

Хулоса, истифодаи ТИК дар таълими геометрия имкони баланд бардоштани фаҳмиши мазмунҳои амалӣ ва инкишофи фикри фазоии хонандагонро фароҳам меорад. Инчунин, шароит фароҳам меорад, ки омӯзиш бо муҳити зисти хонанда пайванд гардад.

**Пайрав БАРОТОВ,**
**муовини директор оид ба таълими МТМУ №66,**
**ноҳияи Данғара, вилояти Хатлон**



# РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ДОНИШИ ХОНАНДАГОН ДАР ДАРС



Биология яке аз фанҳои муҳимми табиӣ мебошад. Фанни мазкур на танҳо асоси илмҳои ҳаётшиносиро меомӯзонад, балки барои ташаккули тафаккури илмӣ ва ҳалли масъалаҳои муҳити зист, тиб, кишоварзӣ ва биотехнология мусоидат мекунад. Бояд зикр кард, ки дар амалӣ гардонидани вазифаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ тариқи таълими фанни биология, ки табиати зинда ва ғайризиндаро дар алоқамандӣ меомӯзад, имкони хеле васеъ мавҷуд аст, вале бе омӯзиши усулу роҳҳо ва асоси педагогии таълим маълумоти кофӣ ва саҳеҳи биологӣ додан, хусусиятҳои беҳтарини шахс, ба монанди эҷодкорӣ, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ ва муҳаббат ба табиати диёрро тарбия намудан хеле душвор мебошад. Ҳадафи асосии таълими биология баланд бардоштани дониши хонандагон дар бораи олами зинда ва ташаккули малакаҳои таҳлилӣ, мушоҳидакорӣ ва ҳалли масъалаҳои воқеӣ мебошад.

**Нақши биология дар таълим ва тарбия:**

**1. Баланд бардоштани дониши илмӣ.** Биология ба хонандагон имкон медиҳад, ки қонунҳои ҳаётро фаҳманд ва равандҳои биологиро шарҳ диҳанд. Омӯзиши мавзуъҳои муҳимми биологӣ, аз қабили ҳуҷайра, генетика, экология ва эволютсия ба фаҳмиши раванди табиат ва рушди инсон мусоидат мекунад.

**2. Таҳкими тафаккури илмӣ ва таҳлилӣ.** Омӯзиши биология бо истифода аз усулҳои таҷрибавӣ ва тадқиқотӣ барои инкишофи малакаҳои тадқиқотӣ ва тафаккури интиқодӣ ёрӣ мерасонад. Кор бо маълумоти илмӣ, таҳлили далелҳо ва хулосабарорӣ яке

аз ҷузъҳои асосии таълими биология мебошад.

**3. Тарбияи фарҳанги экологӣ.** Биология ба хонанда дар он хусус ёрӣ мерасонад, ки аҳаммияти муҳити зистро дарк кунад ва барои ҳифзи табиат масъулиятшинос бошад. Омӯзиши мавзуъҳои экологӣ дар мактаб мусоидат мекунад, ки хонанда дар оянда дар ҳалли масъалаҳои муҳити зист саҳм гузорад.

**4. Рушди малакаҳои амалӣ ва касбомӯзӣ.** Дарсҳои биология, бахусус, таҷрибаҳои лабораторӣ, корҳои саҳроӣ ва истифодаи технологияҳои муосир, ба рушди малакаҳои амалии хонанда мусоидат менамояд. Биология заминаи хуб барои интихоби касб дар соҳаҳои тиб, фармакология, агрономия, биотехнология ва муҳандисии биологӣ мебошад.

**Мавқеи биология дар системаи таҳсилоти миёна**

Дар барномаи таълимӣ биология ҳамчун фанни ҳатмии таълимӣ омӯхта мешавад, ки дарбаргирандаи мавзуъҳои гуногуни марбут ба сохтор ва фаъолияти организмҳо, муҳити зист ва эволютсия мебошад. Дар системаҳои омӯзишӣ омӯзгорон бояд усулҳои фаъоли таълим, аз ҷумла, методҳои интерактивӣ, таҷрибавӣ ва рақамиро истифода баранд. Дар робита бо илмҳои дигар биология бо химия, физика ва география алоқамандии зич дорад, ки барои ташаккули фаҳмиши ҳамаҷониба ва интегратсионӣ муҳим мебошад. Омӯзиши биология ба рушди тафаккури илмӣ ва қобилияти таҳлилӣ мусоидат менамояд. Хонандагон меомӯзанд, ки чӣ гуна мушоҳида кунанд, таҳлил намоянд ва хулоса бароранд. Раванди табиӣ ва биологӣ дар асоси далелҳо ва таҷрибаҳо фаҳмонида мешаванд, ки тафаккури интиқодӣ ва малакаи ҳалли мушкилиро ташаккул медиҳад. Дониши хуби биологӣ барои интихоби касбҳои марбут ба тиб, биотехнология, фармакология, муҳандисии генетикӣ, агрономия ва ҳифзи муҳити зист муҳим аст. Хонандагон дарк мекунанд, ки биология бо ҳаёти ҳаррӯзаи инсон зич алоқаманд аст ва донишҳои он метавонанд дар нигоҳубини саломатӣ, ғизонокӣ ва ҳифзи табиат истифода шаванд.

Биология ба хонандагон мефаҳмонад, ки муҳити зист чӣ аҳаммият дорад ва чӣ гуна метавонанд дар ҳифзи он саҳм гузоранд. Асоси донишҳои биологӣ, махсусан, анатомия ва физиологияи инсон ба хонандагон оид ба тарзи ҳаёти солим аҳаммияти муҳим дошта, фаҳмидани бемориҳо ва роҳҳои пешгирии онҳо метавонад ба беҳтар шудани саломатии шахсӣ ва умуман, ҷомеа мусоидат кунад.

Барои беҳтар намудани сифати таълим ва ҷалби бештари хонандагон ба омӯзиши биология, истифодаи методҳои муосири таълим зарур аст. Дар масъалаи методикаи таълими биология гуфтан бамаврид аст, ки он системаи раванди таълиму тарбия ва хусусиятҳои фанни мактабиро дар бар гирифта, шакл ва усули таълиму тарбияи фанни биологияи мактабиро меомӯзад. Зимни таълими фанни методикаи таълими биология дониш, малака ва маҳоратҳое ташаккул меёбанд, ки ба онҳо дар оянда аз тарафи омӯзгор барои ба роҳ мондани таълими биология хидмат менамоянд.

Дар асри XXI бо пешрафти илму техника омӯзиши биология наметавонад танҳо бо усули анъанавӣ маҳдуд бошад. Барои баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон ва шавқи онҳо ба фан, истифодаи методҳои муосири таълим зарур аст. Ин методҳо ба омӯзиши фаъол, таҳлил ва таҷрибаҳои амалӣ асос ёфта, ба хонандагон ёрӣ мерасонанд, ки на танҳо дониш омӯзанд, балки донишҳои андӯхтаро дар амал татбиқ намоянд. Методҳои интерактивӣ яке аз равишҳои муассири таълим мебошанд, ки ба фаъолгардонии хонандагон дар раванди омӯзиш мусоидат мекунанд. Ин методҳо дар дарсҳои биология имкон медиҳанд, ки хонандагон фаъолона иштирок намуда, маводро на танҳо аз ҷиҳати назарӣ, балки бо усули амаливу таҳлилӣ омӯзанд.

Аҳаммияти методҳои интерактивӣ дар таълими биология:

***1. Баланд бардоштани шавқу ҳаваси хонандагон ба фан.***

***2. Таъсири мусбат ба дарки мавзуъҳои мураккаби биологӣ.***

***3. Таҳкими тафаккури интиқодӣ ва малакаҳои таҳлилӣ.***

***4. Рушди малакаҳои кор дар гурӯҳ ва ҳамкорӣ.***

***5. Мустаҳкам намудани дониш тавассути иштироки фаъолона дар раванди таълим.***

**Намудҳои асосии методҳои интерактивӣ дар биология:**

**1. Методи “Саволу ҷавоб”.** Методи мазкур барои таҳкими дониш ва санҷиши сатҳи фаҳмиши хонандагон истифода мешавад. Чӣ гуна истифода бурдани он имкон дорад? Омӯзгор саволҳо пешниҳод мекунад, хонандагон ҷавоб медиҳанд. Саволҳо метавонанд дар асоси диаграммаҳо, расмҳо ё таҷрибаи илмӣ бошанд. Барои бештар фаъол кардани хонандагон, саволҳоро ба таври озмун пешниҳод кардан мумкин аст. Мисол: “Чаро баргҳо дар фасли тирамоҳ тағйири ранг мекунанд?”, “Кадом органеллаи ҳуҷайра энергияи ҳуҷайравиро таъмин мекунад?” ва ба монанди ҳамин.

**2. Методи “Мунозира” (дебат).** Ҳангоми баррасии масъалаҳои баҳснок дар биология гузаронидани мунозираҳо самарабахш аст. Аз ин усул чӣ гуна истифода бурдан мумкин аст? Омӯзгор ду гурӯҳ ташкил мекунад: ҷонибдорони андеша ва тарафи муқобил. Дар масъалаи мавриди назар қарордошта, гурӯҳҳо далелҳои худро пешкаш мекунанд ва баҳсро бо хулоса ҷамъбаст менамоянд. Мисол: “Оё истифодаи ғизои тағйирёфтаи генетикӣ (ГМО) барои инсон безарар аст?”, “Биотехнология бояд маҳдуд карда шавад ё рушд ёбад?

**3. Методи “Кори гурӯҳӣ”.** Аз рӯйи методи мазкур хонандагон ба гурӯҳҳо тақсим шуда, масъалаҳои гуногуни биологиро таҳлил ва пешниҳод мекунанд. Чӣ гуна истифода бурдан мумкин аст? Масалан, омӯзгор як мавзуъро ба қисмҳо ҷудо карда, ҳар гурӯҳ як қисмро таҳқиқ мекунад ва ба синф муаррифӣ менамояд. Натиҷаҳо муҳокима ва хулосаҳои умумӣ бароварда мешавад.

**Мисол:**

Гурӯҳи 1) Нақши митохондрия дар ҳуҷайра.

Гурӯҳи 2) Тарзи афзоиши вирусҳо.

Гурӯҳи 3) Фотосинтез ва аҳаммияти он дар табиат.

**4. Методи “Лоиҳавӣ”.** Омӯзгор мавзуъро пешниҳод мекунад. Хонандагон доир ба мавзуи мазкур маълумот ҷамъоварӣ карда, бо презентатсия ё афиша муаррифӣ менамоянд ва оид ба дар амал чӣ гуна татбиқ кардани он андешаашонро матраҳ мекунанд. Мисол: “Истифодаи микробиология дар тиб” ё “Гармшавии глобалӣ ва таъсири он ба экосистемаҳо”.

**5. Методи “Ҳалли масъала” (Problem-Based Learning – PBL).** Методи зерин барои омӯзиши масъалаҳои воқеӣ истифода мешавад. Чӣ гуна татбиқ карда мешавад? Омӯзгор як масъалаи воқеиро пешниҳод мекунад. Хонандагон сабабҳо ва роҳҳои ҳалли онро таҳлил мекунанд. Мисол: “Чӣ тавр камшавии шумораи занбурӯғҳо ба экосистема таъсир мерасонад?”, “Чаро баъзе маводди доруворӣ барои чанд одам таъсири якхела надоранд?”.

**6. Методи “Бозиҳои таълимӣ”.** Бо истифода аз бозиҳо, хонандагон метавонанд, мавзуъҳоро бо шавқу завқ омӯзанд. Масалан, истифодаи кроссворд, сканворд, пазл (пазл – аз калимаи англисии “puzzle” гирифта шуда, маънои муаммо ё бозиҳои фикриро дорад) ва дигар бозиҳои интерактивӣ. Ташкили бозии “Шаҳри илм” бо саволҳои марбут ба биология. Мисол: “Ҷамъоварии қисмҳои ҳуҷайра ҳамчун пазл”. “Кӣ тезтар ҷавоб медиҳад?” ва озмуни саволу ҷавоб дар мавзуи биология.

Ҳадафи асосии ин машғулиятҳои интерактивӣ, пеш аз ҳама, таҳлил ва пешниҳоди роҳҳои баланд бардоштани дониш, малака ва маҳорати хонандагон дар дарсҳои биология мебошад. Ин метод муҳиммияти омӯзиши биологияро шарҳ дода, усул ва стратегияҳои муассирро барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва шавқи хонандагон ба ин фан пешниҳод мекунад. Методҳои интерактивӣ дар таълими биология барои фаҳму дарки беҳтари мавзуъҳо ва баланд бардоштани шавқу рағбати хонандагон нақши муҳим мебозанд.

**Саъдӣ ҚОСИМӢ,**
**мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, профессор**
**Саида ЗАЙДУЛЛОЗОДА,**
**дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти ҳамин донишгоҳ**

# ҲАДАФҲОИ МУҲИММИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ ДАР МАВЗУЪҲОИ АДАБИЁТ
## (Дар мисоли панду андарзҳои Абулқосим Фирдавсӣ)

Дар мавриди таҳким бахшидани раванди татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим ва зарурати тарғиби оқилонаи он дар муассисаҳои таълимӣ ҳанӯз соли 2015 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат чунин баён намуда буданд: **“Калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ муаллим - омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд”** (9).

Ба ин маънӣ метавон гуфт, ки устодону омӯзгорон дар заминаи талаботи таълими босалоҳият бояд хонандагону донишҷӯёнро бо илму донише фаро гиранд, ки самараи онро шогирдон дар ҳаёт барои ҳалли мушкилоти зиндагӣ истифода бурда тавонанд. Зеро дар замони бархӯрди тамаддунҳо ва бенизомии фазои иттилоотӣ танҳо илму дониши дар зиндагӣ инсонро муваффақу сарбаланд мегардонад.

Яке аз масъалаҳои таҳқиқталаби соҳаи маориф, ки доираи пажуҳиши он пайваста хулосаву назарҳои тозаи мутахассисонро тақозо мекунад, таълими босалоҳияти фанни адабиёт дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маҳсуб меёбад. Маълум аст, ки тадриси фанни мазкур дар МТМУ ҷойгоҳи хос дорад, зеро таълими адабиёт дар мактаб барои наврасону ҷавонон мактаби асосии тарбия аст. Бояд гуфт, ки ҳадафи муаллими асили адабиёт ба камол расонидани шахсият аст ва ӯ тавассути таълими фанни мазкур якбора се натиҷаро ба даст меорад: хонандагонаш дар доираи барномаи таълими адабиёт мазмун, маънавият, ҷаҳонбинӣ, хусусан, забон, сохтори шаклию ҳунарии мероси гузаштаро меомӯзанд; барои дар оянда идома додани омӯзиши осори бузургони сухан донишомӯзон омода ва ҳавасманд мешаванд; шогирдони дар сатҳи зарурӣ тарбиятёфта, барои наслҳои оянда дастовардҳои илмиву адабиро нигоҳ медоранд.

Тавре маълум аст, тадриси адабиёт дар МТМУ дар се зина: курси хониши эзоҳӣ (синфи 1-4), курси хониши адабӣ (синфи 5-7) ва курси таърихи адабиёт (8-11) ба роҳ монда мешавад. Бояд гуфт, ки равиши таълим ва мундариҷаи мавзуъҳо дар зинаҳои таълим куллан фарқ доранд. Муҳимтарин талаботи тадриси мавзуъҳои адабиёт ба роҳ мондани таълими босалоҳият ба шумор меравад. Дар ин миён таълими босалоҳияти панду андарзҳои Абулқосим Фирдавсӣ дар феҳристи мавзуъҳои тадрисшаванда ҷойгоҳи алоҳида дорад.

Бояд гуфт, ки барои таълими мавзуи мазкур дар синфи VII панҷ соат ҷудо шуда, мундариҷаи мавзуъҳои пешниҳодшуда дар барнома чунин тартиб доранд: Достони “Кова ва Заҳҳок”; “Разми Гурдофарид ва Сухроб”; панду андарзи Фирдавсӣ дар “Шоҳнома”; Қироати намунаҳо, нақл, азёд кардани абёти пандомез (4, 32).

Тадриси боби Фирдавсӣ дар синфи VIII низ ба роҳ монда мешавад ва мутобиқи барномаи таълим барои синфи VIII ҳашт соат ҷудо шудааст:

- Рӯзгори Абулқосим Мансур ибни Ҳасани Фирдавсии Тӯсӣ: ҷавонӣ ва оғози таълифи "Шоҳнома", таълиф ва таҳриру анҷоми "Шоҳнома", пешниҳод ба Султон Маҳмуд (ривоят ва ҳақиқат) ва анҷоми рӯзгори Фирдавсӣ;
- Мазмуни "Шоҳнома", се қисми асосии "Шоҳнома": замони Пешдодиён, Каёниён, оғози қисмати таърихӣ, хурӯҷи Искандар ва аҳди Сосониён;
- Достонҳои "Шоҳнома", таҳлили достони "Рустам ва Суҳроб", мазмуни достон: оғози достон, ҷавонии Суҳроб, ҷангномаи Суҳроб, марги Суҳроб ва сӯгу мотами ӯ. Ғоя ва мақсади эҷодии Фирдавсӣ дар ин достон;
- Мазмуни достони "Ҷанги Рустам бо Исфандиёр", оғози достон, муносибати Рустам ва Исфандиёр ба ҷанг, ҷанги рӯзи аввал, ҷанги рӯзи дуюм ва марги Исфандиёр;
- Таҳлили образҳои достони "Суҳроб" ва "Ҷанги Рустам бо Исфандиёр". Образҳои Суҳроб, Гурдофарид, Исфандиёр ва Симурғ;
- Пандномаҳои Фирдавсӣ дар "Шоҳнома" ва мазмуни онҳо. "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ ва таҷрибаи ҷаҳонии ҳамосасароӣ (4, 41).

Мутобиқи талаботи барнома яке аз мавзуъҳое, ки дар ду зинаи таълим мавқеи хосса дорад, таълими босалоҳияти панду андарзҳои Фирдавсӣ маҳсуб меёбад. Умуман, таҳлилу баррасии мавзуи мазкур дар меҳвари тамоми мавзуъҳои боби Фирдавсӣ нақши муҳиммукалидӣдорад, зеро тамоми достонҳои "Шоҳнома" руҷуъҳои лирикии панду ахлоқӣ ва муҳтавои андарзомӯзи ҳаёти персонажҳо пероя рангини бадеӣ доранд. Муаллими адабиёт вазифадор аст, дар заминаи талаботи барномаи таълим ва нақшаҳои корӣ (нақшаи тақвимӣ, нақшаи мавзуӣ ва нақшаи тавзеҳӣ) таълими босалоҳияти панду андарзҳои Абулқосим Фирдавсиро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монад. Яке аз ҳадафҳои муҳимтарини таълими босалоҳияти мавзуъҳои адабиёт татбиқи унсурҳо (донад, тавонад, азёд кунад ва татбиқ кунад) ва марҳилаҳои (дарки матн, арзёбии матн, тағйири матн ва таҳияи матни худ) таълими босалоҳият дар раванди дарс ба шумор меравад.

Дар асоси китоби дарсии фанни адабиёт (Нашриёти «Мавлавӣ», Душанбе – 2008, мураттибон Тоиров У., Зикиров Х., Мӯсоев М.) барои синфҳои 7-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ намунаҳои зерини панду андарзҳои Абулқосим Фирдавсӣ барои баҳрабардории хонандагон пешниҳод шудааст:

**Агар ду бародар ниҳад пушт, пушт,**
**Тани кӯҳро хок молад ба мушт.**
**Бузургӣ саросар ба гуфтор нест,**
**Дусад гуфта чун ними кирдор нест.**
**Ба ранҷ андар аст, ай хирадманд, ганҷ,**
**Наёбад касе ганҷ нобурда ранҷ.**
**Ҷавонмардию ростӣ пеша кун,**
**Ҳама некӯӣ андар андеша кун.**
**Бибахшу бихӯр, то тавонӣ дирам,**
**Ки ҷуз ин дигар ҷумла дард асту ғам.**
**Ба ҳар кор дар пеша кун ростӣ,**
**Чу хоҳӣ, ки нагзоядат костӣ.**
**Макун дӯстӣ бо дурӯғозмой,**
**Ҳамон низ бо марди нопокрой.**
**Зи гетӣ ду чиз аст ҷовиду бас,**
**Дигар ҳарчи бошад, намонад ба кас.**
**Ба гетӣ намонад, ба ҷуз номи нек,**
**Ҳар он кас, ки хоҳад саранҷоми нек.**
**Набошад касе дар ҷаҳон пойдор,**
**Ҳама номи неку бувад ёдгор.**
**Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,**
**Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.**
**Набошад ҳаме неку бад пойдор,**
**Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор (3, 60).**

Бояд гуфт, ки намунаҳои пешниҳодшуда барои тадриси хонандагони синфи 7 пурра мутобиқ буда, барои расидан ба ҳадафи асосии таълими адабиёт, яъне, тарбияи инсони комил муаллими адабиёт ҳатман, бояд унсур ва марҳалаҳои таълими босалоҳиятро роҳандозӣ намояд. Яъне, хонанда маводди пешниҳодшударо мутобиқи талаботи унсурҳои таълими босалоҳият бояд, пеш аз ҳама, бо риояи истҳои грамматикиву мантиқиву психологӣ дурусту беғалат хонад. Зеро "Омӯзиш аз шиносоӣ ва шиносоӣ аз хониш оғоз мегирад, яъне, зинаи аввали омӯзиши асари бадеӣ хониш мебошад"(1,178). Аммо дар аксари

мактабҳои миёна ба тарзи хониши хонандагон диққати зарурӣ дода намешавад. Вобаста ба талаботи унсурҳои таълими босалоҳият хонанда маводди хондашударо бояд шарҳ дода тавонад. Татбиқи унсури сеюми таълими босалоҳият тақозо менамояд, ки хонандагон ҳатман бояд аз маводди тадрисшаванда порчаеро азёд кунанд. Ва дар ниҳоят мутобиқи талаботи унсури чоруми таълими босалоҳият муаллим бояд татбиқ шудани мухтавои маводди омӯзонидашударо аз хонандагон тақозо намояд. Яъне, агар хонанда мисраъҳои: **“Ҷавонмардию ростӣ пеша кун, Ҳама некуӣ андар андеша кун”**-ро пурра аз худ карда, шарҳ дода метавонад, бояд донад, ки ӯ вазифадор аст, дар ҳаёти ҳамарӯза хислатҳои ҷавонмардию ростӣ ва накуиву солорино аз худ зоҳир намояд. Дар ин раванд, муаллими адабиёт бояд мушоҳидакорона рафтору кирдори хонандагонро мавриди таҳлилу хулосабарорӣ қарор диҳад.

Аз шартҳои дигари таълими босалоҳияти адабиёт татбиқи марҳалаҳои дарки матн, арзёбии матн, тағйири матн, таҳияи матни худ мебошад ва муаллими адабиёт дар раванди дарс бояд меъёрҳои мазкурро пурра татбиқ намояд. Бояд гуфт, ки ҳар як марҳалаи таълими босалоҳият талаботи худро дорад. Масалан, дар марҳалаи дарки матн муаллим бояд бо хонандагон тарзи дурусти хониши ашъори панду ахлоқии Абулқосим Фирдавсиро ба роҳ монад. Дар ҳамин марҳала бояд барои шарҳи пурраи андарзҳои Фирдавсӣ луғатномаи мукаммал тартиб дода шавад. Зеро “Маҳз ба шарофати ҳар чӣ бештар донистани луғатҳо хонандагон имкон пайдо мекунанд, ки фикри худро (мавзуъҳои дарсҳоро) ба таври саҳеҳу дақиқ ва фарогир иброз доранд, суханашон ҳадафгиру муассир бошад ва ҳамчунин, ба маънии матнҳо зуд ва аниқ сарфаҳм раванд”(10).

Албатта, дар китобҳои дарсӣ то як андоза луғатҳои зарурӣ оварда шудаанд, аммо муаллими адабиёт барои хубтар ташаккул додани нутқи хонандагон ва такмили фонди луғавии онҳо бояд омӯзиши ҳар чӣ бештари луғатро ба роҳ монад.

Барои мавзуи “Таълими босалоҳияти панду андарзҳои Абулқосим Фирдавсӣ” муаллим метавонад, чунин луғатнома тартиб диҳад:

- **Саросар:** сар то сар, аз сар то по, ҳама ҷо, тамоман;
- **Ранҷ:** меҳнат, заҳмат, машаққат, алам, озор;
- **Хирадманд:** оқил, доно, соҳибақл, донишманд;
- **Ҷавонмардӣ:** мардонагӣ, далерӣ, ҳимматбаландӣ, олиҳимматӣ, саховат, футувват;
- **Некуӣ:** некӣ, хубӣ, кори нек, кори ба хайр;
- **Андеша:** фикру мулоҳиза, хаёл, тааммул, тасаввур;
- **Нагзояд:** осеб нарасонидан, зарар нарасидан;
- **Газоидан:** дандон задани инсон ва ё ҳайвон ба чизе, чизеро сахт ба дандон гирифтан; маҷозан: газанд расондан, озор додан, ранҷонидан, осеб расонидан;
- **Костӣ:** камӣ, камбудӣ, нуқсон; каму костӣ: камбудӣ, нуқсон, зиён;
- **Дурӯғозмой:** дурӯғ: фиреб, найранг; озмой: санҷ; яъне, ба дурӯғ санҷидани касе;
- **Нопокрой:** нопокандеш; касе, ки андешаву пиндори нопоку нохуб дорад;
- **Гетӣ:** ҷаҳон дунё, олам;
- **Саранҷом:** охиран, дар охир, охируламр, оқибат;
- **Ёдгор:** хотира, нишона; туҳфа, ҳадя, ки барои хотира дода мешавад;
- **Наспарем:** насупоридан, надодан, набахшидан.

Вобаста ба талаботи марҳалаи дуюми таълими босалоҳият, ки арзёбии матн аст, хонандагон бояд ашъори дарсро аз лиҳози назариявӣ таҳлил намоянд. Яъне, меъёрҳои зерини назариявӣ дар асоси панду андарзҳои Фирдавсӣ бояд ташхис карда шаванд:

**1. Муайян кардани мавзуъ;**
**2. Муайян кардани ғояҳо;**
**3. Муайян кардани қофияву радиф;**
**4. Муайян кардани санъатҳои бадеӣ;**
**5. Шарҳу тафсири пурраи ашъор.**

Тавре маълум аст, мавзуи ашъори мавриди

тадрис тараннуми панду андарз буда, ғояҳое чун башардӯстиву инсонпарастӣ, некрафториву некгуфторӣ, ҷавонмардиву солорӣ, садоқату вафодорӣ тарғиб шудаанд. Чунончи, тавсиф дар мисраъҳои зерин:

**Макун дӯстӣ бо дурӯғозмой,**
**Ҳамон низ бо марди нопокрой.**
**Ба гетӣ намонад ба ҷуз номи нек,**
**Ҳар он кас, ки хоҳад саранҷоми нек.**
**Набошад касе дар ҷаҳон пойдор,**
**Ҳама номи неку бувад ёдгор.**
**Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,**
**Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.**

Санъати муболиға дар мисраъҳои зерин:

**Агар ду бародар ниҳад пушт, пушт,**
**Тани кӯҳро хок молад ба мушт.**

Санъати тазодду муқобала дар мисраъҳои зерин:

**Набошад ҳаме неку бад пойдор,**
**Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор (3, 60).**

Мутобиқи талаботи дигари марҳалаи арзёбии матн муаллим бояд шарҳу тафсири пурраи ашъори мавриди таҳлилро барои хонандагон роҳандозӣ намояд. Чунончи:

**Агар ду бародар ниҳад пушт, пушт,**
**Тани кӯҳро хок молад ба мушт (3, 60).**

**Шарҳ:** агар ду бародар рафиқу шафиқи ҳамдигар бошанд, дар канори ҳамдигар бошанд, муҳофизи ҳамдигар бошанд, аз уҳдаи бартараф кардани тамоми мушкилот мебароянд.

**Ба ранҷ андар аст, ай хирадманд, ганҷ,**
**Наёбад касе ганҷ нобурда ранҷ (3,60).**

**Шарҳ:** Ганҷу доройӣ андаруни ранҷу меҳнат нуҳуфта шудааст. Ин ҷо ганҷ ду паҳлуи маъноӣ дорад: ганҷ - симу зар; ганҷ - илму дониш; дар ҳар ду маврид ҳосил бе ранҷу меҳнат ба даст намеояд. Инсон бояд донад, ки яке аз ҳадафҳои муҳимтарини ба дунё омаданаш меҳнати ҳалол кардан ва заҳмат кашидан барои ба даст овардани ганҷ аст.

**Бибахшу бихӯр, то тавонӣ дирам,**
**Ки ҷуз ин дигар ҷумла дард асту ғам (3,60).**

**Шарҳ:** Инсон бояд рӯзии бадастовардаашро ҳам худаш истифода кунад ва ҳам ба дигарон (фақирону барҷомондагон) бибахшад, яъне, саховат кунад. Саховат кардан аз моли бадастоварда бадиҳову мусибатҳоро дур мекунад.

**Ба гетӣ намонад ба ҷуз номи нек,**
**Ҳар он кас, ки хоҳад саранҷоми нек (3,60).**

**Шарҳ:** Дар дунё аз инсон фақат номи нек мемонад, яъне, агар инсон дар зиндагӣ некиҳои зиёд карда бошад, ӯро некиҳояш пойдор менамоянд. Инсоне, ки саранҷоми нек мехоҳад, бояд дар ҳаёт рафтори нек, гуфтори нек ва пиндори нек дошта бошад.

Дар асоси марҳалаи сеюми таълими босалоҳият (тағйири матн) малакаҳои ҳозирҷавобиву эҷодкории хонандагон ба таври гуфторӣ ташаккул дода мешаванд. Барои ба таври натиҷабахш роҳандозӣ намудани ин марҳила омӯзгор бояд тавассути саволҳои проблемавию назариявӣ фазои мубоҳисавӣ ташкил намояд. Аз ҷумла, чунин саволҳо:

**1. Дар панду андарзҳои Фирдавсӣ кадом хислатҳои шоистаи инсон тараннум шудаанд?**
**2. Ба андешаи шумо боз кадом хислатҳои наҷиб барои инсон манфиатбахшанд?**
**3. Абулқосим Фирдавсӣ кадом хислатҳои инсонро мазаммат кардааст?**
**4. Барои бартараф кардани хислату одатҳои бад инсон бояд чӣ кор кунад?**
**5. Инсон ва ҷойгоҳи ӯ дар панду андарзҳои Фирдавсӣ чӣ гуна арзёбӣ шудааст?**
**6. Мафҳуми “дурӯғозмой”-ро чӣ гуна шарҳ дода метавонед?**

**7. Чаро Фирдавсӣ “Бузургӣ саросар ба гуфтор нест” гуфтааст?**

**8. Фирдавсӣ мегӯяд: “Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем”. Барои пайравӣ намудан ба ин насиҳат чӣ бояд кард?**

Мутобиқи талаботи марҳалаи чоруми таълими босалоҳият (таҳияи матни худ) асосан, нутқи хаттии хонандагон ташаккул дода мешавад. Дар ин марҳала муаллим метавонад, дар заминаи мавзуи мавриди тадрис якчанд зермавзуъҳоро барои навиштани эссе пешниҳод намояд. Бояд гуфт, ки ду марҳалаи охири таълими босалоҳият: тағйири матн ва таҳияи матни худ ҷиҳати инкишофу такомули нутқи мураттаб, эҷодкориву ҳозирҷавобии хонандагон роҳандозӣ мешавад ва дар заминаи принсипи “хонандамеҳварӣ”-и таълими босалоҳият амалӣ мегардад. Яъне, омӯзгор вобаста ба талаботи ду марҳалаи охир бояд фазои мусоидро ба вуҷуд оварда, худ ҳамчун довар хонандагонро назорат кунад. Барои ташкили натиҷабахши ин марҳила метавон номгӯи зерини эссеҳоро пешниҳод кард:

**1. Дӯстон оинаи якдигаранд;**
**2. Дӯст ояд, гарм дар оғӯш гир;**
**3. Наёбад касе ганҷ нобурда ранҷ;**
**4. Ба гетӣ намонад ба ҷуз номи нек;**
**5. Бузургӣ саросар ба гуфтор нест.**

Дар маҷмуъ, таълими босалоҳияти адабиёт, воқеан, як навъ муносибатест, ки байни хонандаву муаллим тамоми монеаҳои равониву иҷтимоиро бартараф мекунад. Ҷорӣ намудани чунин муносибат дар таълими адабиёт, аз як ҷониб дарсро натиҷабахш мегардонад, аз тарафи дигар масъулияти хонандаву муаллимро баланд бардошта, онҳоро муттаҳид менамояд. Муаллими адабиёт шахсиятест, ки дар зеҳни хонандагон ҷаҳони бекудурати маънавиро бунёд карда, онҳоро ба сӯйи фарҳанги бегазанду оламшумул раҳнамоӣ менамояд. Дар байни мавзуъҳои мухталифи фанни адабиёт таълими панду андарзи бузургон ҷойгоҳи хосса дошта, руҳу равони хонандагонро бо чашмаи поку мусаффои маънавиёт омезиш мебахшад. Ба ин маънӣ, таълими панду андарзҳои Абулқосим Фирдавсӣ дар радифи дигар мавзуъҳои ҳамтабори фанни адабиёт имкон медиҳад, ки хонандагон дар баробари ошноӣ пайдо кардан бо аҷдоди худ аз ганҷинаи илму маърифат бардошти маънавӣ намоянд ва дар роҳи расидан ба хештаншиносӣ оқилонаву самимона қадам бардоранд. Дар ин раванд фаромӯш набояд кард, ки “Таълими адабиёт ва парвариши ахлоқи ҳамида аз вазифаҳои бунёдии мактаб аст, ки дар амалӣ гардонидани ин вазифа омӯзгори адабиёт масъулияти бештар дорад” (1,21).

**Адабиёт:**

1. Аҳмадов Мирзоҳабиб. Таълими адабиёти тоҷик (китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултетҳои филологияи мактабҳои олии Тоҷикистон) (к1). – Хуҷанд: Ношир, 2012, 483 саҳ.
2. Адабиёти тоҷик (китоби дарсӣ барои синфи 7, таҳиякунандагон: Тоиров Урватулло, Зикиров Хайрулло, Мӯсоев Муҳаббат). – Душанбе, Мавлавӣ, 2008, 302 саҳ.
3. Адабиёти тоҷик (китоби дарсӣ барои синфи 8, таҳиякунанда: Абдунабӣ Сатторзода). – Душанбе, Маориф, 2018, 320 саҳ.
4. Барномаи таълими адабиёти тоҷик (бо тавсияи Вазорати маориф ва илми ҶТ) мураттибон: Ҳайати Шурои коршиносони назди Вазорати маориф ва илми ҶТ оид ба таълифи барнома ва китобҳои дарсии адабиёти тоҷик барои синфҳои 5-11. - Душанбе, Маориф, 2007, 42 саҳ.
5. Тӯрақул Зеҳнӣ. “Санъати сухан”. - Душанбе: Ирфон, 1970.
6. Раҳим Мусулмониён. “Назарияи адабиёт”.- Душанбе: Маориф, 1990.
7. Мулло Абдусамад. Методикаи таълими адабиёти тоҷик. (Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултетҳои филологияи тоҷики муассисаҳои олии касбии ҶТ). - Душанбе, Ирфон, 2014.
8. Ҳазрати Иноятхон. “Тарбият”, тарҷума ва таҳқиқи Ю. Юсуфӣ. - Душанбе: Адиб, 2010.
9. https://www.tgpu.tj. Убайдов С.О. Муносибати таълими босалоҳият дар таълими фанҳои табиию-риёзӣ.
10. https://omuzgor-gazeta.tj. Майгуна Эвазова. Луғатомӯзӣ бунёди забондонист.

**Малоҳат ШАРИФОВА,**
**ассистенти кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**



# БЕҲТАРИН АРЗИШҲОИ ИНСОНӢ ДАР ОИЛА ТАШАККУЛ МЕЁБАНД



Оила мактаби аввалин, раҳнамои ҳаёт, асосгузори феълу атвори оиндаи ҳар як наврас мебошад. Дар оила шахс тарбия ёфта, меъёрҳои ахлоқиро аз худ мекунад ва ба ҳаёти мустақил омода мегардад. Дар ин бора Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ фармудаанд: **“Оила дар фарҳанги мардуми куҳанбунёди тоҷик ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ эътироф гардидааст, зеро беҳтарин арзишҳои инсонӣ, аз қабили муҳаббату садоқат, самимияту вафодорӣ ва ҳамдигарфаҳмиву таҳаммулгароӣ маҳз дар оила ташаккул меёбанд”.**

Одатан мафҳуми оиларо чӣ тавр мефаҳмем? Ба ин мафҳум чӣ гуна таъриф додан дурусттар аст? Оила як гурӯҳи хурдест, ки ба издивоҷ ё таваллуд асос ёфтааст, зиндагии ҷомеаро пешбарӣ мекунад, онро ба зинаҳои баланд мебардорад, инкишоф медиҳад, наслҳоиояндаро тарбия мекунад ва барои рушди онҳо масъул аст. Узви онро ягонагии рӯзгор, ёрии ҳамдигарӣ ва масъулияти маънавӣ пайваст мекунад.

Тибқи таърифи луғати фалсафӣ: «Оила як воҳиди (гурӯҳи хурди иҷтимоӣ) ҷомеа, муҳимтарин шакли ташкили ҳаёти шахсӣ мебошад, ки ба иттиҳоди ақди никоҳ ва робитаҳои оилавӣ, яъне, ба муносибатҳои бисёрҷонибаи зану шавҳар, падару модар ва фарзандон, бародарону хоҳарон ва дигар хешовандон асос ёфтааст, ки якҷоя зиндагӣ мекунанд ва хоҷагиҳои умумиро пеш мебаранд».

Файласуфи рус И. Илин оиларо «Батни ибтидоии маданияти инсоният» меномад. Дар оила кӯдак асосҳои маданияти моддию маънавиро аз худ мекунад. Дар муошират бо калонсолони наздик дар кӯдак шаклҳои рафтори воқеан инсонӣ: малакаҳои тафаккур ва нутқ, самтгирӣ ва фаъолият дар олами ашё ва муносибатҳои одамон, сифатҳои ахлоқӣ, арзишҳои ҳаёт, саъю кӯшиш ва идеалҳо ташаккул меёбад. Аксар вақт тадқиқотчиён оиларо ҳамчун як гурӯҳи хурди иҷтимоӣ муайян мекунанд. Чунин таърифҳо се хусусияти оиларо ба назар мегиранд:

**а) гурӯҳи хурди оилавӣ;**
**б) ақди никоҳ ва ба вуҷуд омадани оила;**
**в) робитаи оилавӣ.**

Таълиму тарбияи дурусти фарзанд аз оила оғоз мегардад. Ҳар қадар ки волидон дар муҳити оила ба тарбияи фарзандон эътибори ҷиддӣ диҳанд, ҳамон андоза раванди донишандӯзӣ ва одобу ахлоқи онҳо бе мушкилот ва осон ҷараён мегирад. Психологи рус В. И. Селиванов раванди ташаккули характерро дар оила таҳқиқ намуда, ба чунин хулоса омадааст, ки кӯдакии хушбахтона натиҷаи ҳамфикрии хушбахтонаи оила ва ғамхории падару модар дар ҳаққи фарзанд мебошад.

Барои он ки гуфтаҳои боло дар амал иҷро шавад, чунин нуктаҳоро бояд риоят кард:

**- ташаккули муносибати дӯстона бо ҷинси мухталиф;**
**- маълумот дар хусуси никоҳ ва оила;**
**- пайдо кардани боварӣ оид ба баробарҳуқуқии узви оила;**
**- тарбияи эҳтироми падару модар;**
**- тарбияи талаботи ахлоқӣ ба таваллуд ва тарбияи фарзандон.**

Ҳамаи ин омилҳои тарбияи ахлоқии шогирдон барои минбаъд пойдор гардидани зиндагии оилавӣ - зану шавҳар, тарбияи фарзандон ба кор бурда мешавад. Давом додани насли инсон, тарбияи фарзандон, ташкили шароити зиндагонӣ ва вақти холиро бо узви оила гузаронидан муҳимтарин вазифаҳои иҷтимоии оила мебошад. Фарзанд ба меҳру навозиши волидон ниёз дорад ва падару модар бо камоли муҳаббат бояд фарзанди хешро тарбият кунанд. Байти Фирдавсии бузург ифодагари ҳамин мазмун аст:

**Чу фармонпазиранда бошад писар,**
**Навозанда бояд, ки бошад падар.**

То даме, ки дар оила вазъияти ҳамкорӣ, ёрии ҳамдигарӣ, боварӣ ба ҳамдигар вуҷуд дорад, дар чунин оила одамони поквиҷдон, меҳрубон, масъулиятшинос ва гуманист, ки тайёранд, ҳамеша ба рафиқон ва атрофиён ёрӣ расонанд, ба воя хоҳанд расид. Зеро муомилаву муошират, рафтору гуфтор, муносибати хонаводагӣ ва гуфтугузори ҳамешагии падару модар дар ҳузури аҳли байташон қадом тарике сурат гирад, бидуни тардид дар ҳамон шакле, ки ҳаст, ба зеҳну тафаккури фарзандон нақши худро мегузоранд. Фарзандон рафтору кирдори волидони худро ба мерос мегиранд. Ба ин маъно Носири Хусрав чунин гуфтааст:

**Фарзанд ҳамон кунад ба ҳар ҳол,**
**К-аз модари хешу аз падар дид.**

Бисёр сарварони оилаҳо бо вуҷуди сарватманд будан ба тарбияи фарзандон кам аҳаммият медиҳанд, бо мактаб робитаи зич надоранд. Дар натиҷа, фарзандон дар чунин оилаҳо хуб тарбия намеёбанд.

Тайи солҳои охир аҳаммият ва вазифаҳои оила яке аз муаммоҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Киро масъули тарбияи шахсият метавон гуфт? Оила, мактаб ё ҷомеа? Муҳити аввалине, ки кӯдакро иҳота менамояд, оила аст. Оила ҷаҳонест, ки кӯдак дар он зиндагӣ мекунад, фаъолият мебарад, эҳтиром, хурсандӣ, ҳамдардӣ кардан ва дӯст доштанро меомӯзад. Тарбияи кӯдак аз волидон масъулияти хоссаро талаб мекунад. Фарзанди хуб дар ҳамон оила тарбия меёбад, ки дар он падару модар нисбат ба ҳамдигар меҳру муҳаббати самимӣ ва эҳтиром дошта бошанд.

Бо мақсади бештар намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ва дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд соли 2011 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ба тасвиб

расид, ки он бевосита масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд ва ниҳодҳоеро, ки ин муносибатҳоро ба танзим медароранд, муайян намуд. Бо гузашти як марҳилаи муайян, соли 2024 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» қабул гардид.

Умуман, пас аз соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурӣ як қатор қонун ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул шуданд, ки ба мустаҳкам шудани оилаҳо равона гардидааст. Дар мактабҳо ҷорӣ намудани дарси «Ҳуқуқ» ва «Маърифати оиладорӣ» ҳам яке аз он тадбирҳо мебошад.

Барои он ки оила мустаҳкаму хушбахт бошад, бояд ҳар як ҷавон пеш аз хонадор шудан бо қонунгузории оила шинос шавад. Риояи қонунҳо ба мустаҳкам гардидани оила ёрӣ мерасонад. Ҷавонон бояд донанд, ки никоҳи расмӣ оилаи солимро шакл дода, дар тарбияи фарзандон низ таъсир мегузорад.

Моҳияти ҳақиқии кори тарбияи оилавӣ на дар суҳбат бо фарзандон ва таъсиррасонӣ бевосита ба онҳо, балки тарзи ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятии волидон дар ташкили ҳаёти инсонро фаро мегирад. Бесабаб нест, ки дар мамлакати мо тарбияи фарзанд вазифаи оила, мактаб ва ҷомеа дониста мешавад. Дар сурати нодуруст ба роҳ мондани тарбия дар оила мақомоти расмӣ ба он даxолат мекунад. Волидон вазифадоранд, ки ба фарзанд дар мавзуъҳои оиладорӣ, муносибати зану шавҳар, рӯзгордорӣ, меҳмондорӣ, муносибат ба хешу табор ва тарбияи фарзанд суҳбатҳо гузаронанд ва дар ин кор анъанаҳои беҳтарини халқи тоҷикро истифода намоянд.

Тарбияи хоҷагидорӣ ва меҳнатдӯстии фарзандон низ, ки ба иҷтимоишавии фарзанд алоқаманд аст, яке аз вазифаи муҳимми ҳар оила мебошад. Муносибати софдилонаи калонсолон ба меҳнат ба фарзандон таъсири мусбат мерасонад. Қадамҳои нахустини меҳнатдӯстӣ, умуман, масъулиятшиносиро фарзандон аз падару модар меомӯзанд. Педагоги машҳур В. Сухомлинский навиштааст: **"Оила муҳити аввалинест, ки дар он инсон бояд некӣ карданро омӯзад".**

Оила кӯдакро тарбияи иҷтимоӣ дода, ба ҷамъият ворид менамояд ва чун шахсият тарбия мекунад. Омилҳое, ки ба ҷараёни иҷтимоишавии кӯдак таъсир мерасонанд, инҳоянд:

**1. Микроомилҳо - муҳити бевоситаи ҳаёт ва фаъолияти кӯдак, муҳити наздиктарини кӯдак: оила, дӯстону ҳамсолон, ҳамсояҳо;**

**2. Шароитҳои фарҳангии минтақа, субкултурӣ;**

**3. Микроомилҳо - мамлакат, ҷомеа, халқият, давлат;**

**4. Мегаомилҳо - ҷаҳон, сайёра, кайҳон.**

Аз гуфтаҳои дар боло зикргардида бармеояд, ки тарбия ва ба воя расонидани фарзанд қарзи муҳим ва вазифаи пурмасъули падару модар дар назди ҷомеа, миллату Ватан ва умуман, инсоният мебошад. Вазифаи дигари оила нигоҳ доштани пайванди наслҳост. Дар урфият мегӯянд: **«Ҳар шахс бояд ҳафт пушти худро донад»**, яъне, волидон бояд дар бораи гузаштагони худ ба фарзандони худ ҳикоя намоянд.

Дар мавзуи тарбияи фарзанд мутафаккирони форсу тоҷик асарҳои зиёде эҷод кардаанд. Ақидаҳои ахлоқӣ дар китоби «Авесто», «Андарзномаи Бузургмеҳр», «Пандномаи Анӯшервон» дар шакли панду насиҳат эҷод шуда буданд. Дар асарҳои Рӯзбеҳ - «Адаб-ал-кабир ва адаб-ас-сағир», Ибни Мискавейҳ - «Таҳзиб-ул-ахлоқ», Абуалӣ ибни Сино - «Китоб-ул-ахлоқ», Унсурулмаолии Кайковус - «Қобуснома», Насириддин Асадии Тӯсӣ - «Ахлоқи Носирӣ», Муҳаммад Ғаззолӣ - «Кимиёи саодат» ва Ҳусайн Воизи Кошифӣ - «Ахлоқи Муҳсинӣ» низ ақидаҳои панду ахлоқӣ баён шуда буданд. Донишмандону адибони номвари мо - Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Аҳмади Дониш ва дигарон оид ба тарбияи фарзанд асарҳои мондагору пурмазмун эҷод кардаанд.

Хулоса, оила биноест, ки барои тамоми умр бунёд ва ороста мешавад ва нақши он дар ташаккули шахсияти фарзанд муҳимтарин омил мебошад. Аз ин рӯ, волидонро мебояд дар тарбияи фарзанд масъулияти баланд ҳис намуда, баҳри оиндаи ҷигарбандони хеш кӯшиши бештар намоянд.

**Парвина ҶАЛОЛОВА,**
**омӯзгори Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон**



# НАҚШИ РАССОМ-ОРОИШГАРИ КИТОБ ДАР РОҲИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ЗАВҚИ ЭСТЕТИКИИ ХОНАНДА

Вазифаҳои маърифатбахшӣ ва зебоиофарӣ ду рисолати муҳимтарини санъати тасвирӣ ва адабиёти бадеӣ мебошад, ки аз ҳам ҷудонашавандаанд. Аҳаммияти адабиёти бадеӣ дар рушди шахсияти инсон назаррас буда, маҳз санъати тасвирӣ барои анҷоми ин вазифа ба адибон ёрӣ мерасонад.

Аз анвои гуногуни санъати рассомӣ маҳз "иллюстратсия" ё "ороиши китоб" ба хонанда имкон медиҳад, то ки матни асарро амиқтар дарк карда, дар мавриди ҳодисаҳои ҷудогонаи асари бадеӣ бо тасвирҳо худро дар ҳамон муҳит тасаввур кунад. Мутобиқати муҳтавои матн ва расм боиси инкишофи маърифати хонанда, азхудкунии моҳияти асар на танҳо мазмунан, балки аз рӯйи идея ва тасвири ашё, предмет, манзара, воқеа ва сюжет мегардад.

Ороиши китоб имрӯз дар фазои илму адаб аҳаммияти бузург дошта, ба муаллиф ва рассом имкон фароҳам меорад, ки воситаҳои таъсиррасониро ба хонанда тағйир диҳанд, онро ҷолиб ва эстетикӣ ифода кунанд, ба пайдоишу ташаккули идеяҳо ва ҷаҳонбинии нави хонандагон мусоидат намоянд.

Дар санъати ороиши китоб тасвирҳои муқова нақши муҳим ва асосиро мебозад, чунки онҳо тамоми моҳияти матни асарро дар худ инъикос мекунад ва хонандаро бо мазмуни ибтидоии асар ошно месозад. Муқова воситаест, ки китобро дар дасти хонанда нигоҳ медорад ва шавқашро ба хондан меафзояд. Моҳият ва самти асари хондашаванда аз тарафи хонанда маҳз аз расми дар муқоваи он буда муайян мешавад, яъне, агар дар болои асар акси ягон даррандa ё паранда бошад, пас, ин китоб дар бораи олами ҳайвонот маълумот медиҳад ва дигар намунаҳои ба ҳамин монанд, ки ифодагари мазмуни мухтасари асар аст.

Ҳамин тавр, дар мақолаи худ мо кӯшиш намудем, ки дар бораи нақши тасвири китобӣ ё ороиши муқова дар тарбияи маърифатии хонанда ба ҳаводорони маҷаллаи “Маърифати омӯзгор” маълумот диҳем. Ҳангоми таҳқиқи нақши расмҳо дар раванди инкишофи хонанда набояд таъсири равонии санъатро ба хотираву ҳолати равонии кӯдак фаромӯш кард. Масалан, вақте хонандаи хурдсол дар паҳлуи калонсол нишаста, ба тасвири муқова, ки дар он аксҳои ваҳшатангез тасвир шудаанд, нигараду роҷеъ ба мазмуни асар, ки дорои ҳолати тарсзо аст, бо хонандаи калонсол суҳбат кунад, дар ботини ӯ тарс пайдо шуда, завқаш нисбат ба хондани ҳамин асар аз байн меравад, зеро маҳз ороиши муқова муайян менамояд, ки хонанда ба китоб рағбат пайдо мекунад ё не. Ё агар дар рӯйи муқова аксҳои ҳайвонот дар шакли филмҳои тасвирӣ дарҷ шуда бошад, ҳатман ба кӯдак илҳом мебахшад, зеро ӯ дарк мекунад, ки ин китоб бачагона аст. Ҳамин тавр, ороиши муқова ва китоб барои тарбия ва ҷалби хонанда нақши муҳим дорад.

Аслан, истифодаи тасвир дар китобҳо таърихи қадимӣ дорад. Дар ҳазораи III то милод дар Миср папирус ихтироъ шуд, ки дар он аввалин китобҳо навишта мешуд ва ҳатман қисмати болову поёнаш аз аксу ишораҳои гуногун иборат буд. Муҳаққиқон ин намуди китобҳоро таҳқиқ намуда, муайян кардаанд, ки китобҳои папирусии замони Миср

бо хатти тасвирӣ навишта шуда, аз тасвири ҳайвонҳои ваҳшӣ, кӯҳу манзараҳо, харитаҳо, ҷанговарон ва монанди ин, иборат будаанд. Дар китобҳои папирусӣ дастури доруҳо, эълонҳо, матнҳои шодиву мотам ва монанди ин, бо фарогирии тасвирҳо чоп шудаанд, ки аз аср то аср бодиққат нусхабардорӣ ва нигоҳ дошта мешаванд.

Дар давраи эллинизм (соли 332 пеш аз милод) китоб дар миёни ҷомеа мақоми нав пайдо кард. Минбаъд дастнависҳо бо теъдоди зиёд нусхабардорӣ, ҳадя, ҷамъоварӣ ва фурӯхта мешуданд. Маҳз дар ин давра Миср содироти папирусро ба берун манъ кард, зеро теъдоди китобҳо афзуда, талабот ба истеҳсолот зиёд шуд.

Пас аз ин, воситаи нав барои таҳияи китоб бо номи пергамент ихтироъ шуд, ки аз пӯсти ҳайвонҳо таркиб ёфта буд. Пергамент дар замони ҳукмронии подшоҳи Пергамон Евмени II (197-159 пеш аз милод) ихтироъ шуда, махсусияташ дар он аст, ки вақти дуқату чорқат кардан намешиканад ва дар рӯйи он аз ҳар ду тараф навиштану расм кашидан мумкин буд. Барои ҳамин пергамент зуд ба ҷойи папирус гузашт, ҳарчанд арзиши он арзон набуд.

Бо ихтирои пергамент намунаи аввалин модели муосири китоб пайдо шуд. Ин китобҳо дар шакли бозичаҳои хурд сохта шуда, чун туҳфаҳои ранга буданд, ки мазмунашон воқеаву афсонаҳои мифологӣ ва аксҳои марбут ба онро дарбар мегирифт. Ин китобчаҳо оғози марҳилаи санъати ороиши китоб гардида, бозори ороишгариро ба вуҷуд овард, зеро то пайдоиши онҳо танҳо китобҳои илмӣ ва баъзан романҳо нашр карда мешуданд, ки на расм, балки рамз доштанд.

Бо рушди илму адаб ва технологияи нав китобҳои дарсӣ, рисолаҳо ва тадқиқоти замонавӣ ба вуҷуд омаданд. Талабот ба китоб чандин баробар афзуд ва маҳз ҳамин омил боиси пайдоиши аввалин дастгоҳҳои чопи китоб дар соли 1045 гардид, ки истифодаи расмро дар муқова ва дохили саҳифа бамаротиб бештар карда, санъати нав – иллюстратсияро асос гузошт.

Иллюстратсия аз калимаи лотинии **“illustrare” - "равшан кардан"** гирифта шуда, тасвиру нақшҳоеро дарбар мегирад, ки матни бадеиро ба таври образнок шарҳ медиҳанд ва дар айни замон, китобро оро дода, сохтори ороишии онро бой мегардонад. Хусусияти иллюстратсия ҳамчун жанри санъати тасвирӣ дар он аст, ки сохтори он ба як матои орододашуда асос ёфта, ба вазифаи мушаххас - равшанӣ андохтан ва фаҳмонидани матн тобеъ гардидааст. Иллюстратсия ҳамчун воситаи визуалӣ ба сохти идеявию образии асари матнӣ сахт вобаста аст, чунки тасвирҳои китоб бо тамоми унсурҳои асар ва муҳимтар аз ҳама, бо матни асар, хатти сюжет ва услуби он марбут мешавад. Иллюстратсияи бадеӣ ҳамеша бо матни китоб тавъам буда, ба он ягонагии ҷудонашаванда мебахшад.

Ҳангоми таҳияи китоб интихоби тасвирҳо барои муқова ва дохили саҳифа яке аз лаҳзаҳои муҳим ва асосӣ дар роҳи омодагӣ ба эҷод мебошад. Ҳам адиб ва ҳам рассом аз ҳам ҷудо нашудани матн ва тасвирро дар китоб якдилона мехоҳанд. Муҳаққиқи соҳа К. И. Чуковский дар китоби худ «Аз ду то панҷ» ба адибон тавсия намудааст, ки ҳангоми навиштани китоб чунин талаботро риоя кунанд: «...эҷоди мо бояд графикӣ бошад, яъне, дар ҳар як мисраъ ва ё ҷумла барои рассом мавод бошад, зеро ба тафаккури бачаҳои хурдсол образи мутлақ хос аст. Аз ин рӯ, китобҳое, ки бе расм чоп мешаванд, нисфи таъсирнокии худро гум мекунанд». Ба таъкиди ин муҳаққиқ, ҳангоми интихоби расмҳо набояд фаромӯш кард, ки онҳо на танҳо матнро шарҳ медиҳанд, балки ғоя, фантазия ва ҷаҳонбинию тасаввуротро фаъол мегардонанд ва завқи эстетикиро мепарваранд. Вобаста ба синну сол хонанда усулҳои нигоҳ ба китобро дар худ ташаккул медиҳад, ки ин равандро метавон ҳамчун як бозии зеҳнӣ бо тасвирҳо бо истифода аз воситаҳои мушаххаси графикаи китоб ифода кард.

Ҳамин тавр, дар санъати ороиши китоб чанд намуди расм истифода мешаванд: нақлӣ (тасвири ҷанги тан ба тан, ҷанги гурӯҳӣ, шикор ё монанди инро, ки чизеро дар худ нақл

мекунад); тасвирӣ (портретҳо, тасвирҳои ашё ва ё персонажҳо тавассути имову ишора ва ифодаи чеҳраи онҳо); метафора (умумӣ гардонидани афкори муаллиф дар шакли рамз); истиоравӣ (тасвир дар шакли афсонаҳо ва ё эпосҳо, ки афкори муаллифро ба таври образнок баён мекунанд); синтетикӣ (маҷмуи лаҳзаҳои як асарро аз замонҳои гуногун ва фазоҳои гуногун ифода мекунанд) ва ғайра. Инчунин, намуди омехта низ ҳаст, ки ҳамаи намудҳои тасвирҳо дар дохили як намуд метавонанд ба ҳам омезиш дода, пайваст кунад.

Бояд гуфт, ки дар фарҳанги миллати тоҷик китоб мақоми шоиста дошта, китобхонаҳо вазифаи коргоҳи китобатро низ доштанд, ки хаттотону рассомон ва котибон дар он адои хидмат менамуданд. Дар он ҷо мусаввирон дастнависҳоро ороиш медоданд.

Дар асри XVI ороиши бадеии китобҳои дастнавис ба ҳукми анъана даромада, ба дараҷаи баланд расид. Сарчашмаҳои таърихӣ номи беш аз чил хаттоти маъруфи тоҷикро дар ин давра зикр кардаанд, ки дар миёни онҳо Султон Мираки Муншӣ, Миралии Ҳиравӣ, Султон Алии Убаҳӣ, Алии Машҳадӣ ва Юсуфбеки Тушмал машҳуртарини давр буданд.

Дар ин замон китобхонае, ки дар назди дарбори Абдулазизхони Шайбонӣ фаъолият мекард, машҳур шуда буд. Дар ин китобхона хаттотон ва мусаввирони маъруф кор карда, ба хушнависӣ ва нусхабардории осори таърихиву адабӣ ва девонҳои шоирон машғул буданд. Мусаввирон китобҳои хаттотишударо бо расму миниатюраҳои гуногун ороиш дода, дар эҷодиёти худ анъанаҳои Камолиддин Беҳзодро идома бахшиданд. Мавзуи минниатюраҳои ин мактаби ҳунарӣ тавсифи табиат, маҷлиси зиёфат, шикор, мусобиқаҳо, инчунин, ба мавзуи тарбиявӣ бахшида шуда буд.

Дар нимаи аввали асри XVI мактаби мусаввирони Бухоро ташкил ёфт, ки рассомон бо асарҳои худ китобҳои дастнависро ороиш медоданд. Мактаби мусаввирони Бухоро, баъд аз он ки мактаби Ҳирот дар асари ҷангҳо миёни Шайбониён ва Сафавиён пароканда шуд, шуҳрати бештар ёфт. Дар ташаккули мактаби рассомии Бухоро гурӯҳе аз мусаввирони Ҳирот, ки иддае ба ихтиёри худ ва иддаи дигар маҷбурӣ ба Бухоро оварда шуда буданд, нақши муҳим бозиданд. Мусаввирон кӯшиш карданд, ки муҳит ва атрофиёнро дар осори хеш воқеъбинона таҷассум кунанд ва намунаҳои онро мо имрӯз дар асарҳои “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ, “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно ва дигар китобҳои адибони ин давра мебинем.

Ҳамин тариқ, тасвири китоб ҳамчун як навъи махсуси санъати тасвирӣ дар ташаккули дарки ҷаҳон, ҳассосияти эстетикии хонанда ва тарбияи маърифатии ӯ таъсири калон мерасонад. Маводди тасвирӣ ҳамчун иттилооти визуалӣ истифода мешаванд. Дар китобҳои муосир тасвирҳо вазифаи асосии зеринро иҷро мекунанд: маърифатӣ, тарбиявӣ, эстетикӣ.

Хулоса, имрӯз дар бозори коргарии ҷаҳон талабот ба касби мазкур бениҳоят зиёд аст, зеро тибқи иттилои оморӣ соле дар ҷаҳон то 20 миллион намунаи китобу маҷалла нашр мешаванд, ки дар муқова ва дохили саҳифаҳои ҳамаи онҳо тасвирҳо ҷой доранд. Бинобар ин, талабот ба рассом-ороишгари китоб дар ҷаҳон, аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоно боқӣ мемонад. Бо дарназардошти ҳамин талабот имрӯз дар Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомӣ ба номи М. Олимов ва Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон ихтисоси ороиш ва расмҳои китоб амал мекунад, ки мутахассисони сатҳи миёна ва олии касбиро аз рӯйи ин пеша омода менамояд. Вазифаи ин мутахассисон омода намудани муқоваи асари илмӣ, адабӣ ва бадеӣ, тасвири наққошиву расмҳои дахлдор ба муҳтаво дар дохили саҳифаҳо, тарроҳии саҳифаҳои китоб, маҷалла ва дигар навъи асарҳо ва монанди ин мебошад. Мутахассисони ин пеша дар коргоҳҳоиноширӣ ва идораи редаксияи маҷаллаву рӯзнома, ҳамзамон, марказҳои табъу нашр кор мекунанд.

**Фарҳод КАРИМОВ,**
**омӯзгори фанни омодагии ибтидоии ҳарбии МТМУ №9, шаҳри Бохтари вилояти Хатлон**



# ҲИФЗИ ВАТАН-МОДАР ҚАРЗИ ФАРЗАНДИИ МОСТ!

Дар шароити номусоиди ҷаҳони муосир, ки таҳдидҳои амниятӣ, низоъҳои минтақавӣ ва равандҳои геополитикӣ босуръат афзоиш меёбанд, масъалаи ҳифзи Ватан ва баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ дар миёни наврасону ҷавонон аҳаммияти ҳаётан муҳим пайдо кардааст.

Иқдому ташаббусҳои Тоҷикистон дар самти мубориза бо таҳдиду хатарҳои замони муосир, ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ, гувоҳи он аст, ки кишвари мо барои таъмини суботи сайёра, ҳифзи арзишҳои умумиинсонӣ ва ташаккули низоми муштараки мубориза бо равандҳои хатарзои ҷаҳонӣ яке аз кишварҳои пешқадам маҳсуб мешавад.

Қабул ва дар амал татбиқ намудани стратегияҳои миллӣ ва такмили қонунгузории кишвар дар самти ҳифзи амният, манфиатҳои миллӣ ва мубориза бо терроризму ифротгароӣ яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Дар ин замина, баҳри таъмини суботу амният, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва тақвияти низоми мудофиавии кишвар ба тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватанпарастӣ, худогоҳии миллӣ ва омодагии ҳарбӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир мегардад, зеро маҳз ҷавонон қувваи пешбарандаи низоми давлатдорӣ, муҳофизони якпорчагии кишвар ва кафили ояндаи дурахшони миллат маҳсуб мешаванд.

Бояд гуфт, ки заминаҳои меъёрии ҳуқуқии масъалаи тарбияи ватандӯстии ҷавонон асоси худро аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтааст. Дар моддаи 43-и ин санади олӣ чунин омадааст: **«Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст».** Дар ин асос, ба роҳ мондани чораҳои зарурӣ ҷиҳати тақвияти донишҳои заминавии шаҳрвандон, махсусан, қишри наврасу ҷавони кишвар, баҳри дарки амиқи масъалаи ҳифзу ҳимояи Ватан амри зарурӣ ба шумор меравад. Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд: **«Ҳимояи амнияти давлат, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсии ҷомеа вазифаи танҳо сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нест. Дар ин кори ниҳоят муҳим, яъне, ҳифзи давлати соҳибистиқлол ва зиндагии орому осудаи мардум бояд ҳар як фарди бонангу номус ва ватандӯсту ватанпарасти халқи тоҷик шарик, масъул ва саҳмгузор бошад».**

Дар робита ба ин таъкиди Пешвои миллат зарур аст, ки ба тарбияи ватандӯстӣ, баланд бардоштани ҳисси худшиносиву худогоҳӣ ва зиракии сиёсии насли наврасу ҷавон ҳанӯз дар муассисаҳои таълимӣ аҳаммияти ҷиддӣ зоҳир карда шавад. Бояд гуфт, ки барои ба роҳ мондани тарбияи ватандӯстии наврасону ҷавонон дар муассисаҳои таълимӣ заминаҳои мусоид фароҳам мебошад. Зеро арзишҳои ватандӯстиву ватанпарварӣ ва дӯст доштани сарзамини аҷдодӣ аз арзишҳои бунёдии маънавӣ ва ахлоқӣ дар фарҳанги халқи тоҷик маҳсуб меёбанд. Дар осори шоирону мутафаккирони мо, аз устодон Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ то Садриддин Айнӣ, Ватан дар баробари модар муқаддас зикр шудааст. Ватандӯстӣ дар фарҳанги миллии мо муҳаббат ба сарзамини аҷдодӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ, ифтихор аз таърих ва масъулият барои ояндаи давлат дониста мешавад. Барои ҷавонон ин мафҳум бояд заминаи эҳсоси ифтихор, нангу номус ва шараф бошад. Зеро омода будан дар ҳифзу ҳимояи Ватан ва эҳтиром ба арзишҳои давлатдорӣ маҳз аз ҳисси баланди меҳанпарастии ҷавонон сарчашма мегирад.

Дар ин замина, тадриси фанни омодагии

ибтидоии ҳарбӣ дар муассисаҳои таълимӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва такмили қувваи ҷисмонии хонандагон ба шумор меравад.

**Нақши фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ дар баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ**

Фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ дар баробари дигар фанҳои таълимӣ вазифаи муҳим дорад. Ташаккули шуури миллӣ ва баланд бардоштани ҳисси худогоҳӣ, меҳанпарастӣ ва омодагии ҷавонон ба хидмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мавзуъҳои марказии ин фан ба ҳисоб рафта, дар он асосҳои тактикаи ҳарбӣ, истифодаи таҷҳизоти муосир, қоидаҳои дифоъ ва ёрии аввалияи тиббӣ омӯзонида мешавад. Ин фан заминаи назариявӣ ва амалӣ мегузорад, то ҷавонон дар ҳолатҳои фавқулода ва хидмат дар артиш аз нигоҳи равониву ҷисмонӣ қобилиятнок ва устувор бошанд. Фанни мазкур дар баробари дигар фанҳои таълимӣ вазифаҳои бисёрҷониба дошта, пеш аз ҳама, дар ниҳоди хонандагон донишҳои назариявӣ дар бораи асосҳои мудофиа, тактикаи ҳарбӣ ва қоидаҳои амниятӣ дода, ҳисси баланди ватандӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандиро ташаккул медиҳад. Дар доираи ин фан хонандагон бо раванди ҳамкорӣ дар гурӯҳ ва таърихи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон шинос мешаванд. Маҳз ин донишҳо ба фаҳмиши ҳарбии насли наврас замина гузошта, ҳисси ҳамбастагӣ, масъулият ва ифтихори миллиро дар ниҳоди онҳо бедор мекунад.

Хушбахтона, бо дастгирӣ ва таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати мамлакат иштироки фаъоли наврасону ҷавонон дар корҳои созандагӣ, омодагӣ ба хидмати ҳарбӣ ва ҳифзи марзу буми кишвар давра ба давра бештар гардида, дар муассисаҳои таълимӣ шароити мусоид барои гузаронидани дарсҳои омодагии ҳарбӣ ва баргузор намудани силсилачорабиниҳои омӯзиши тактикаҳо ва ҳолатҳои омодабош фароҳам гардидаанд. Чунин таваҷҷуҳ ва дастгириҳои пайвастаи давлату Ҳукумат мо - омӯзгоронро дар иҷрои рисолати хеш бештар ҳавасманд мегардонад.

Бояд гуфт, ки неруи мудофиавии кишвар танҳо ба техника ва силоҳ маҳдуд намешавад, балки он, пеш аз ҳама, ба қувваи ҷисмонӣ ва рӯҳии сарбозон такя мекунад. Мунтазам машғул шудан ба варзиш аз овони наврасӣ барои рушди ҷисмонӣ ва равонии фард хеле муҳим аст. Варзиш ҷисмро тобовар месозад, руҳияро қавӣ мегардонад, эҳсоси ҳамбастагӣ ва интизоми даставиро инкишоф медиҳад. Аз ин рӯ, фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ бояд дар ҳамбастагӣ бо дигар фанҳо амал кунад, то насли нав ба хидмат дар артиш бо тайёрии ҷиддӣ ворид гардад.

Хидмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарзи шаҳрвандӣ, мактаби мардонагӣ ва ватандорист. Дар сафи артиш ҷавонон ба ирода, интизом ва масъулият одат мекунанд, қобилиятҳои худро месанҷанд ва муҳаббати худро ба Ватан дар амал исбот менамоянд. Таҳқиқоти иҷтимоӣ нишон медиҳанд, шахсоне, ки хидмати ҳарбиро адо кардаанд, дар зиндагии минбаъда устувор, қавиирода ва масъулиятшинос мебошанд. Ҳифзи Ватан вазифаи муқаддас ва умумиҷамъиятии ҳар як шаҳрванд аст. Барои иҷрои ин вазифа ҷавонон бояд ҳанӯз аз синни мактабӣ ба омӯзиши малакаҳои дифоӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва ҳифзи арзишҳои ватандорӣ ҷалб гарданд. Пояи қудрати ҳар як давлат аз ҳисси баланди ватандӯстӣ ва омодагии дифоии насли наврас сарчашма мегирад. Аз ин рӯ, фароҳам овардани шароити беҳтари таълимӣ, густариши чорабиниҳои ватанпарастона ва ҳамкории зичи муассисаҳои таълимӣ бо Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд минбаъд низ идома ёбад. Зеро пешрафти давлат, амнияти миллӣ, суботи ҷомеа ва ояндаи дурахшони кишвар маҳз аз неруи қавии зеҳнӣ ва ҷисмонии наврасону ҷавонон вобаста мебошад.

**Адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016.
2. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои гуногун).
3. Исмоилов Н., Исмоилов А., Зиёев Қ. «Омодагии ибтидоии ҳарбӣ». Китоби дарсӣ барои синфҳои 10-11-ум. Душанбе, 2018.
4. Назаров А. «Психологияи ватандӯстӣ ва ҷавонон». Душанбе, 2020.
5. Сомонаи расмии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Хайрулло РАҲИМОВ,**
**Аълочии маорифи Тоҷикистон,**
**омӯзгори собиқадор, ноҳияи Варзоб**



# ТАЪЛИМИ МАВЗУИ ВАТАН ДАР АШЪОРИ ҲАБИБ ЮСУФӢ

## Дар синфи XI. Дарси IV



Ҳабиб Юсуфӣ ҳамчун шоири мубориз ва ватансаро ҳарчанд умри зиёд надидааст, вале ашъори ӯ дар тарбияи ватанпарастии наврасону ҷавонон нақши созгор дорад. Шеърҳои дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ навиштаи Ҳ. Юсуфӣ кам бошанд ҳам, вале хеле санъаткорона эҷод гардидаанд. Онҳо аз ҷиҳати бадеият ва образнокӣ баланд буда, аз он шаҳодат медиҳанд, ки маҳорати адабии Ҳ. Юсуфӣ дар ин давра ба авҷи камолот расидааст. Вай маҳз дар ҳамин давра ҳамчун шоири ватанпарвар дар шеърҳояш ҳиссиёти душманситезиро бо ифодаҳои наву пуртаъсир тасвир кардааст ва ин гуна ифода дар шеърҳои то соли 1940 навиштааш вохӯранд ҳам, каманд. Аз ин рӯ, ин шеърҳо барои ҷавонони он вақт ва имрӯз ҳам пурқиммату пураҳаммият мебошанд.

Дар барномаи адабиёт таълими се шеъри дар ин давра навиштаи Ҳ. Юсуфӣ: “Ман ватанро беш аз ҳарвақта дорам дӯстдор”, “Интиқом”, “Аз ҳавою обу замин” дохил карда шудаанд. Азбаски хонандаҳо ин шеърҳоро дар синфи VII хондаанд, дар синфи XI бо роҳи мусоҳиба мундариҷаи онҳоро ба хотир оварда, бевосита ба таҳлили ғоявию шаклии онҳо гузаштан беҳтар мебошад. Бо ин роҳ хонандагон бо ғоя, ҳиссиёт ва

эҳсосоти гуногун, техникаи шеърӣ, усулҳои адабӣ ва воситаҳои тасвири бадеии шеърҳои шоир шинос шуда метавонанд.

Дарсро аз пурсиши вазифаи хонагӣ, аз рӯйи саволҳои зерин сар кардан мувофиқи матлаб аст:

1. Илова ба матни китоби дарсӣ кадом шеърҳои ба Ватан бахшидаи Ҳ. Юсуфиро хондаед?

2. Аз шеъри **“Ба ҳар куҷот равам, дил диёри ман гӯяд”** порчае азёд гуфта, калимаи Ватанро дар ифодаҳои шоир шарҳ диҳед.

3. Мазмун ва ғояи шеърҳои “Ба Ватан”, “Ватани дил”, “Ба душманони Ватан”-ро гӯед.

4. Аз шеъри “Ишқи Ватан” порчае аз ёд гуфта, онро маънидод кунед.

5. Ҳабиб Юсуфӣ табиати диёрро дар кадом шеърҳо васф кардааст?

6. “Ман ва мо”-и Ҳ. Юсуфӣ кист?

7. Воқеаҳои Ғарб ва Шарқ ба шоир чӣ таъсир бахшидаанд? Онҳо дар кадом шеърҳояш тасвир ёфтаанд?

Баъд аз ин, баъзе саволҳои дар равиши дарс ба миён омадаро ҳал карда, муаллим бо муқаддимаи кӯтоҳе дарси навро оғоз намуда, қайд мекунад, ки ҷанги хонумонсӯз, ки 22-юми июни соли 1941 дар айни гулгулшукуфии эҷодиёт ва камоли эҷодии Ҳ. Юсуфӣ сар зада буд, нагузошт, ки шоири ҷавон ба орзуи неки худ, ки устоди шеър шудан буд, бирасад. Баъд номи мавзуъ, сарлавҳаи шеърҳоеро, ки ба дарси нав марбут аст, дар тахтаи синф навишта, маълумоти дар синфи VII гирифтаи хонандагон ба тариқи саволу ҷавоби зайл ба хотир оварда мешавад.

Муаллим: - Кӣ шеъри “Ман Ватанро беш аз ҳарвақта дорам дӯстдор”-ро аз ёд гуфта медиҳад?

Талабае даст боло карда, онро ифоданок азёд мегӯяд. Ҳамон талаба ё талабаи дигар ҷавоб медиҳад, ки шоир дар ин шеър ба қалам, ба сухан муроҷиат кардааст. Вай қалам ва суханро ба муборизаи беамон бар зидди душманон даъват карда, вазифаи нави онҳоро муайян намудааст. Шоир, инчунин, дар бораи садоқат ва вафодории халқ ба Ватан сухан ронда, нафрати худро бар душманон аз номи қаҳрамони лирикӣ бо ҳаяҷон ва эҳтироми баланд баён намудааст.

Муаллим: - Чаро шоир шеърашро “Ман Ватанро беш аз ҳарвақта дорам дӯстдор” ном ниҳодааст?

Талабаи сеюм фикрашро бо донишҳои аз дарси гузашта ҳосил кардааш алоқаманд намуда, ҷавоб медиҳад, ки Ҳабиб Юсуфӣ – сарояндаи Ватани маҳбуб ва тараннумгари ҳаёти зебои одамони он буд. Вай медид, ки Ватан дар зери хавфи поймол шудан монда буд. Аз ин рӯ, ҳисси душманбадбинӣ ва ватандӯстии шоир дучанд гардид. Вай акнун тайёр буд, ки мисли ҳазорҳо ватандӯст шарафи Ватан, ёру диёрашро бо қимати ҷон бихарад ва ҳамин тавр ҳам кард.

Баъд муаллим аз ягон намуди воситаи техникӣ (кодоскоп) истифода бурда, шеъри “Ман Ватанро беш аз ҳарвақта дорам дӯстдор”-ро дар девори синф акс намуда, онро ифоданок хонда, диққати хонандагонро аввал ба байти Саъдӣ: **“Ман на он бошам, ки рӯзи ҷанг бинӣ пушти ман, Он манам, ки андар миёни хоку хун бинӣ саре”**, ҷалб намуда, ба хонандаҳо мефаҳмонад, ки Ҳабиб Юсуфӣ аз мазмун ва ғояи ин байт истифода бурда, шеъри худро эҷод кардааст. Ин навъ шеърҳоро дар истилоҳи адабиётшиносӣ "тазмин" мегӯянд. Азбаски талабаҳо дар синфҳои VII -X дар бораи тазмин ва тарзҳои он маълумоти муфассал гирифтаанд, муаллим хусусият ва тарзҳои тазминро таҳлил карда, диққати онҳоро ба таҳлили хусусиятҳо ва ду тарзи тазмини Ҳабиб Юсуфӣ, ки дар шеъри мазкур дучор мешаванд, ҷалб менамояд. Қайд мекунад, ки Ҳабиб Юсуфӣ дар шеъри худ ба фикру ғояи байти Шайх Саъдӣ пайравӣ карда, онро ҳамаҷиҳата қувват додааст. Лекин вай дар шакл ва вазну қофия ба анъанаи тазминнависии куҳан пайравӣ накардааст. Бо мақсади ин ҳақиқатро ба талабагон фаҳмондан қайд карда мешавад, ки байти Саъдӣ аз қитъае гирифта шудааст, ки дорои

тарзи қофиябандии “аб, вб” мебошад. Аммо шеъри Ҳабиб Юсуфӣ бошад, аз ҷиҳати тарзи қофиябандӣ ва шакл нав буда, ҳанӯз номи муайян надорад. Баъд ба хонандагон фаҳмонда мешавад, ки Ҳабиб Юсуфӣ дар мисраъҳои:

**Вақти он аст,**
**эй қалам!**
**Буррандатар гардӣ зи теғ!**
**Вақти он аст,**
**эй сухан!**
**Ғуррандатар гардӣ зи барқ!**
**То ба душман ҳамла орам,**
**Решааш буррӣ зи бех,**
**То расӣ,**
**Манҳус-анҷарро кунӣ бешоху барг!**

**-** аз намуди дигари тазмин - эпиграмма истифода бурдааст. Вай фикри шоири бузурги рус В. Маяковский - **“Ман мехоҳам, ки қаламро ба найза баробар кунам”**-ро истифода бурда, онро дар қолиби назм сайқал дода, бо забони сода, ифодаҳои наву пурмазмун, бо тартиби зинапоя ба хонанда пешкаш намудааст...

Баъдан бо мақсади диққати бачаҳоро ба қувваи таъсирбахшу тезутунди публитсистии шеърҳои Ҳабиб Юсуфӣ, ки онҳо руҳи замонро равшан ва амиқ ифода мекарданд, ҷалб намудан, аввал аз шеъри “Аз ҳавою обу замин” порчаи:

**На, офтоб!**
**Ту болои мо дурахшон бош!**
**Ҳаёти мо,**
**Ту чу ҳаррӯзаат хурӯшон бош!**
**Насими тоза,**
**Ту дар боғи мо вазидан гир!**
**Завод, фабрика,**
**Ҳозир ба кори майдон бош!**
**Зи ҳар самум наларзад дарахти мо, ҳайҳот!**
**Ту, эй рафиқ, ту**
**Дар поси худ ба завлон бош!**-ро омӯзгор ифоданок мехонад.

Муаллим қайд бояд кунад, ки ҳамин гуна ифодаҳои ҳаяҷонбахш, мазмунҳои мушаххасу ба зиндагӣ наздик дар шеъри “Интиқом”, ки он намунаи олии лирикаи публитсистии Ҳабиб Юсуфӣ дар солҳои ҷанг буд, қувваи азими таъсирбахшу боз ҳам тезутундтари публитсистӣ пайдо кардааст. Шоир барои ифодаи маъниҳои барҷаста ва муассиру ҷаззоб баён кардани мақсад дар ин шеър аз воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ истифода бурдааст.

Дар хотимаи дарс қайд бояд кард, ки Ҳ. Юсуфӣ мисли ҳазорон ватандӯстон ба ин мубориза умумихалқӣ шарик шуда, баъди ду моҳи навиштани шеъри “Муҳаббат ва ҳақиқат” ба ҷабҳа рафт. Дар он ҷо ҳам аз кори эҷодӣ даст накашид. Ин фактро мактубҳои худи шоир, дӯстон ва ҷанговарони ҳамрозқи ӯ тасдиқ мекунанд. Омӯхтани ҳар як шеъри Ҳабиб Юсуфӣ дар тарбияи ҳисси ватандӯстӣ, хештаншиносии насли наврас аҳаммияти бузург дошта, танҳо ӯ метавонист **“Душманони инчунин ҳаёти нағз кист? Охир бидеҳ ба ман шамшер!”** ё худ **“Қалам бигзор, бигир теғу ба фарқи аду бизан!”** гӯяд. Ин суханон бозгӯи ягонагии кирдор ва суханони шоири ҷанговари тоҷик аст.

Дар охир бо саволҳои зерин дониши омӯхтаи хонандагонро санҷидан ва мустаҳкам кардан даркор аст:

1. Мазмун ва ғояи шеъри “Ман Ватанро беш аз ҳарвақта дорам дӯсттар”-ро гӯед.
2. Дар ин шеър таъсири услуб ва тарзи баёни кадом шоири рус дида мешавад?
3. Дар шеъри номбурда Ҳабиб Юсуфӣ кадом намудҳои тазминро кор фармудааст?
4. Ҳабиб Юсуфӣ дар шеъри “Аз ҳавою обу замин” ба кӣ ҷӣ гуна муроҷиат кардааст?
5. Мазмун ва ғояи шеъри “Интиқом”-ро гӯед. Дар он шоир кадом воситаи тасвир ва санъати шеъриро кор фармудааст?
6. Хусусияти публитсистии шеърҳои номбурдаро гӯед.

**Супориш:** Аз китоби дарсӣ саҳифаи 147-ро ва китоби “Роҳи нотамом” шеърҳои солҳои 1941-1942 эҷодкардаи шоирро хонда, дар мавзуи “Ҳаёт ва эҷодиёти Ҳабиб Юсуфӣ” иншои хонагӣ нависед.

**Салтанат МИРЗОЕВА,**
**омӯзгори МТМУ №65-и ноҳияи Рӯдакӣ**



# НЕЪМАТИ АСОСИИ САЙЁРАИ ЗАМИН

Пиряхҳо яке аз манбаъҳои асосии об дар тамоми кишварҳо буда, аз лиҳози ҳикмати табиат, пиряхҳо неъмати асосии сайёраи Замин ҳисобида мешаванд. Чунки об на танҳо манбаи рушди инсон, балки тамоми махлуқоти рӯйи замин, инчунин, пешрафту рушди иқтисодиёти тамоми кишварҳои ҷаҳон мебошад.

Имрӯзҳо вобаста ба афзоиши аҳолӣ дар ҷаҳон ва тағйирёбии иқлим норасоии оби ошомиданӣ мушоҳида мегардад. Аз рӯйи маълумоти расмии Созмони Милали Муттаҳид дар кураи Замин аз норасоии оби ошомиданӣ ҳамасола 4,5 миллион одамон ҳалок гашта, 1 миллиарду 200 миллион нафар ба маризиҳои гуногун гирифтор мешаванд. Дар ҷаҳони имрӯза об аз як захираи одӣ ба захираи ҳаётан муҳимми иқтисодӣ мубаддал шудааст. Он рӯз дур нест, ки об мавқеи нафту газро, ки калиди танзимкунандаи сиёсати имрӯзаи ҷаҳонианд, иваз намояд. Бармалост, ки об як ҷузъи сиёсати ҷаҳонӣ ва минтақавӣ гаштааст. Аз ин лиҳоз, кишварҳои дорои захираҳои бойи обӣ кӯшиш менамоянд, ки пиряхҳои худро ҳифз кунанд.

Яке аз чунин кишварҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки дар кӯҳҳои баланди он захираи фаровони пиряхҳо мавҷуд аст. Рушди иқтисодии Тоҷикистон низ аз об вобастагии зиёд дорад. Аз ин рӯ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри ҳифзи пиряхҳо дар арсаи ҷаҳонӣ корҳои муассир анҷом додаанд. Дар ин замина, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати узви созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ чандин маротиба тавонист, бо пешниҳодҳои муҳим дар мавриди ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳи ҳалли масъалаҳои умумибашарӣ оид ба об саҳми арзандаи худро гузорад.

Ин иқдомҳои шоиста Ватани моро дар арсаи олам ҳамчун кишвари ташаббускор дар ҳалли мушкилоти сайёра оид ба масъалаи об муаррифӣ намудааст. Ҳанӯз 3 марти соли 2021 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти якуми Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об ва иқлим, ки дар шакли видеоконференсия баргузор гардид, иштирок ва дар масъалаҳои об ва иқлим суханронӣ намуда, зикр карда буданд: «Обшавии босуръати пиряхҳо дар баробари зиёдшавии истеъмоли об, ки аз афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ вобастагӣ дорад, метавонад ба оқибатҳои манфӣ оварда расонад».

Пешвои миллат сабаби асосии тағйирёбии иқлимро дар обшавии босуръати пиряхҳо дар натиҷаи гармшавии иқлим маънидод карда, таъкид намуданд: «Мутаассифона, имрӯзҳо мо босуръат об шудани пиряхҳоро дар Арктика, Антарктида ва Гренландия мушоҳида менамоем. Ҳамчунин, тағйироти ҷиддӣ дар пиряхҳои воқеъ дар хушкӣ низ ба амал омада истодаанд». Сарвари давлат оид ба вазъи пиряхҳои Тоҷикистон низ андешаронӣ карданд, ки «вазъи ба ин монанд дар пиряхҳои Помир низ ба вуҷуд омада истодааст».

Бо дарназардошти ин мушкилоти глобалии сайёра, аз тарафи Президенти кишвар пешниҳод карда шуд, ки ҷиҳати тамаркуз кардан ба масъалаи мазкур дар сатҳи байналмилалӣ, «Соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» ва «Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» муайян гардида, бунёди махсуси байналмилалии ҳифзи пиряхҳо таъсис дода шавад. Иҷлоси 77-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид (14.12.2024) ин пешниҳоди Пешвои миллатро қабул намуд.

Ташаббусҳои Сарвари кишвари мо доир ба дипломатияи об, ки солҳои ахир аз ҷониби СММ

пайваста дастгирӣ ёфтаанд, инҳо мебошанд:

**- Эълон гардидани «21 март - Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо»;**

**- Эълон шудани «Соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо»;**

**- Дар назди СММ таъсис додани Фонди боварии байналмилалӣ барои саҳмгузорӣ ба ҳифзи пиряхҳо;**

**- Дар соли 2025 доир кардани Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо дар шаҳри Душанбе.**

Ин иқдомҳо дар самти рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ барои ҳалли масъалаҳои обу пиряхҳо заминаҳои мусоидро фароҳам намуд. Айни замон дар Осиёи Марказӣ бо гармшавии иқлим, кам шудани боришот ва дигар тағйирот захираи пиряхҳо кам шудааст. Дар ин минтақа ҳаҷми умумии пиряхҳо тақрибан ба 17 ҳазор км² баробар мебошад, ки беш аз 60%-и онҳо дар ватани мо ҷойгиранд. Тибқи маълумот дар Тоҷикистон 14000 пирях ба ҳисоб гирифта шуда, майдони умумии онҳо 8476, 2 километри мураббаъро ташкил медиҳад. Пиряхҳо, асосан, дар Помири Шимолию Ғарбӣ ва кӯҳистони Ҳисору Олой воқеъ гардидаанд. Бештари пиряхҳо дар баландиҳои аз 3000 то 5300 метр аз сатҳи баҳр ҷой гирифтаанд. Дар пиряхҳои кишварамон 456,9 километри мукааб об захира шуда, дар давоми сол аз ин пиряхҳо ба дарёҳо 61,8 километри мукааб об ҷорӣ мегардад ва тамоми минтақаҳои Осиёи Марказӣ аз он истифода менамоянд. Дарёҳои калонтарини Тоҷикистон: Панҷ, Вахш, Сирдарё ва Зарафшон низ аз пиряхҳо ибтидо мегиранд.

Дар Тоҷикистон пиряхҳои бузургтарин, аз қабили Ванҷях (651,7 км²), Грумм Гржимайло (143 км²), Гармо (114,6 км²) ва даҳҳо пиряхҳои дигар, ки зиёда аз 30 км²-ро фарогиранд, дар қуллаҳои баландтарини Тоҷикистон - Исмоили Сомонӣ (7495 м) ва Абуалӣ ибни Сино (7134 м) ҷойгир мебошанд. Дар ҳавзаҳои дарёҳои Тоҷикистон: Муғсу – 1004 пирях, Бартанг – 269 пирях, Қизилсу (Шимолӣ) – 280 пирях, Ғунд – 1349 пирях, Мурғоб – 879 пирях, Зарафшон – 1227 пирях, дар ҳавзаи дарёи Хингоб – 756 пирях мавҷуданд.

Раванди гармшавии сайёра ба обшавии ин пиряхҳо низ таъсир гузоштааст. Дар зарфи 50 соли ахир майдони пиряхи Ванҷях то ба якуним километр ва пиряхи Гармо то ба 7 километр коҳиш ёфтааст ва аз 14 ҳазор пирях 1000 адади он пурра нобуд гардидааст. Аз ин рӯ, Пешвои миллат дар Паёми навбатии солонаи худ ба Маҷлиси Олии кишвар дастур доданд, ки “бо дарназардошти чунин вазъ, Академияи миллии илмҳо дар сохтори худ Маркази омӯзиши пиряхҳоро таъсис дода, мониторинги доимии пиряхҳо ва дигар сарчашмаҳои обии кишварро ҷиддӣ ба роҳ монад”.

Ба таъкиди Пешвои миллат дар шароити кунунӣ мо бояд ҳамкориҳоро дар самти обу ҳифзи пиряхҳо, баррасии паёмадҳои тағйирёбии иқлим ва коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ дар доираи имкони мавҷуда идома дода, ҷиҳати тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ дар қолаби «Раванди оби Душанбе» тадбирҳои зарурӣ андешида, бо дарназардошти вазъи ҷаҳони имрӯза, тағйирёбии иқлим, хусусан, камобӣ ва хушксолиҳои пайиҳам дар бисёр кишварҳои дунё, болоравии нархи маводди ғизоӣ дар ҷаҳон ва таъсири манфии омилҳои зикршуда ба бозори истеъмолӣ тамоми имконро барои рушди соҳаи кишоварзӣ сафарбар созем.

Ба андешаи коршиносони соҳа, қабул гардидани Қатъномаи «Соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» барои баланд бардоштани нуфузи Тоҷикистон дар масъалаи ҳифзи пиряхҳо ва ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳон ба ин масъала такони ҷиддӣ хоҳад бахшид. Ҳамзамон, таъсиси Фонди боварии байналмилалӣ барои саҳмгузорӣ дар ҳифзи пиряхҳоро муҳаққиқон қадами устувор барои суръат бахшидан ба баргузории экспедитсияҳои илмӣ дар масъалаи ҳифзи пиряхҳо ном мебаранд.

Дар маҷмуъ, Қатъномаи «Соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо», ки бо пуштибонии 153 кишвари узви СММ пазируфта шуд, яке аз қатъномаҳои нодир ба ҳисоб меравад.

Албатта, қабул ва пазироии ташаббуси навбатии Тоҷикистон мо – тоҷиконро хушҳол намуда, ҳар як фарди пойбанд ба илму адабро зарур аст, ки сари татбиқ ва амалинамоии ин иқдоми ҷаҳонии Пешвои миллат кӯшишу талош намуда, баҳри иҷрои саривақтии он тадбирҳои муайяну мушаххасро ба иҷро расонем.

**Шаҳло ЭШОНОВА,**
**рӯзноманигор**



# ОМӮЗГОР - ШАЪНУ ШАРАФИ МИЛЛАТ

Аз оғози ташаккули ҷомеаи мутамаддин то ба имрӯз муаллимон-омӯзгорон мақому манзалати волоро соҳиб буда, ҷомеа нисбат ба онҳо эҳтироми хосса зоҳир менамояд. Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имсол дар суханронӣ ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ таъкид карданд: **«Омӯзгор шаъну шарафи миллат аст ва имрӯзу фардои ҳар як кишвар ва ҷомеа аз сатҳи маърифат ва фаъолияти ӯ вобастагии калон дорад. Эҳтироми омӯзгор аз тарафи ҳар як фард эҳтироми худ, эҳтироми миллат ва эҳтироми ҷомеа аст».**

Дар даврони соҳибистиқлолӣ аз ҷониби давлат ва Ҳукумати кишвар дар самти баланд бардоштани мақому манзалати омӯзгор чораҳои муассир андешида шудааст. Аз ҷумла, дар асоси дастури Пешвои миллат лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» таҳия гардида, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат дастгирӣ ёфтааст ва барои баррасӣ ба парламент ирсол гардид, ки қабули он, ба таъкиди Пешвои миллат **«марҳалаи наверо дар фаъолияти омӯзгорон ва умуман, дар ҳаёти аҳли кишвар ифтитоҳ хоҳад бахшид».**

Барои он ки таълиму тарбияи насли нав самараи нек ба бор орад, зарур аст, ки ҳамкории се ниҳоди муҳимми иҷтимоӣ - оила, ҷомеа ва мактаб дар ҳамбастагӣ ба роҳ монда шавад. Ин нуктаро низ Пешвои миллат таъкид намуда, иброз доштанд, ки: **«Мактаб, оила ва ҷомеа – ин се неруи масъулу тавоно бояд иттиҳоди ҳамешагӣ дошта бошанд ва ба хотири таълиму тарбияи шоистаи наврасону ҷавонон дар ҳамбастагӣ ҷидду ҷаҳд намоянд. Танҳо дар сурати ҳамгироии ин се пояи асосии тарбия метавон ба камолоти зеҳниву ахлоқии кӯдакон ноил гашт».**

Дар ҳақиқат, арҷгузорӣ ба мақому манзалати омӯзгор асоси пешрафти соҳаи маориф ва баланд гардидани сатҳи маърифати ҷомеа мебошад. Заҳмати омӯзгор бояд дар ҳама ҳолат аз ҷониби ҷомеа ва тамоми ниҳодҳои иҷтимоӣ қадр карда шавад. Мутаассифона, баъзан вақт, ҳолатҳое низ ба назар мерасанд, ки бархе аз инсонҳои бепарво шаъну шарафи омӯзгоронро поймол карданӣ мешаванд. Имрӯз ҷаҳони интернет зеҳни наврасону ҷавононро низ пур аз иттилооти мухталиф намудааст. Бархе аз хонандагон бо тақлид ба он ҳама саҳнасозиҳое, ки дар экранҳои телефон падид меоянд, ба худ иҷозат медиҳанд, ки нисбат ба муаллим беэҳтиромӣ кунанд.

Бо вуҷуди он ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи телефони мобилиро дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ аз тарафи хонандагон ва донишҷӯён манъ кардааст, аммо баъзе аз хонандагон дар рафти дарс пинҳонӣ аз он истифода мекунанд. Як давра, бо далели он ки толибилмон аз имконоти он ба манфиати таълим, яъне, китобҳои электронӣ ва дигар воситаҳои ғанигардонии донишу малака истифода намоянд, назорат дар ин самт коҳиш ёфт.

Аз нақли як омӯзгор: "Дар синфи мо қариб ҳама волидон тарафдори онанд, ки истифодаи телефонҳои мобилӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна маҳдуд гардида, дар ҷараёни дарс аз он истифода нашавад. Аммо бархеҳо бар он андешаанд, ки кӯдакону наврасонро куллан бе телефон гузошта ҳам намешавад, чун волидон тавассути телефон дар куҷо будану бо чӣ кор машғул шудани онҳоро назорат карда метавонанд. Яке аз модарон пешниҳод намуд, ки ҳамарӯза, қабл аз оғози дарсҳо роҳбари синф телефонҳоро ҷамъ намуда, дар ҷойи махсусе гузораду баъди анҷоми дарсҳо ба соҳибонашон диҳад. Аммо дар ҳама ҷо одамоне ҳастанд, ки аз

ҳама гуна тасмиму қоидаву қарор норозиянд ва худ шарҳ дода наметавонанд, ки бо кадом далел. Мухолифанду тамом. Ин мавқеи онҳост. Волидон аксаран садо баланд мекунанд: Ин ҷо мактаб аст, шумо омӯзгоред, роҳнамоед, масъулед. Аммо баъзеи онҳо дар иҷрои масъулияту рисолатамон халал эҷод мекунанд".

**Дарки нодурусти сарварӣ**

Тамоми волидон мехоҳанд, ки фарзандонашон ҳамчун инсонҳои муваффақ ба воя расанд. Аксаран мехоҳанд, ки кӯдаки онҳо пешоҳанг ё сардори синф бошад. Муҳим нест, ки кӯдак инро мехоҳад ё не, аз ӯҳдаи идораи синф мебарояд ё не. На ҳама вақт шарикдарсон сардори синфро эътироф ва итоат мекунанд. Тасаввур кунед, ки дар ҷойи кор ҳама роҳбар аст. Бешак, дар чунин муҳит кор кардан хеле душвор мешавад. Кӣ бояд супориш диҳад? Кадомеро бояд итоат кард? Мушкил аст. Гоҳҳо ҳамин гуна фазо дар байни кӯдакон ба миён меояд ва ба зиммаашон масъулияти вазнине бор мешавад...

Насли калонсол хуб дар ёд доранд ибораҳоеро, ки аз забони устод омирона садо медоданду иҷрояшон ҳатмӣ буд: “Канӣ, рӯзномаатро болои мизи ман гузор”, ё “Пагоҳ ҳамроҳи падару модарат ба мактаб биё”. Дар ҳама ҳолат дар хона кӯдакро пурсупосу итоб интизор буд, чунки устод ҳамеша ҳақ дониста мешуд. Албатта, баъзан каҷравию итоат накарданҳо буданд, вале дар онҳо низ як навъ тартиботи дақиқе ҷорӣ буд.

**Озодӣ: зери ин мафҳум чиро мефаҳмем?**

Баъзе аз кӯдакон нисбат ба устодон дағалрафторию дағалгуфторӣ мекунанд. Аз чӣ бошад, онҳо бовар доранд, ки барои чунин рафтору гуфтор муҷозоте намешаванд, қонунгузорӣ барои чунин аъмол ҷазои муносибе таъйин накардааст ва дар муҳити оила низ онҳо аз пуштибонии падару модар, ки ҳамавақт барои сафед кардани фарзанди худ далел доранд, истифода мебаранд. Баъзан, дар чунин ҳолатҳо ҳама гуноҳро бар дӯши омӯзгор бор мекунанд. Бархе аз волидони аз асли матлаб ноогоҳ ба мактаб омада, бо устодоне, ки аз фарзандашон эроде гирифтааст ва ё барои рафтори нодурусту тайёр накардани дарс баҳои паст гузоштааст, ҷанҷолу хархаша мекунанд. Вақте чунин баҳсу мунокишаҳо дар ҳузури кӯдакон ба миён меояд, на танҳо обрӯю эътибори омӯзгор, балки обрӯю эътибори калонсолон, аз ҷумла, волидон низ дар назди насли наврасу ҷавон коста мегардад.

**Дахолати волидон чӣ оқибатҳо дошта метавонад?**

Омӯзгороне низ ҳастанд, ки баъди мавриди беэҳтиромии баъзе аз волидон қарор гирифтан ба корашон дилсарду бепарво шуда, ба кӯдакони онҳо эътибори зарурӣ намедиҳанд. Модар мехоҳад, ки фарзандаш ҳар амали дилхоҳашро анҷом диҳад? Бигзор! Чун дар ҳама ҳолат боз ҳам омӯзгор гунаҳкор аст. Кӯдакон, ки худро назорат ва идора карда наметавонад, дар чунин ҳолат беназоративу бетарафиро нисбат ба худ ҳис карда, бадрафтортар мешавад. Дигар сухани падару модар низ ба фарзанд таъсиргузор нахоҳад буд. Чун дар зеҳнаш аллакай андешае шакл мегирад, ки хоҳ ҳақ бошаду хоҳ ноҳақ, модараш ба мактаб омада, “ҳамаро ба ҷояш мешинонад”. Баъдан идора кардани чунин наврасон хеле мушкил хоҳад шуд. Онҳо чунин меандешанд, ки бо роҳи таҳдиду зӯроварӣ ва доду фарёд ҳама мушкилот ҳал хоҳад шуд, чун модар ё падари онҳо борҳо аз ин усул кор гирифтаву “муваффақ” низ шудаанд. Ҳамин вазъу бархӯрдҳои одӣ ба он боис мегардад, ки минбаъд наврасон даст ба мунокишаҳои бузург зананд ва оқибат ба беморхона афтидаву ба маҳкама кашида шаванд.

**Ба ҷойи хулоса**

Шояд дар ин навиштаҳо аз рӯйи эҳсос ба зиёдаравӣ роҳ дода бошам, вале мақсад зикри воқеиятҳоест, ки бояд гуфта шаванд. Зеро ин муаммо дар муҳити таълимии мо ҷой дорад ва гоҳе сару садои онро дар расонаҳо мебинем.

Хушбахтона, на ҳама насли наврасу ҷавон хатокору бетарбия ба воя мерасад. Миёни ин насл ашхоси оқилу гапдаро, бомаърифату ботарбия зиёд аст ва маҳз ин қишри зираку ботафаккур боис гардидааст, ки парчами кишвари мо дар сабқатҳои зеҳнӣ баланд шаваду наврасону ҷавонон барои кишварамон ифтихор офаранд. Волидон низ дар таълиму тарбияи онҳо саъю кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳанд. Ба мактаб рафтану аз ҷараёни таҳсили фарзанд, аз муносибату муошірати онҳо бо ҳамсабақону устодон огаҳ будани волидон амри зарурист. Вале ҳамеша бояд ба вазъият на танҳо аз суханони фарзанд, балки аз дидгоҳи дигарон низ баҳогузорӣ намоем. Чунки обрӯи омӯзгор асоси рушди маориф ва рушди маориф обрӯи миллату давлат аст.

**Ҳобил ЗИКИРЗОДА,**
**декани факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**



# ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ЗИДДИКОРРУПСИОНИИ ҶАВОНОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР




Коррупсия яке аз зуҳуроти хатарноки ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, ба тафаккури ҷомеа ва раванди тараққиёти давлат таъсири бад мерасонад. Ба он таҳриф намудани сиёсати иқтисодӣ ва стратегияи рушди кишвар, дуздии моликияти давлатӣ ва ғайримақсаднок истифода бурдани буҷаи давлатро метавон баршумурд.

Коррупсия дар натиҷаи ба вуҷуд омадани шароит ва ба бахшҳо тақсим шудани ниҳодҳои иҷтимоӣ зуҳур намудааст. Мутаассифона, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз таҳдиди ин зуҳуроти хатарзову хатарнок истисно буда наметавонад. Пӯшида нест, ки ин вабо бо мурури замон рушди иқтисоди давлатро аз байн мебарад.

Муқовимат ба коррупсия имконпазир ва зарур аст, вагарна он тамоми кишварро фаро гирифта, пояҳои давлатдориро хароб мекунад. Ҳукумати Тоҷикистон ба таври возеҳ дарк мекунад, ки тарбияи зиддикоррупсионии шаҳрвандон, аз ҷумла, ҷавонон омили муҳимми мубориза бо чунин зуҳурот мебошад. Бояд гуфт, ки коррупсия дар ҷаҳони муосир дар роҳи рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳо ва риояи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷумлаи монеаҳои ҷиддӣ маҳсуб меёбад. Бо ин мақсад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор чораҳои муассир дар самти мубориза бо коррупсия андешида шудааст. Дар баробари қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», инчунин, дар кишвар Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 амал мекунад, ки дар асоси талаботи он самти мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб муайян гардидааст. Мақсад ва вазифаи асосии амалисозии стратегия аз баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионии аҳолӣ ва фароҳам овардани фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия, бартараф намудани сабабу шароити ба коррупсия мусоидаткунанда ва дар маҷмуъ, паст намудани шиддати коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат буда, он барои инкишофи арзишҳои демократӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум равона карда шудааст.

Пӯшида нест, ки дар самти мубориза бо тамоми зуҳуроти манфӣ тафаккури коллективӣ таъсири бузург дорад ва метавонад, одамонро ба иҷрои амалҳои муайян водор созад. Баъзан, инсон ба кирдори ғайриқонунӣ даст мезанад, қонунро вайрон мекунад, аммо аз тарафи ҷомеа маҳкум намешавад, ки ин боиси идомаи чунин рафтору амали манфӣ мегардад. Агарчи тадбирҳои ҷавобгарии интизомӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ андешида шуда, фаъолона татбиқ карда мешаванд, аммо таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки сатҳи коррупсияро танҳо бо чораҳои ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ ба ҳадди ақал расондан

мумкин нест. Инро тавассути маърифати зиддикоррупсионӣ ба даст овардан мумкин аст.

Мусаллам аст, ки ҷавонон қишри пурхурӯш, тараққиёбанда ва дар баробари ин, осебпазири ҷомеа мебошанд. Ба ин васила, ғояҳои навро бо технологияҳои муосир дар амал ҷорӣ карда, ба ҳаёт бо нигоҳи ҷадид менигаранд. Фарқияти бархе аз инсонҳои муосир дар сатҳи баланди деформатсияи виҷдони ҳуқуқӣ мебошад, аз ин рӯ, ҳама гуна зуҳуроти коррупсионӣ як чизи шинос ва муқаррарӣ ба назар мерасад. Чунин вокуниш тасдиқ мекунад, ки бархе аз онҳо, ки инкишофашон дар давраи таҳаввулоти сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии бист соли пеш сурат гирифтааст, деформатсияи шуури ҳуқуқиро аз сар гузаронидаанд, ки онро ҳатто, метавон "нигилизми ҳуқуқӣ" номид.

Мутаассифона, коррупсия, дар сурати мавҷуд набудани фишори доимӣ барои решакан кардани он, имкони васеъ кардани ҳудуди худ ва мутобиқ шудан ба шароити навро дорад. Аз ин лиҳоз, бояд механизми ягонае таҳия шавад, ки ришвахориро коҳиш диҳад. Хеле зарурист, ки дар шароити кунунӣ ба тарбияи зиддикоррупсионии ҷавонон боз ҳам бештар диққат дода шавад. Ташаккули шуури зиддикоррупсионии ҷомеа, бахусус, ҷавонону наврасон ба таври мақсаднок, бо рафтори мусбати риояи қонун, дар ин ё он вазъият, бо намоиш додани ростқавлӣ, одоби хуб ва поквиҷдонӣ зарур аст. Чунин таҷрибаи чорабиниҳои тарбиявӣ ба ҷавонон кумак намуда, онҳо дарк менамоянд, ки коррупсия на танҳо роҳи раҳоӣ нест, балки василаи худсӯзӣ мебошад.

Тарбияи расмӣ дар барномаҳои таълимии ҳатмӣ барои кӯдакон роҳандозӣ мегардад, дар ҳоле ки ғайрирасмӣ дар таҳсилоти иловагӣ: чорабиниҳои гуногун, конфронсҳо, вохӯриҳо ва мизҳои мудаввар истифода мешавад. Равшан аст, ки ин ду усулро якҷоя истифода бурдан лозим аст. Ҳамин аст, ки барои ба бачаҳо омӯзонидани саводу маърифати ҳуқуқӣ мунтазам чорабиниҳо гузаронида мешаванд.

Бо ин мақсад, барои ҳама синну сол, аз хонандагони синфҳои болоӣ сар карда, то донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ миқдори зиёди дастурҳои методӣ оид ба тарбияи зиддикоррупсионӣ таҳия карда мешаванд. Ҷаҳонбинии наврасону ҷавононро дуруст ташаккул додан ва тарбия кардан лозим аст. Тарбияи зиддикоррупсионӣ бояд ба ҷузъҳои муҳимтарини шуури оммавӣ, яъне, ҳиссиёт, тасаввур ва шуур таъсир расонад. Ба андешаи мо, дар донишгоҳҳо таълимоти зиддикоррупсиониро дар шакли ғайрирасмӣ татбиқ кардан ва барои таҳсилоти расмӣ ба барномаҳои таълимӣ дохил намудани фанҳои марбут ба тарбияи зиддикоррупсионӣ зарур мебошад.

Агар ба коррупсия танҳо аз нигоҳи ҳуқуқӣ назар карда шавад, пас раванди тарбияи рафтори зиддикоррупсионӣ хеле мураккаб хоҳад шуд, зеро дар ин ҳолат бояд танҳо ҳуқуқшиноси касбӣ бо наврас суҳбату вохӯриҳо гузаронад.

Ба назари мо, мафҳуми коррупсияро васеътар фаҳмидан лозим аст: ҳамчун як намуди махсуси ҳамкории байни одамон ва ҷаҳони беруна, ки дар он баъзан намояндагони соҳаҳои мухталифи ҷомеа бо мақсади манфиати шахсии худ қонунро поймол мекунанд. Гузашта аз ин, як тамоюле мушоҳида мешавад, ки маърузаҳои зиёди оммавӣ дар самти омӯзиши маърифати зиддикоррупсионӣ танҳо ба ғанӣ гардонидан ва андӯхтани донишҳои назариявӣ мусоидат мекунанд, вале ҷавононро барои амал кардан дар доираи қонун ташвиқ намекунад. Зиёд таъкид кардан низ аз лиҳози равонӣ ҳолатеро пеш меорад, ки дар баробари хондани лексияҳо дар муассисаҳо, наврасон аз барномаҳои гуногуни телевизионӣ, филмҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар нашрияҳо, ки дар онҳо таблиғот мушоҳида мешавад, дар бораи муқовимат бо коррупсия тасаввуроти баръакс пайдо мекунанд.

Хулоса, таҷрибаи кори мубориза бо коррупсия нишон медиҳад, ки роҳандозии тарбияи фарогир дар самти маърифатнокии зиддикоррупсионӣ, дар баробари такмили санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, муҳимтарин василаи мубориза мебошад. Пас, ҳар яки моро лозим аст, ки дар муқовимат бо коррупсия дар асоси меъёрҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба коррупсия" амал намуда, масъулияти миллию инсонии худро аз сидқи дил иҷро намоем.

# МОДАРИ МАН МИСЛИ ДИГАР МОДАРҲО НЕСТ...

Муаллиме нақл мекунад: Дар мактаби ибтидоӣ дарс медодам. Муддате буд, бачаҳоро барои як маҳфиле омода мекардам. Падару модаронашнро ҳам даъват карда будам. Бо бачаҳо чандин маротиба тамрин кардем. Ҳама хуб буд.

Маҳфил шуруъ шуд. Ногаҳон духтаре аз ҷамъи бачаҳо ҷудо шуду ба ҷойи хондани суруди якҷоя ба ҳаракатҳои ҳархела шуруъ кард. Дасту по меҷунбонд ва худашро ақибу пеш мебурд ва ҳаракатҳои аҷибе анҷом медод. Дигар бачаҳо ҳам сурудро мехонданд ва ҳам механдиданд. Каме монда буд, ки ба хотири хандаашон ҳама он чизе, ки омӯзонда будам, барбод равад. Ба худ гуфтам: Чаро ин духтар чунин мекунад? Чаро аз рафтораш шарм намедорад? Ин ки қаблан дар мактаб духтари оқила ва намунаи хубе дар байни бачаҳо буд.

Рафтам рӯ ба рӯяш ва ба сӯяш ишора кардам. Гӯё маро нафаҳмид. Ҳамон қадар асабониям кард, ки ҳатто, оби даҳонамро наметавонистам курт диҳам. Базӯр худамро идора кардам ва оромона пешаш рафтам. Аммо ӯ дуртар рафту ҳамоно чунин нағмаҳояшро идома медод. Саҳна пур аз одам буд, ҳама механдиданд. Нигоҳам ба директори мактаб афтод, рангаш иваз шуда буд. Аз асабоният ва шарм аз сару рӯяш арақ мерехт. Аз ҷояш бархосту ба наздам омада, сарашро наздик овард ва бо ғазаб гуфт:

- Чаро ин духтар чунин мекунад?

Ман ҷавобе надоштам. Модари духтар дар канорам буд. Аз таҳи дил механдид ва пештар рафта, кафкӯбӣ мекард. Духтарак ҳам бо ташвиқи модар гармтар аз пештар шуда буд. Ҳамин ки суруд тамом шуд, бо қаҳр ба саҳна рафтаму бозуи духтарро гирифтам ва гуфтам:

- Чаро ин коро кардӣ? Чаро бо рафиқонат суруд нахондӣ?

Духтарак ҷавоб дод:

- Охир, модарам инҷост, барои модарам ин корро мекунам!

Ман, ки сахт ғазабнок будам, гуфтам:

- Охир намебинӣ, ҳама мисли ту падару модарҳояшон инҷо ҳастанд? Чаро онҳо чунин накарданд ва худро мисли ту шарманда насохтанд?

Дидам, ки дар чашмонаш ашк пайдо шуд ва гуфт:

- Муаллим, сабр кунед, бигзор, модарам хабардор нашаванд. Модари ман мисли дигар модарҳо нест. Модари ман кару лол аст. Намешунавад ва ман бо ҳаракатҳоям ҳисси шодмонӣ ва калимоти зебои сурудро барояш мефаҳмондам, то ӯ ҳам мисли ҳама модарон шодиро ҳис кунад. Ин кору ҳаракатҳои ман рақсу пойкӯбӣ набуд, ин забони ишора аст, забони кару лолҳо - забони қалби модарам.

Ҳамин ки ин суханонро гуфт, мисле ки зонуҳоям карахт шуд. Худамро дошта натавонистам. Духтаракро дар оғӯш гирифта, дар ҳоле, ки ашкам мерехт, ба ӯ таҳсин гуфтам:

- Офарин, духтарҷон! Ту беҳтарини ин саҳна будӣ.

Модараш, ки дар як кунҷи саҳна менишаст, аз хурсандӣ дар куртааш намеғунҷид. Як лаҳза ҳама хомӯш монд. Ба гӯши ҳамдигар гап мезаданд ва сипас, ҳама кафкӯбӣ карданд. Чун ҳама аз вазъ огоҳ шуданд, мисли ман зудқазоваткардаҳо ба гиря даромаданд.

Аз ҳама ҷолибтар ин ки директор омада, унвони донишомӯзи намунавиро ба ӯ тақдим намуд. Духтарак дасти модарашро гирифта, пеш-пеши модараш ҷасту хез мекард, то модарашро шод кунад.

Дарси ин ҳикоя ин аст, ки зуд асабонӣ нашавем. Сабр дошта бошем ва барвақт қазоват накунем!

**Таҳияи Ҷ. САЙФУДДИН**

# МУНДАРИҶА


**КАЛОМИ ПЕШВО**
Забон гавҳари бебаҳо, мояи ифтихор ва олитарин муқаддасоти миллии мост....................1

**КАЛОМИ ПЕШВО**
Тарбиятгари насли созандаву бунёдкор аст, омӯзгор....................3

**ТАМАННИЁТ**
Омӯзгор - афрӯзандаи чароғи илму дониш....................4

**ЧЕҲРАИ МОНДАГОР**
С. ШАРИФОВА. Пешвои миллат - ифтихори миллат....................6

**МУСОҲИБА**
Ҷ. САЙФУДДИН. Ҳусейн Ализода: Меҳру муҳаббат ба касб сутуни асосии муваффақият аст....................8

**НАБЗИ МАОРИФ**
Д. АҲМАДЗОДА. Рушди зеҳнии насли наврасу ҷавон дар сиёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон....................11

**ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ**
А. ШАРИФЗОДА. Рушди таҳсилоти томактабӣ дар партави сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат ....................15

**5 ОКТЯБР - РӮЗИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ**
М. САФАРОВ. Забон - пойгоҳи эҳсоси ватандӯстӣ ва ҳифзи ҳувияти миллӣ....................19

**ТАМАННИЁТ БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ОМӮЗГОРОН**
Машъалафрӯзони роҳи маърифт....................21

**РӮЗИ ОМӮЗГОРОН**
О. ОДИНАЕВ. Омӯзгори варзида ва муаллимаи пуртаҷриба....................25

**РӮЗИ ОМӮЗГОРОН**
А. МАНОНЗОДА. Фидокор, бонангу ор буд, омӯзгор Каримов....................27

**ЗАБОН ДОНӢ - ҶАҲОН ДОНӢ**
Б. ҶАББОРОВА. Боло бурдани шавқу рағбати донишҷӯён ба омӯзиши забони англисӣ........29

**МУЛОҲИЗА ВА ПЕШНИҲОД**
А. ЗУМРАТОВ. Мавқеи кабинети фаннӣ дар раванди таълими фанни химия....................31

**ГЕОМЕТРИЯ**
Р. БУРҲОНОВА Лаёқатҳои эҷодкорӣ, навоварию ихтироъкории шогирдонро чӣ гуна ташаккул диҳем? ....................34

**БИОЛОГИЯ**
П. БАРОТОВ. Роҳҳои баланд бардоштани дониши хонандагон дар дарс....................37

**ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ**
С. ҚОСИМӢ, С. ЗАЙДУЛЛОЗОДА. Ҳадафҳои муҳимми муносибати босалоҳият ба таълим дар мавзуъҳои адабиёт....................40

**РОБИТАИ ХОНАВОДА ВА МАКТАБ**
М. ШАРИФОВА. Беҳтарин арзишҳои инсонӣ дар оила ташаккул меёбанд....................45

**САНЪАТИ ТАСВИРӢ**
П. ҶАЛОЛОВА. Нақши рассом - ороишгари китоб дар роҳи баланд бардоштани завқи эстетикии хонанда....................48

**ОМОДАГИИ ИБТИДОИИ ҲАРБӢ**
Ф. КАРИМОВ. Ҳифзи Ватан-Модар қарзи фарзандии мост!....................51

**МЕТОДИКА**
Х. РАҲИМОВ. Таълими мавзуи Ватан дар ашъори Ҳабиб Юсуфӣ....................53

**СОЛИ 2025 - СОЛИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО**
С. МИРЗОЕВА. Неъмати асосии сайёраи Замин....................56

**АНДЕША**
Ш. ЭШОНОВА. Омӯзгор - шаъну шарафи миллат....................58

**АМАЛИ НАНГОВАР**
Ҳ. ЗИКИРЗОДА. Ташаккули маърифати зиддикоррупсионии ҷавонон дар шароити муосир....................60

**ЯК ҲИКОЯИ ПАНДОМЕЗ**
Модари ман мисли дигар модарҳо нест.................... 62

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ МАҶАЛЛАИ «МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР»

**ШУРОИ МАШВАРАТӢ:**

**Раҳим САИДЗОДА,** вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор.

**Абдулло РАҲМОНЗОДА,** ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа.

**Равшан КАРИМЗОДА,** муовини вазири маориф ва илм.

**Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА,** муовини вазири маориф ва илм.

**Муҳаммадтоир САИДЗОДА,** директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Фарҳод РАҲИМӢ,** раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Наврӯз МИРЗОЗОДА,** ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф.

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,** президенти АМИТ.

**Аҳлиддин ИБОДУЛЛОЗОДА,** ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Зулҳия НОЗАКЗОДА,** раиси Иттифоқи касабаи маориф ва илм.

**Бахром ИСМОИЛЗОДА,** сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе.

**Зиёдулло АБДУЛЗОДА,** сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон.

**Гулсара МИРЗОЗОДА,** сардори раёсати маорифи вилояти Суғд.

**Аминҷон МИРЗОҚАНДОВ,** сардори раёсати маорифи ВМКБ.

**Шавкат КАРИМЗОДА,** директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди ВМИ ҶТ.

**МУАССИС**

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аз соли 1926 чоп мешавад.

**САРМУҲАРРИР**

**ДИЛАФРӮЗ ҚУРБОНЗОДА**

*225-82-39*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИР:**

**Ҳомид ҲОШИМЗОДА,** муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Шодӣ САФАРОВ,** президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ.

**Сироҷиддин НИЁЗӢ,** директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои техникӣ.

**Хуршед ДАВЛАТАЛИЗОДА,** сардори Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Ҷ. КАРИМИЁН,** ҷонишини сармуҳаррир.

**Н. ЁҒИБЕКЗОДА,** котиби масъул.

**А. ШАРИФЗОДА,** муҳаррири бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ.

**М. АТОЗОДА,** муҳаррири бахши филологӣ.

**Қ. НАЗАРОВ,** тарроҳ.

**А. САИДОВ,** масъули сомона.

«Маърифати омӯзгор» аз 25.07.2006 таҳти №001-3099 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуда, 1-уми июли соли 2024, таҳти №364/МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис гардидааст.

- Дар маҷалла ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мешаванд, ки идораи нашрия метавонад, бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро бар дӯш нагирад.
- Идора маводро дар ҳаҷми то 8 саҳифаи компютерии ҳарфи андозаи 14-и Times New Roman қабул менамояд.
- Чопи маводи нашрия бо нишон додани манбаъ ва ирсоли ҳатмии нусхаи он ба идораи маҷалла мумкин аст.

**МОРО ДАР ҶАҲОНИ ИНТЕРНЕТ ҲАМРОҲӢ НАМОЕД**

СОМОНАИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

ГУРӮҲИ ФЕЙСБУКИИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

**Индекси обуна: 77570.**
**Андозаи 60x841/8.**
**Адади нашр 6680 нусха.**
**Дар матбааи «Табъу нашр» чоп шудааст.**
**Нархаш шартномавӣ.**

**E-mail: marifati.omuzgor@mail.ru**
**E-mail: m.omuzgor@maorif.tj**
**Сомона: marifatiomuzgor.tj**